

БАҲРОМ ФИРӮЗ

# ГАНҶ АЗ ВАЙРОНА

# БАҲРОМ ФИРӮЗ

# ГАНҶ АЗ ВАЙРОНА

Повесть ва ҳикояҳо



НАШРИЁТИ «МАОРИФ»
ДУШАНБЕ, 1978

**Ф 76**
**Тоҷик 2**

**Фирӯз Баҳром**
**Ф76** Ганҷ аз вайрона. Повест ва ҳикояҳо.
(Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ).
Душанбе “Маориф”, 1976

Повест ва ҳикояҳое, ки дар ин китоб ба шумо пешкаш мешавад, саёҳатест ба ҷаҳони бачагӣ ва наврасӣ. Даврони наврасӣ барои ҳар инсон як ҳаёти тамомест, таҷрибаи минбаъдаи он ба ӯ имкон медиҳад неку бадро, сафеду сиёҳро аз ҳамдигар фарқ кунад. Ин китоб нафақат барои ҷавонон аст, балки дар он масъалаҳои гуногуни ахлоқ, маърифат, одату анъана, муҳофизати муҳит ба муҳокимаи хонанда гузошта шудааст. Қаҳрамонони Баҳром Фирӯз наврасони зираку заранг, бовиҷдон ва заҳматкашанд, ки аксар мисли ганҷ аз вайронаҳо берун омадаанд.

**Фируз Бахром.**
Клад в развалинах.

Ф 70803 – 475 141 – 78
М 501 (13) – 78

Нашриёти “Маориф”, 1976



# РЕШАИ ТАЛХ

## Боби якум

### Се тан дар роҳи ағба. Ғори саркашон.

Миёнаҳои моҳи феврали соли 1962.

Чиллаи зимистон гузашту ҳаво андаке нарм гашт. Офтоб чеҳра намуда, барфҳои се моҳи расо паёпай боридагӣ дар баъзе ҷойҳо об гирифта, аллакай тарафи офтобрӯяи шаху зовҳо луч гашта буд. Дар поён, дар доманаи кӯҳ муғҷаҳои бодом монанди чашми дарднок сурх гашта, ба шукуфтан моил буданд.

Бо вуҷуди нармии ҳаво роҳи ағба ҳоло ба Рашид бар-

фистони Қутбро ба ёд меовард, ки муаллими мактаби ҳаштсолаи деҳаашон Ҳамидӣ расо бо шавқ ба онҳо ҳикоя мекард. Барф... Барф... Барф... Ба куҷое нигаред, барф! Таҳи по – барфи аз зарби пой сахт гаштагӣ, ду паҳлу – теғаю ҷариҳои пурбарф, дар пеш – қуллаҳои барфпӯш... Осмон ҳам бо паға-паға абрҳои тибитмонанд саҳрои барфи кӯҳнаро ба ёд меорад.

Онҳо се тан турнақатор аз пайраҳаи кӯҳсор мерафтанд. Пеш-пеш Самеъ, ҷавони  хушқаддубасти гӯштигир, ғӯзачашми ҷангарае, ки аз алоии чашмаш аксар бачаҳо меҳаросиданд. Дар деҳа аз ваҷҳи вай сухан ояд, мардон мегуфтанд: «Э, вай, писари Дилмурод, худо умраша дароз кунад, зоғчаи мурдагира хобаш бурдагӣ гуфта мефурӯшад». Аз қафои вай Ҳусейни сиёҳҷурдаи миёнақад, фарбеҳи тозарӯ, ки ду лақаб дошт: ӯро барои серпулӣ ва сарфакориаш “Капиталист” гӯянд ҳам, аксар бачаҳо ба вай лақаби «О, гир!» дода буданд. Ин лақабро вай ҳангоми дарси санҷиш гирифт: масъалаи математикаро Ҳусейн кор карду ба тариқи ёрӣ ба сӯи писарамаки бадхонаш дароз карда, бо овози паст «О, гир, о, гир!» мегуфт, ки ба даст афтод. Аз ҳама қафо писари муаллими деҳа Рашиди Камхун ё Ғирғирак меомад. Ӯро барои рангпарида буданаш «Камхун» гӯянд ҳам, барои сертараддуд буданаш «Ғирғирак» лақаб дода буданд. Дарвоқеъ ҳам вай бачаи беқарор ва сертараддуд буд.

Аз қафои онҳо, аммо дуртар, дар масофаи ду санги фалахмон, харашонро пеш андохта Усто-Наҷот ва Ҳақназари ҷувозкаш меомаданд.

Самеъ аз ҳама сабукбортар буд. Дар як халтачаи хурд либосҳои чиркинаш ва як даст либоси навашро андохта, ба пушташ баста буд. Вай раҳравон барфро дар кафи дастонаш лӯнда карда, ҳар замон ба сари яке аз шариконаш мезаду дар

роҳ барфҷанг ба вуқӯъ мепайваст ва дастони ҳар се ҳам аз сармо лаблабу барин сурх мегашт.

Самеъ нисбат ба ҳамроҳонаш зӯрдастиашро намоиш медод ва аз қуввати худ фахр дошт. Ҳар замон мушакҳои дасташро дошта, таранг мекарду зӯрашро ба куҷо кор фармуданашро гӯё намедонист ва бо ғурур «Эҳ–ҳ!» гӯён худ ба худ мехурӯшид. Сонӣ китфу гарданашро даст-даст карда мамнун табассум мекард. Вай беқарорӣ мекашид то ки зудтар ба деҳа расида, сару либоси нави худро пӯшаду як бор аз кӯчаи қишлоқ гузарад. Имсол омӯзишгоҳи касбиро тамом мекунад, бояд ки ба хурду калон худашро писанда кунад. Махсусан, ба духтарон... Ба ғайр аз ин, раис ва дигар калоншавандагони колхоз ҳам бояд ӯро шинохта монанд.

Ҳусейн дар синфи даҳуми мактаб-интернати район мехонд. Азбаски падараш зуд-зуд хабаргирӣ меомад ва худаш ҳам моҳе як-ду бор ба деҳа омада мерафт, вай ба монанди ҳамроҳонаш деҳаро пазмон набуд. Ба ғайр аз ин, вай монанди шариконаш барои таътилгузаронӣ не, ҳамту як-дурӯза ба деҳа меомад. Албатта, вай наояд ҳам мешуд, аммо вақте ки инҳо равон шуданд, ҷудо гашта мондан нахост.

Роҳи пиёдагард печутоб хӯрда торафт аз ҷойҳои пурбарф мегузашт. Дар пеш ағба. Аз ағба гузаранд, он тарафаш деҳа намоён аст.

– Агар бо роҳи калон пиёда равем, кай ба қишлоқ мерасидем? – пурсид Ҳусейн бо рӯмолча араќи болои бинӣ ва пешониашро пок карда. Болои бинии вай зимистону баҳор, хоҳӣ гармо бошад, хоҳӣ сармо, доим арақ мекард.

– Эҳ-ҳе-е!.. Раҳи калон катӣ... Саҳар баройӣ, хуфтан мерасидӣ. Ҳазл не, чил километр! – гуфт Самеъ дар ҷавоби ӯ, агарчи чил километр будани роҳ ба ҳамаашон маълум бошад ҳам,

боз таъкид карда.

– Раҳи ағба наздик, – гуфт Ҳусейн, вале хавотириашро изҳор накард.

Дар ин раҳ калларо нағз кор мефармой, ҷӯра! Парерсол Ҳоҷию Қубод ҳӯ-ӯ, ана, дар таҳи ҳамун санги сиёҳ ба таги барф рафтанд. Дар ин ҷоҳо аз раҳ чор қадам барой, тамом! Рӯи барф ях кардагӣ, лекин тагаш орди нав аз осиё бардоштагӣ барин.

– Баъди барф об шудан мурдаҳошона ёфта оварданд, ман ҳозир будам, – гуфт Ҳусейн бо андӯҳи гарон.

– Барфи ин ҷоҳо чуқур не... – ба гап ҳамроҳ шуд Рашид.

Аммо Самеъ сухани ӯро то охир нашунида, ба вай дарафтод:

– Чуқур не?! – тамасхур кард вай. – Чор қадам рав, очата мебинӣ!

– Чуқур не, лекин таҳи пой нишебу лағҷонак. Ҳамин ки поят ғӯтид, шуввас карда аз таги барф поён меравӣ, дигар рост шуда наметавонӣ. Албатта, ҳӯ, ана он пастиҳое, ки ҳозир ҳамвор метобанд, барфашон чуқур аст...

– Пастию баландӣ як хел, барфаш аз як қади бом кам не! – дар сухани худ истодагарӣ кард Самеъ.

– Шамоли ин ҷойҳо сахт, барфа дар чуқуриҳо ғун мекунад. Агар шамоли боло хезад, ана, ҳамин таги поямона таптақир мекунад. Шамол барфа рӯфта ба пастӣ мебарад. Пор зимистон додом катӣ  меомадем, ана, ҳамин ҷойҳо ҷорӯб зада рӯфтагӣ барин буд, – гуфт Рашид.

– Набошад, имсол шамол ҷорӯб назада гузаштаст-дия! – писханд кард Самеъ. – Аҷаб не, порсол чашми тую додота аҷинаҳои Ғори Саркашон бастагӣ... Ҳой-ноҳой, дойраю думбакаш набуд охир?! Нашунидӣ? – ба мазоҳкунӣ сар кард

вай. – Як қамчин аҷина асар накардагӣ бошад, додот раҳи равон худ ба худ лабханд зада намегаштанд... Рости гап.

Рашид дар ҷавоби ӯ писханд карду ҳарфе назада даст афшонд ва лаҳзае аз роҳ истода банди халтаи калони пуштораашро тарангтар кашиду борашро болотар гирифт. Панҷшашто китобҳои аз дӯкон харида хондагиаш ҳоло бори ӯро вазнин карда, пушташ арақшор гашта буд. Ҳамроҳонаш ба китобхарии ӯ бо тамасхур менигаристанд. Самеъ, умуман, китоб катӣ хушаш. Ҳусейн агар китоб харад ҳам, фақат китоби дарсӣ мехарид. «Агар шеъру қисса хонданӣ шавам, ана, китобхона пур-пури китоб! Ҳамаи онро хонда фурорам, сонӣ пул дода мехарам», мегуфт. Рашид дар ҷавоб мегуфт, ки китоби дилписанди кас доим сари дасташ бошад, беҳтар аст, ҳар гоҳ дилат хоҳад, гирифта саҳифаҳои нағзашро такрор мехонӣ. Китоби китобхона пули дар бонк будаги барин, азони ту, лекин аз сари раҳат чизи зарур барояд, кор намеояд.

– Аз ин як даҳ сол пеш дар ҳамин роҳ додои мана аҷинаҳо миёнагир кардагӣ, – танoби суханро гирифт Ҳусейн. – Шаб аз район меомадаанд, ба Ғори Саркашон расамнарасам овози дойраю думбак, боз ким-чӣ хел нағмаю усул мебарояд. Нигаранд, аз қафояшон як тӯда зану мард дойра зада, усул карда меоянд. Дар дасташон алав. Аспа қамчин зананд, қамчини дасташон алав гирифтаст. Сонӣ чашмашона сахт пӯшидаанду аспа «чу» гуфта, калима гардондаанд, ёсин хондаанд. Сонӣ ҳамааш ғайб задааст. Бо вуҷуди ин, омада як моҳ касал хоб карданд.

– Амаки мана ҳам як шаб миёнагир кардагӣ. Он кас милтиқа гирифта, баробар ҳар ду куланга зер кардаанд, ду тир баробар шиллик занад, аҷина-паҷина намондаст! – гуфт Самеъ аз кори амакаш ифтихорманд сар ҷунбонда.

– Наход, ки ба ҳамин хел гапҳо бовар кунед?! – гуфт Рашид маломатомез, аз рӯи одаташ дари баҳсро кушода. – Ба чашми одаме, ки ба ҷину аҷина бовар мекунад, ҳамин хел менамояд. Баъзе ҳангоматалабҳо нанамояд ҳам, аз худ мебофанд.

– Ғирғирак, ягон гапи нав гуй, – фавран ба даҳони вай зад Самеъ.

– Ин гапа аз муаллимон мо ҳам шунидагӣ, – тақвият дод ӯро Ҳусейн.

– Аҷинаҳо анголики вай, номаш чӣ буд, осиёбона кач кард, ин ҳам ба чашмаш намудагӣ?!

– Албатта!.. Аз тарс, аз асабоният манаҳ не, лаб кач мешавад, – сухани ӯро ислоҳ кард Рашид.

– Охир, анголики вай ҳоли ҳам кач! Ин ҳам ба назар намудагӣ?

– Аз тарс... Ҳамин хел мемонад...

– Э, хез-е! – мазоҳ карда хандид Ҳусейн.

– Ҳой, Ғирғирак, ба ман нигар, – ором намегашт Самеъ. – Осиёбон дар духтурхонаи район ду маҳ хоб рафт, анголикаша соз карда натавонистанд-а? Кач шуда монд. Ана, Ҷаббори новчагӣ духтур-пухтур нагуфту ба Мулло Ҳоҷӣ хононд, сип-сиҳат шуду рафт! Ба ин чӣ мегӯӣ?!

– Додом мегӯянд, ки дардҳои муллогира духтур сиҳат карда наметавонад, дарди духтуриро мулло. Ҳатто Мулло Ҳоҷибек рӯирост гуфтаанд: ин дардат духтурӣ, фурсатро нагузарону тез ба духтур нишон деҳ! – гуфт Ҳусейн.

Рашид хомӯш монд.

Дониш ва фаҳмиши вай ҳанӯз ба ӯ имкон намедоданд, ки ба шариконаш оид ба хосияти дардҳои асабу рӯҳ, илми психотерапия, ки аз қадим ҳамчун як навъи табобат дар деҳот

маъруф аст ва аз ин сабаб дар байни мардум баъзе дуохонҳо таъсиру эътибор ёфтаанд, ҳикоя кунад.

Дақиқае чанд ҳар се ҳам хомӯш гаштанд. Ҳар яке ғарқи фикру андешаҳои худ бо мӯзаи брезинтӣ ва ботинкаҳо яхчаи раҳро шақар-шақар шикаста қадам мезад. Дар куҷое тарма афтод. Гумбурроси нохуше шунида шуд, ки ба садои кунди заминҷунбӣ шабоҳат дошт.

Рашид як ҷавони лоғару резаҷусса, айёми зимистон бештар аз дигарон дардманд буд, вале ба зуд-зуд шамолхӯриаш нанигариста аз ҳеҷ сайру сафар намемонд. Вай дар курси дуюми омӯзишгоҳи тиббӣ таҳсил дошт. Ҳоло имтиҳоноти нимсоларо бо баҳои аъло супурда, ба назди падару модараш, ки ду моҳ боз надида буд, шитоб дошт. Азбаски сиҳатиаш пойдор набуд, падараш – муаллими деҳа таъкид карда буд, ки зимистон аз роҳи ағба наоянд, ин раҳ мудом ягон хел «нағма» дорад: меғи торик, бӯрони ногаҳонӣ, тарма... Аммо Рашид аз ҳамраҳонаш ҷудо гашта натавонист.

Онҳо то наздикиҳои ғори Саркашон хомӯш рафтанд. Даҳани ғор ду хамгашт он сӯтар намудор гашту қариб ҳар се баробар ба сухан даромаданд.

– Фақат ман даромада ин ғора дидагӣ! – ба худситоӣ сар кард Самеъ. – Шумоён дилу гурдаи ба ин ғор даромадан надоред! – мегуфт вай нописандона.

– Пештар дар ин ғор урдуи дуздон будаст. Шабҳо баромада қишлоқҳоро тала мекардаанд, – гуфт Рашид аз сиёҳии даҳони ғор чашм наканда.

– Духтаронаduздида дар ҳамин ҷо руст мекардаанд, – илова кард Ҳусейн.

– Ҷои касофат буд мегӯянд... – гуфт Рашид беэътино. – Аз амир гурехтагӣ ҳам, аз ҳукумат домангир ҳам дар ҳамин

ҷо руст мешудааст. Барои ҳамин номаш «Ғори Саркашон».

– Не-е, – Самеъ ба вай эътироз кард. – Номи ин ғор аз қадим Саркашон.

– Дар замони пеш ҳам ҳукумат будагӣ, – тавзеҳ дод Рашид.

– Аслан, «Саркашон» не, «Саркафон» мегӯянд. Ба қишлоқ рафта пурс, ҳамаи мӯйсафедон ҳамин хел мегӯянд.

– Кӣ медонад, балки ҳозир ҳам аз дарунаш ба мо ягон кас менигарад, – гуфт Ҳусейн ба баҳси рафиқонаш эътиборе надода.

– Бед, як бор медароем, – пешниҳод кард Самеъ.

– Дар ин вақти сол дар кӯҳ мондан хатарнок аст, бачаҳо, ҳамин замон ҳаво вайрон шавад... – огоҳ кард Рашид.

– Ман ҳам намедаром, аз бало ҳазар, мабодо гург-пург хоб бошад... – Ҳусейн ҳам ба ғордаройӣ розӣ набуд. – Аз одам-подам намеҳаросад.

– Ҳой, бегурда! Мо се кас, наход дар рӯзи равшан...

– Гург ҳам ин вақти сол тӯда-тӯда мегардад, – ба ҳеҷ вачҳ тан намедод Ҳусейн.

– Ҳолӣ ба ғор наздик нарафта, бадани Ҳусейн ба ларза даромад, – хандид Самеъ.

Ҳоло онҳо аз он роҳҳое мегузаштанд, ки дар ин фасли сол ҳангоми гузаштан бағоят эҳтиёт будан, дар роҳ таваққуф накарданро раҳбаладон ҳамеша ба сайёҳони аз кишварҳои дигар омадагӣ таъкид мекунанд. Албатта, ин се тан ҳам он қоидаҳоро аз хурдӣ шунида, борҳо натиҷаи нохуши беэҳтиётии одамонро дида буданд, вале гумон мекарданд, ки наход фалокат маҳз ба сари онҳо ояд.

– Дарунаш гармакак... Бед гарав, ман даромада як шаб хоб рафта меравам! – аз ҳад зиёд даҳанкалонӣ мекард Самеъ.

Вале Рашиду Ҳусейн ба худситоии ӯ эътироз баён накарданд. Ҳар яке дар дил мегуфт: «Афсӯс, ки ин ҷо мавқеи гапгузаронӣ не. Хайр, лаққидан гир, аз ағба саломат гузарем, сонӣ... Ҳозир тезтар қадам мон».

Дар боло, дар паҳлӯ – аз ҳар тараф зову теғаҳои даҳшатафкан, дар поён шаху дараҳои махуф. Пайраҳа аз камари кӯҳ мегузашт.

Хирман-хирман барфҳои азим дар бағали қуллаҳои баланд теппа-теппа истода, гӯё ба фармоне нигарон буданд.

Камтарин ҷунбише, ҳатто таҳрики бод ва садои баландтаре метавонад онҳоро ба фалокати даҳшатовари кӯҳсор водор созад. Тарма бо қувваи азиме ба поён мепарад, дар сари роҳаш ҳар чӣ ҳаст – хоҳ санг, хоҳ дарахт – ҳамаро рӯфта мебарад.

– Рашид, муаллим суръати тармаро чӣ қадар гуфта буд? – пурсид Ҳусейн ғолибан дар дилаш таҳлукае пайдо гашта.

Ба Рашид чунин намуд, ки вай худро ба сӯҳбат машғул доштан мехоҳад.

– Дар як соат 150 километр, – мухтасар ҷавоб дод Рашид. Ҳоло вай, аз чӣ бошад, ба дароз кардани сухан чандон рағбат надошт.

– Очаам мегӯянд, ки чандин сол пештар ба як одам, номаш дар ёдам намонд, аз қишлоқи худамон будаст, шамолаш расида гузарад, мурда мондаст, – гуфт Самеъ.

– Шамолаш то ним километра дарахта мешиканад. Масалан, тарма ҳӯ, аз он нова гузарад, аллакай шамолаш тура аз пой меафтонад, – гуфт Рашид бо дастонаш новаи дар пешгаҳи ин дараи кӯтоҳ воқеъ будагиро нишон дода.

Лаҳзае ҳар се хомӯш монданд. Аз ким-куҷои дур садои тарма аранг ба гӯши онҳо расид.

– Э-э, аз тақдиру пешонӣ-да! – гуфт Самеъ оқибат даст афшонда. – Аз тарма мемурӣ гӯён дар пешониат навиштагӣ бошад, мемурӣ. Аз қисмат гурехта намешавад, – гуфт ӯ сухани аз куҳансолони деҳа борҳо шунидагиашро такрор карда.

Ба вай ҳеҷ кас ҷавоб надод. Равшан буд, ки ба сухани вай ҳеҷ кадоме аз шариконаш ҳамраъй нест. Дарвоқеъ, ҳеҷ кас дар қисматам навиштагӣ будаст гӯён худро ба таҳи тарма андохтан намехоҳад, аз ҳама пеш худи Самеъ намехоҳад, бинобар он, ин баҳси беҳуда чӣ даркор аст.

– Ягон хел асбоби аз тарма халос мекардагӣ набошад, а? – пурсид Ҳусейн.

– Чӣ хел асбоб мешавад?! Асбоб-пасбобата зада яксон мекунад, – гуфт дар ҷавоби вай Самеъ, ки одатан ба ҳар саволе ҷавоби тайёр дошт ва бе ҳеҷ андешаи амиқ ҳар чӣ ба забонаш ояд, мегуфт.

– Ягон хел асбоб сохтан мумкин будагист, – гуфт Рашид бо эҳтимол.

– Э, хез-е!

– Масалан... Агар як балонча гази фишурдагӣ бошаду пуфаки калоне... кутраш панҷо сантиметр ё зиёдтар... Одам зуд ба ҳаво бардошта мешавад.

– Сонӣ чи хел мефурод?! – Заҳрханда кард Самеъ.

– Оҳиста мефурояд... Газро каме сар медиҳад.

Ба даҳани ғори Саркашон расидаанду боз гуфтугузор ба ин мавзӯъ кӯчид: ҳар яке аз хусуси ин ғори пурасрор донистагию шунидагиашро ба гуфтан шурӯъ кард. Чӣ саргузаштҳои пуриғроқе! Рашид ба ҳунари қиссабофии мардум дар дилаш аҳсан мегуфт. Ба дил мегуфт, ки агар ҳамаи ин саргузашту қиссаҳоро ба навори магнитофон сабт кунанд, китоби шавқоваре мешавад. Албатта, пӯчоқаш бофтаю хаёл аст, ле-

кин мағзаш ҳикмате дорад. Ана, дар хусуси Зартеппа қисса гӯянд ҳамаашро дурӯғ мегуфтем, чандон дурӯғ набудаст, бостоншиносон хазинаи мардумони пешинро ёфтанд... Одамони замони мо одат кардаанд тамоми гапу кори ба гузашта тааллуқмандро мавҳумот шуморанд. Барои андешаи чуқур фурсат надоранд ё коҳилӣ мекунанд.

Ғор ҳамагӣ аз роҳ бист-сӣ қадам дар канор, ба сӯи раҳгузарон бо як ҷаҳон асрор менигаристу имкон намедод, ки аз наздаш одамон бепарво гузаранд. Албатта, ҳар яке аз ин се тан аз ин роҳ ҳамроҳи падар ё дигар наздику пайвандонаш гузашта буд, вале мисли ҳозира ба майли худ, ҳамроҳи ҳамсолон нагузашта буд, то ки аз даҳани он ақаллан як бор ба дарунаш нигарад. Калонсолон ба ғор наздик шудан намехостанд ва ба бачаҳо ҳам иҷозат намедоданд, то ҳисси кунҷковиашонро қонеъ кунанд. Онҳо аз ин ғор касофатҳо дида буданд, балки аз ҳамин сабаб ба он рағбате надоштанд. Вале бачаҳо ба ҷуз саргузаштҳои пурмуҳоботи онон аз ин мӯъҷизаи табиат ҳанӯз ҳеҷ накбате надида буданд. Ба ғайр аз ин, Самеъ баринҳо таърих ва ривояти гузаштаро афсонае беш намешумурданд ва ба саргузашти мардуми солдида низ эътимоде надоштанд. «Ту ба ман аз рӯи газит гап назан», мегуфт вай дар ҷавоби онҳое, ки ҳақиқати воқеаро ба вай талқин мекарданд.

Ҳоло Самеъ бо ғурур ба ҳамроҳонаш рӯ оварда довталабӣ дошт:

– Кӣ ман катӣ гарав мебандад?.. Аз панҷ сӯм гарав – ба ҳамин ғор даромада мебаром!

– Ҳамин ҳам ҷасорат шуд?! Ман ҳам аз дараш ба дарун пой мемонаму гашта мебароям, – гуфт дар ҷавоби вай Рашид.

– Не, ман чӣ қадар хоҳед, меистам, – далертар мегашт Самеъ.

Ҳар се аз роҳ истоданд. Онҳо аз даҳони ғор ҳамагӣ даҳ-понздаҳ метр дур буданд.

– Биё гарав! – Ҳусейн ба сӯи Рашид шумхандае карду ба Самеъ даст дароз кард. – Гап якта: чӣ қадар хоҳам, меистӣ!

– Меистам! – Самеъ мисли ҳамеша фикр накарда дасти ӯро гирифт.

– Агар наистӣ, ана, Рашид гувоҳ, ту панҷ сӯм медиҳӣ!

– Медиҳам! Гӯй, чӣ қадар истам?

– Ту даро, ман кай баро гӯям, сонӣ мебароӣ!

– Мана! – Самеъ сарангушташро аз байни ду ангушташ бароварда нишон дод. – Аҳмақата ёфтӣ!

– Ёфтам!

– Ту аҷаб не, рӯзи душанбе додот катӣ гашта омада «баро» гӯй? А?

– Инаш – кори ман. Кай хоҳам.

– Ин мумсик чӣ хел гаравбоз шуд гӯён ҳайрон мондам-а!

– И-и, нигаред, гург! – ногаҳ Рашид бо ангушти ишорат пешгоҳи дараро нишон дода хитоб кард.

– Э, рост, гурге!

Ҳар се тан баробар, дар ҷои истодагиашон шах шуданд.

– Мора надидаст... ҳозир метарсонем, – гуфт Самеъ. – Баробар ҳуштак мекашем. Ҳа, як, ду, се!

Ҳар се ангушт ба даҳон зада баробар ҳуштак кашиданд. Сонӣ баробар фарёд заданд:

– Тарси-ид-д!..

Баробари фарёди онҳо як тармаи хурд париду чанг хезонд ва мисли сел аз бағали қулла ба поён ҷорӣ гашт. Бачаҳо саросема ба қафо гурехтанд. Тарма ҳамагӣ даҳ-понздаҳ қадам он сӯтар аз ҷои аввал истодагии онҳо сойча катӣ шорида ба поён рафт. Роҳи даруни сойчаро барфи тоза гӯё мола карда

гузашт.

Се тан бо чашми ҳайрат ва даҳони боз сели барфро нигариста лаҳзае шах шуданд.

– Бед, як кор кунем, – пешниҳод кард Самеъ. – Оҳиста гузашта ба даруни ғор руст мешавему пайи поямона шох кашида нест мекунем. Ку, бинем, Усто-Наҷоту Ҳақназари Ҷувозкаш чӣ мекунанд. А? Рафтем.

Онҳо рӯи паи пои якдигар пой монда аз раҳи тарма гузаштанду Самеъ шохи бодомеро шикаста ба рӯи барф кашола карду паи пойро нест намуд. Сонӣ ҳар се пешу қафо ба ғор даромаданд.

– Эҳ-ҳе, расо калон будаст-ку! Хона барин-е!..

Сухани Самеъ дар даҳонаш монд. Садои даҳшатангези аз теға ҷудо шудани тармаи азим гӯё замину замонро ларзонд. Онҳо як қад парида аз даҳони ғор ба кӯҳ нигаристанд ва ҳамоно худро ба дарун гирифтанд.

## Б о б и   д у ю м

## Дар зиндони табиат

Ба онҳо чунин намуд, ки гӯё қувваи номаълуме онҳоро бардошта ба дарун ғурронд. Замин чаппаю роста шудагӣ барин, дар назарашон чарх зад, садои гӯшкаркунандае, зарбаи мудҳише... Гӯё дар хоби шаб онҳоро сиёҳӣ пахш карда бошад. Баъд хомӯшии аз даҳшати садои тарма ҳам мудҳиштаре ба миён омад.

Лаҳзае дигар аз миён гузашт ва ҳар яке андаке ба худ омада менолид, аммо ҳеҷ яке ҳанӯз сарфаҳм намерафт, ки ин ҳама даҳшатро дар хоб мебинад ва ё воқеӣ аст. Онҳо чашм кушода ҳама ҷоро дар торикии зулмат диданду бештар ба ваҳм

афтоданд.

– Ҳо-о-ойй!.. Ҷӯраҳо!.. Рашид! Мурда-а-амм! – девонавор наъра кашид Самеъ. Баъд якбора хомӯш гашт.

Ҳусейн ҳушу беҳуш менолид, Рашид оҳу воҳ мекард. Самеъ боз фарёд кашиду Рашид тамоман ба худ омад.

– Самеъ... Самеъ... Натарс... Натарс... Ин, ҳамту... тарма... даҳани ғора баст... Натарс! – Рашид канда-канда, монанди маҷрӯҳон ба сахтӣ ин суханонро гуфту боз хомӯш гашт.

Самеъ овози ӯро шуниду дар куҷо буданашро таъин кард: дур не, се-чор қадам қафотар. Вале худаш ҳам монанди Рашид маҷоли сухан гуфтан надошт.

Рашид кам-кам ба худ омада, ҷароҳатҳои сару рӯяшро, дасту пояшро даст-даст карда дид: шитолинги пои чапаш сахт зарб хӯрдасту сараш, ҷароҳати дасту зонуяш сабук. Ин дам Самеъ ба ҳазён гуфтан даромаду авзои ӯ Рашидро ба ташвиш андохт: мабодо аз тарс ягон бало занад. Вай овоз баровард:

– Самеъ! Самеъ... Дар куҷоӣ? Гапи мана мешунавӣ?

– Рашид?.. – Катъӣ ва бо шиддат пурсид вай. Овозаш ба гӯши Рашид дигаргуна садо дод. – Туӣ ё?.. Ку, боз овоз барор! Гап зан ку!.. Эҳ... – вай зери лаб ғурунгос зада ким-чиҳо мегуфт.

– Самеъ! Ба ман нигар, натарс, ин ман – худам! Чӣ метарсӣ? Кӣ мешуд?! Ҳой, ба ман нигар, Ҳусейн дар пеши ту?

– Рашид... Рашид... Рашид... – вай ба ғайр аз номи Рашид дигар сухане намегуфт ё гуфта наметавонист.

– Ҳой, чим ист! Хап шав! – Рашид тамоман ба худ омада, ӯро хомӯш кард, то ки дараки Ҳусейнро ёбаду ба ҳодисаи рӯй додагӣ возеҳтар сарфаҳм равад.

Ин дам аз кунҷе Ҳусейн нолаю фиғон сар кард:

– Кӣ ҳаст?.. Ҳой, шумоён куҷоед? Наравед.

– Натарс, тура монда намеравем, – гуфт Рашид.

– Очаҷон!.. Мурдем... Чӣ шуд-а?.. Чӣ шуд? Дев-пев будаст-чӣ? А?.. Чӣ кор мекунем? – гиря оғоз кард Ҳусейн. Дар овози вай, дар нолиши вай як навъ даҳшати марг, фоҷиаи кобус ба гӯш мерасид.

– Хап шав!.. Як нафас ҷим шавед!

Ҳама хомӯш шуданд. Ҳусейн ба азоб ҳиқ-ҳиқи худро фурӯ шинонда бошад ҳам, аз шақаррос зада ба ҳам хӯрдани дандонҳояш маълум буд, ки ӯ дарақ-дарақ меларзад.

– Чӣ воқеа шуд?.. Дара кӣ баст-а? – оқибат ба хомӯшӣ тоб наоварда бо даҳшат пурсид Ҳусейн.

– Ҳа-ҳа, дара ки баст? – Самеъ ҳам ба саволи ӯ ҳамроҳ шуд. – Дев будагист-чӣ? А? – бо шубҳа ва хавотирӣ мепурсид ӯ. – Ё тарма фуромаду...

– Дев-а! – ришханд кард Рашид. – Тарма дари ғора баст, вассалом! – гуфт Рашид гӯё аз афтодани тарма пешакӣ хабардор бошад.

Агар вақти дигар бошад, барои ин хел донотарошиаш шарикон Рашидро ҳадафи мазоҳу тамасхур мекарданд. Азбаски ҳоло ҷои гап набуд, ҳеҷ кас ба оҳанги сухани вай эътибор надод.

– Тарма?.. Сонӣ замин ҳам ҷунбид-а? – пурсид Ҳусейн.

– Тарма. Дидӣ-ку! Тармаи зӯр, – вале аз оҳанги суханаш равшан гашт, ки худи Рашид ҳам бо тахмин мегӯяд ва шубҳа дорад.

Онҳо дақиқае чанд боз хомӯш нишастанд. Сипас, диданд, ки дигар ҳеҷ ҳодисае ва хавфу хатаре нест, қариб ҳар се баробар ба сӯи даҳани ғор ҳаракат карданд. Аз тарафи берун на садое ба гӯш мерасид, на таҳрикеву ҷунбише. Гӯё ба олами дигаре афтода бошанд, якбора дили ҳар серо ҳам даҳшат

гирифт ва онҳо фалокати ба сарашон омадаро қиёсан дарк карданд.

– Ба даҳони ғор барфа оварда тамба кардаст, – гуфт Рашид барфро бо дасташ палмосида. Баъд илова кард: – Санг ҳам афтодаст... Ҳеҷ гап не, мекушоем, – гуфт вай монанди ҳамеша дилпур.

– То бегоҳӣ мекушоем? – пурсид Самеъ ба рӯи Рашид зеҳн монда.

Рашид, ки ин лаҳза барфу санги ба даҳони ғор афтодагиро даст зада медид, оҳиста ҳуштак доду барои натарсондани шарикон «Кӣ медонад...» гӯён китф дарҳам кашид.

– Чӣ хел мекушоем? – Ҳусейн аз ин кори Рашид мазмун гирифту дар талвоса афтод. Вай гоҳ ба сӯи Рашид хам мешуд, гоҳ ба рӯи Самеъ, вале дар торикӣ авзои онҳоро нафаҳмида хун мехӯрд.

– Чӣ хел мекушоем?! – норозиёна ғур-ғур кард Самеъ. – Барфа мековем, раҳ мекушоем-да... Дигар илоҷ надорем, – вай «чӣ мегӯӣ» гуфтагӣ барин ба Рашид нигарист.

– Сӯзан мегузаштагӣ ҷой намондаст-е! – бо даҳшат иқрор кард Рашид. – Барф... Барф қатӣ санг... Сангҳои калон-калон афтодаст... – Сонӣ аз дилаш гузашт: «Додом мегуфтанд-а, бало ба одам кор надорад, одамӣ худаша ба бало мезанад... То синни чил бало мегурезаду одам аз дунболи вай метозад, баъди чил бало аз дунболи одамӣ меафтад... Агар рост ба раҳамон гузашта мерафтем, ҳеҷ гап набуд...»

Ҷое, ки даҳ дақиқа пештар даҳани ғор буд, ҳоло девори барфу санг беш набуд. Ҳатто боварашон намеомад, ки ин ҷо даҳани ғор буд, бо шубҳа ба атроф менигаристанд. Торикӣ ба дилҳо ваҳм меангехт.

– Ғалатӣ, – гуфт Самеъ бо овози ларзон чор атрофро ба

тафтиш нигариста. Дар овози вай фоҷиаи маъшум ва ноумедии то ҳол гӯшношуниде эҳсос гашту ҳама ба якборагӣ маъюс монданд.

– Тарма катӣ ин сангҳо афтодаст?.. А?.. – ба ҳақиқати ҳол ҳеҷ бовар намекард Ҳусейн ва гаштаю баргашта пурсон буд.

– Раҳи дигар нест-а? – акнун худаш мепурсид Самеъ. Вай ҷавобе нагирифта ба рӯи шариконаш нигарист: – Чӣ кор мекунем-а?.. Ҳой, Рашид, гап зан охир?

Ҳусейн ҳиққос зада ба гиря даромад. Самеъу Рашид ҳам азбаски ба гиристан наздик буданд, ба вай имкони тасаллибахшӣ надоштанд.

– Се кас баробар тела кунем-чӣ?.. Аввал барфаша кофта ба пеш кашему сонӣ... – пешниҳод кард Рашид, вале ҳамоно шубҳаи худро изҳор намуд: – Лекин ин сангҳо меҷунбидагӣ барин не. Санг болои санг, санг болои санг...

– Бед, баробар... як зӯр занем... – Самеъ пеш гузашту бо дастонаш барфро кофтан гирифт.

– Халтаи ман гум... Зери барф мондаст... – гуфт Ҳусейн паёпай дами сард кашида.

Ин сухани Ҳусейн ба Рашиду Самеъ тир барин расид. Самеъ ба вай як ало нигаристу дашноме дод, ки онро ҳар кас ба забон намегирад ва навиштан аз одоб нест. Рашид ҳарфе назад, ҳатто пинакашро вайрон накард, фақат оҳиста ба тарафи девор туф кард.

– Дар халтаи ман майиз буд, мехӯрдем, – суханашро эзоҳ дода худро сафед кардан хост Ҳусейн. – Дар ин ҷо чӣ мехӯрӣ? То омада халос мекунанд, ки пой дароз кардан мумкин.

– Заҳра мехӯрӣ! Фаҳмидӣ?.. Омада халос мекардаанд! – Аз рӯи қабати харсангҳои афтодагӣ барфро кашида,

мушоҳида мекард Самеъ. – Баъзеашон сангҳои хурд... Калонаш ҳам ҷунбонда мешудагӣ, лекин аз боло сангу барфи бисёре зер кардааст.

– Самеъ, ту хам шав, ман сабуктарам, ба пуштат баромада, болоша мековам, барфаш резад, канӣ...

–Э, бефоида... Камаш як қади бом барф... – даст афшонд Самеъ. – Кори намешудагӣ.

– Хайр, ҳеҷ набошад, барфаш резад, равшанӣ медарояд-ку! – дар фикри худ истодагарӣ кард Рашид.

Ҳамчунон карданд. Вале маълум гашт, ки тарма ба майдони даҳани ғор сангу барфи зиёдеро оварда зер кардааст. Қадре барфи ордак рехту нӯги чӯб ба санг бархӯрд.

– Чӣ кор мекунем-а? – Самеъ бо умед ба Рашид нигарист.

Вай китф дарҳам кашид. Чашмаш ба кунҷу канори дар банд буд. Баъди он, ки дақиқае чанд барфу санги ба дар фурӯ рехтагиро мулоҳиза ва мушоҳида кард, гӯё худ ба худ мегуфта бошад, ғурунгос зад:

– Агар хӯрок медоштем...

– Чӣ мекардӣ? – гӯё аз хӯрок бомбаи кӯҳтарконӣ месохта бошад, бо умед ба чашми Рашид нигарист Самеъ.

– Чӣ мекардем?! Хӯрда баҳорро нигарон мешудем.

– Эҳ-ҳе... То баҳора... – ноумедона даст афшонд Ҳусейн. Сипас, боз ба нолаю фиғон сар кард: – Э, худоҷон... Мора аз ин бало халос кун... Мо чӣ гуноҳ кардем-а?..

– Мурдем, ҷӯраҷон, мурде-ем! – Самеъ ҳам фиғон баровард. – Зинда дар гӯр шудем, ҷӯраҳо!

– Натарсед, намемурем. Одамон моҳ-моҳ бехӯрок зиндагӣ кардагӣ. Фаҳмидед? – Рашид онҳоро тасаллӣ додан хост, вале суханаш асаре надошт.

– Ман розӣ... Ҳар чӣ гӯед, ман розӣ... Фармоед, ман

ҳозир чӣ кор кунам? – гуфт Самеъ нолон-нолон.

– Гиряю ноларо монед, ҷӯраҳо. Фикр карда, ягон чора ёфтан даркор. Фикр кунед, ягон ҳисоб меёбем... Балки кам-кам барф кашида, сангҳоро шикастан даркор. Чӣ катӣ шикастан мумкин?

– Надонам, – ин фикр Самеъро ҳам ба рағбат овард. Ӯ аз ҷо бархоста сангеро ба даст гирифту ба сангҳои афтодагӣ ҳар қадар зад, аммо аз санг парахае напарид, баръакс, санги дар дасташ будагӣ пора-пора гашт.

– Ин хел не, – гуфт Рашид. Аммо чӣ хел амал карданро худаш ҳам намедонист. – Агар ягон табар ё оҳанпора мебуд...

– Дар ин ҷо табар чӣ мекунад?! – бо сухан даромад Ҳусейн.

– Гапу кори мешудагиро гӯй, – дилтанг шуд Самеъ.

Се тан дар пешайвони торики ғор нишаста бошиддат фикр мекарданд, дар майнаашон ҳуҷайраҳои беҳаракат-таринро ҳам ба ҷунбиш оварда, чорае ёфтан мехостанд, вале мушкили онҳо аз мушкилоти бо зӯри ақл ҳал мегаштагӣ набуд.

– Сабилмонда... – сар меҷунбонду худ ба худ изҳори ҳай-рат мекард Рашид. – Тасодуфа бинед-а, дар пеши ин ғор як нафас истодему дар ҳамин вақт тарма афтад!

– Сафсатахониро мону фикр кун, чӣ хел аз ин ҷо мебароем? – Самеъ ки баъди фалокати рӯй додагӣ андаке ҳалимтар гашта буд, тадриҷан боз ба асли худ меомад.

– Се кас баробар фарёд кунем чӣ? – мепурсид Ҳусейн. – А?: Аздусар кофта мебиёнд... Ё ҳоли барвақт аст? Усто Наҷоту Ҳақназари Ҷувозкаш ҳам рафта монданд-да.

– Ҳа, гузашта рафтагистанд? Ё тарма роҳа басту...

– Агар тармаро дида бошанд, ба деҳа рафта гӯянд, даррав одам меояд, – ҳоло навбати мулоҳизаронӣ ба Ҳусейн

расида буд магар, бетаваққуф гап мезад.

– Оянд ҳам, мебинанд, ки аз мо ному нишон нест, рафта азо мекушоянд, – гуфт Рашид бо андӯҳ.

– Дар ғор руст монданамора намедонанд?

– Кӣ медонад, – китф дарҳам кашид Рашид.

Ҳусейн боз ба нолаю зорӣ сар кард. Ӯ Самеъро маломат мекард, ки ба ғордаройӣ ташвиқ карду ин фалокатро ба сари онҳо овард.

– Омада фарёд кунанд, мешунавем ё не? А?.. Агар мо фарёд кунем, онҳо мешунида бошанд? – бо умед ба Рашид нигарист Самеъ.

– Гӯш кун, аз берун ягон овоз мешунавем? – Рашид бо ин савол онҳоро ба ишораи даст ба хомӯш будан амр карду лаҳзае гӯш қимор нишаст. Сипас, баъди дақиқае сукунати том гуфт: – Ба фикрам, овоз намеояд, барф ғафс. Хайр, агар ба даҳани ғор наздик омада фарёд кунанд, гапи дигар.

Онҳо бори аввал дар зиндагӣ ба ин гуна ҳоли мушкил ва беилоҷ афтода буданд ва ҳанӯз дар як гӯшаи дили ҳар яке умеди наҷот фурӯзон буд. Чашмдор буданд, ки қисмат ба онҳо ҳаргиз ин хел бераҳмӣ накардааст ва намекунад. Чунин менамуд, ки ин ҳам яке аз имтиҳонҳои навбатии ҳаёт ва ё ҳазлу шӯхии бебоконаи он аст. Аз деҳа кофта меоянд ё ягон чораи дигар пеш меояду онҳо халос мешаванд. Бояд диловарона истодагарӣ кард, то ки сонӣ дар назди ҳамдиёрон, ҳамсабақон сарро баланд бардошта, бехиҷолат гап зананд. Фақат Рашид, Рашиди маҳинчусса, ки баъди хатми мактаби ҳаштсолаи деҳа ба омӯзишгоҳи тиббӣ дохил шуда, орзуи духтуршавӣ дошт, ба ин гуна наҷоти осон ба шубҳа менигарист ва оқибати корро фикр карда дилашро ваҳм мегирифт.

Падараш муаллими мактаби деҳа. Вай дар хонавода

фарзанди чорум буд. Аз вай хурд боз се укояш ҳаст. Хоҳарони калониаш – ҳама хонаву дар карданду вай дар рӯзгор дастёри асосии падар буд: ҳезуми хонавода ба зиммаи вай; ба молҳо алаф меовард; оғил тоза мекард – хуллас нозпарварию худнамоиро намедонист. Хонаводаи онҳо аз ҳар ҷиҳат таъмин набуд ва ӯ қадри нон ва сару либосро нағз медонист. Дар омӯзишгоҳ ҳам ба стипендия қаноат дошт.

Ҳоло вай чораи аз ин варта халосиро фикр мекарду ҳайрон буд чӣ кор кунад. «Аҷоиб,– мегуфт ӯ худ ба худ, – аз куҷо ба ин ғор ҳаво медарояд? Аз куҷо дарояд ҳам, медаромадааст, вагарна даҳонаш руст, кайҳо пой дароз мекардем. Хайр, об ҳаст, аммо чӣ мехӯрем?.. Ана, ду-се рӯз решаи арча ва дигар гиёҳҳоро ёфта мехӯрем, сонӣ чӣ?.. Дар ғор ягон чизи хӯрданӣ бошад? Ҳеҷ набошад, чароғ мебуд...»

– Самеъ, гӯгирда эҳтиёт кун. Ба таҳкисаат мон,тар-пар нашавад, – гуфт вай. Сипас таъкид кард: – Ҳама умедамон ба ҳамин.

– Гӯгирд тар шавад, ана санги чахмоқ, – ғурунгос зад Самеъ.

Аз дили Рашид гузашт, ки дар ғор оташ даргирондан ҳам хатарнок будагист. «Дараш бастагӣ, дуд ба куҷо меравад? Нафасгир шуда мемирем. Чароғ мебуд... Агар ягон хел газ бошад, алав ҳам хатарнок аст...»

Офтоб ғуруб кард магар, равшании хираи пешайвони ғор кам-кам барҳам хӯрда, онҳо тадриҷан рӯи якдигарро дида натавонистанд.

– Имшаба чӣ хел рӯз мекунем-а?

Азбаски ба ин оҳанги мазлумона сухан гуфтани Самеъро Хусейну Рашид ҳаргиз нашунида буданд ва дар тасаввури худ ғунҷонда наметавонистанд, бештар ба ваҳм ва изтироб

афтоданд.

Ҳусейн аз торикии даруни ғор тарсида, худро оҳиста ба тарафи берун гирифт. Торикӣ дар ҳама ҷо ба як ранг ғализ буд.

– Рашид, ту медонистагистӣ, – Самеъ ҳоло ҳар як фикрашро ба Рашид гуфта, аз ӯ маслиҳат мепурсид, – одам бехӯрок чӣ қадар вақт зинда мемонад?.. А?

– Э-э, парво накун, баҳор наздик, – Рашид аз ҷавоби рӯирост сар кашид.

– Не, ту аниқаша гӯй.

– Гуфтан катӣ, сонӣ чӣ кор мекунӣ?

– Одам кораша дониста мекунад-да.

– Гап ҳамин: мурданро фикр накун. Айб аст. Ту гӯштингир, аз ҳамаамон зӯр, даррав аз ҳамин мушкилӣ тарсӣ... Одамон баъзан ба чӣ хел аҳволи сахт меафтанд! Ин ҳеҷ гап не, тарма раҳа баст. Ягон ҳисобаш ёфт мешавад. Фардо рӯз шавад.

– Имшаб ях карда монем-чӣ? – пурсид Ҳусейн, ки пойҳояшро ба замин нарм-нарм зада гарм мекард.

– Ях намекунӣ, ғор доим гарм аст. Ба ғайр аз ин, чораи гарм шудан ҳаст, – гуфт Рашид. Вай инро чунон бо эътимоди қавӣ гуфт, ки Самеъ ҳам, Ҳусейн ҳам бо умед ба тарафи ӯ нигариста, давоми суханашро нигарон шуданд, аммо вай хомӯш буд.

– Чиба ях намекунад? Чӣ хел? – оқибат ба забон омад Самеъ.

– Намедонӣ-чӣ?

Баъди лаҳзае интизор кардани ҷӯраҳояш вай аз ҷояш бархосту санги қариб дупудиеро, ки ба болои он нишаста буд, оҳиста бо ду даст бардошта, боз ба замин партофт. Санг

гурсӣ карда ба шағал афтод. Аз тарс дили Ҳусейн шуввӣ карда таҳ кашиду оҳиста аз гиребонаш ба дарун туф кард.

– Гап ҳамин: ҳар касе, ки хунук хӯрд, ин сангро бардошта, то ҳӯ, ана, он хамгашт рафта омадан мегирад. То бист бор... Лекин бохабар шавед, арақ накунед.

– Рост... Э-э, ту катӣ одам хор намешавад, ҷӯраҷон. Афсӯс, ки ба бало дармондем-дия, – оҳ кашид Самеъ. Баъд боз ба сухан даромад: – Беҳуда ба ту «Академик» лақаб надода будем! Каллаат кор мекунад. Ин калларо кор фармо, ҷӯраҷон, каллаи ту илоҷи ҳама кора меёфтагӣ калла.

– Э, мон-е! – аз таърифи ӯ хиҷолат кашид Рашид.

– Рашид, агар ту илоҷи кушодани даҳони ин ғори сабилмондаро меёфтӣ...

– Чӣ кор мекардӣ, гӯй, – аз ин гуфтаҳо Самеъ андаке рӯҳ гирифту ҳиммати Ҳусейнро фаҳмидан хост: – Канӣ фаҳмем? Ҳа, гӯй, нияти нағз – нағз-да, – гуфт.

– Ҳамин, чӣ гӯям... Аз ҳамин ҷо баромада, рост рафта аз рама якта гӯсфанди додома дошта, бурда ба ҳавлии Рашидино мебастам.

– Ҳай-ҳай! Ҳамаи ҳимматат ҳамин? Гумонам, ба вай хоҳарат Анора метӣ?

– Хайр, талабгор шавад, чиба надиҳам! Э, зинда монем шуд... Ба Рашид барин йигит ҳар кас духтар медиҳад.

– «Метиям» нагӯй, ҳеҷ набошад, «метиянд» гӯй, – боз луқма дод Самеъ. Сипас, илова кард: – Ҳа, ин гапи дигар... Лекин додот бе се ҳазор қалин наметиянд... «Агар халос шавем, ба Самеъ ё Рашид метиям» гуфта ният кун, балки худо ягон раҳ нишон диҳад. Дар ноомади кор садақа ваъда мекунанд-ку!.. Э-э ҷӯраҷон, агар зинда мебаромадем... Анор аз они ман буд... Ба ҳеҷ кас дода наметавонистед... Э, афсӯс, ҷавон-

марг шудем!

– Гапҳои беҳудая монед, – гуфт Рашид аз ҷо бархоста. – Бетон, кам-кам бошад ҳам, барфро гирифта ба дарун мепартоем.

Онҳо қариб ду соат дастони худро харошидаю тарошида мушт-мушт барфу яхро канда гирифта ба дарону ғор андохтанд. Сонӣ барфи мегирифтагӣ намонд – ҳама ях баста, ба сангҳо часпида заранг барин сахт гашту ҳар се ночор монданд. Дастҳояшон ҳам аз сармо ҷиз-ҷиз сӯзиш кард.

Онҳо дастҳои аз сармо сӯзишноки худро ба бағал зада, дар кунҷе ба шах такья дода паҳлуи ҳам дароз кашиданд.

– Хап шинему фикр кардан гирем, одам девона шуданаш осон аст, – гуфт Рашид. – Биёед, бо навбат ҳар кас ягон саргузашт ё афсона мегӯем.

– Рост мегӯӣ, ҷӯраҷон... Ман ҳам навакак девона мешавам-чӣ гӯён тарсидам. Дилам торс мекафам гуфт. Дар бораи Анор гап занам, «гапи беҳудая мон» гуфтӣ...

– Ягон хел саргузашт гӯй.

– Ҳа, рост мегӯӣ, саргузашт мегӯем, – гуфт Ҳусейн.

– Ҳар кас ягон саргузашти ғалатӣ гӯяд, – Самеъ ба шариконаш рӯ овард. – То рӯз саргузаштгӯӣ мекунем.

– Ман ягон саргузашти мегуфтагӣ надорам. Чӣ дидам? Мактаб... Ана, ду сол боз дар омӯзишгоҳ, – гуфт Рашид. – Аз китобҳои хондагиам ягон чиз нақл мекунам.

– Ман ҳам... Ҳеҷ чиз надида мемурем аз афташ, – Ҳусейнро боз гирья гулӯгир кард.

– Не, ҳар кас ягон воқеаи ғалатиро, хоҳӣ аз сар гузарондагӣ, хоҳӣ шунидагӣ бошад, гӯяд. Аз ростӣ, набошад, дилам торс мекафад, – гуфт Самеъ.

– Майлаш... Аввал ту сар кун, шояд ба ёди мо ҳам ягон

чиз ояд, – гуфт Рашид.

– Гӯям? – пурсид Самеъ баъди хеле сукут. Сипас, таъкид кард: – Гӯш кунед, як бор Ҳамиди Атола мана дар пеши идора диду гуфт, ки ба як ҷо барам, мерӣ? Гуфтам: ба куҷо? Гуфт, ба шаҳр. Ду рӯзба рафта меоем, бисту панҷ сӯм кор мекунӣ. Гуфтам, майлаш. Рафта аз очаат пурсида биё, гуфт. Сонӣ аз боғи нав биҳӣ бор карду ба тарафи шаҳр ронд. Аз район гузаштему сари раҳ ба ду-се ҷо даромада гапзанон карда баромад, ман мошинба нигариста истодам. Сонӣ биҳира бурда ба зовут фуровардему ба бозор рафтем. Гапзанон карда, бори савдогарона бор карду ба тарафи Ӯзбекистон зад. Дар раҳи омад як мошин тарбузи як одама бор кард. Дар раҳ ҳар куҷо бозор бошад, меистем. Ҳамид катӣ вай, соҳиби тарбуз бозора фаҳмиданӣ ё чой хӯрданӣ мераванд, ман – мошинпой. То онҳо гашта омадан, чорта-панҷта тарбуза пул мекунам. Дувоздаҳта тарбузаша фурӯхта гирифтам. Аз ҳама аҷоибаш сонӣ... Ҳамин мошина ба бозор дароварду ба он савдогар тарбузата тезтар фурор, гӯён худаш ба ким-куҷо рафт. Савдогар ба ман се тарбуз доданӣ шуд, то ки аз мошин катиш фурорам. Қафои мошин кушодагӣ. Ними тарбуза фуровардем, ҷой танг шуд, савдогар гуфт, ки мошина камтар пеш гирифтан даркор. Ҳамид нест. Ба кабина шиштаму калиди мошина ҳамту тобам, мошин ғаррӣ карда як ҳаллос зад!.. Э, заҳраам кафид. Фуромада, нигарам, қариб ними тарбузи дар мошин будагӣ лола барин суп-сурх дар замин... Қариб бист тарбуз нобуд шудаст-е! Вай савдогара фиғонаш баромад. Аз ҳақи кирои мошин медорам, мегӯяд... Тарсидам.

– Да скорост буд-чӣ? – пурсид Ҳусейн.

– Ҳа-да. Сонӣ Ҳамид омад, ҳақи кирора рӯёнду ҳай кардем. Савдогар се тарбузи мана надод. Аз Ҳамид бисту панҷ

сӯма гирифтам.

– Барои ҳамин ба курси шоферӣ даромадӣ-да? – тамасхурашро пинҳон накард Рашид. – Мазахурак гашта...

– Набошад-чӣ, – гуфт Самеъ бо ифтихор. – Шоферҳо расо зӯр кор мекунанд. Ҳамид дар ду рӯз қариб чорсад кор кард.

– Медонед, мегӯянд, ки ҳамин Ҳамида додош дар бозори шаҳр партофта рафтагӣ, – аз гап-гап баромаду сухан сар кард Рашид. – Вай панҷ-шаш сол пеш ба деҳа омад-ку. Солҳои ҷанг, қаҳтию гушнагии зӯр будааст, нони хӯрдани надоштаанд. Додош ризқу рӯзӣ кофта, писараш – ана, ҳамин Ҳамид катӣ ба бозори шаҳр меравад. Ҳамид панҷ-шаш сола будаст. Андаке аз додош қафо монад, мардак аз роҳаш гашта ду-се шаппотӣ мезанаду меравад. Ҳамид гирён мемонад. Милисаҳо гирифта ба сағирхона месупоранд. Баъд аз як сағирхона ба сағирхонаи дигар афтода дур меравад. Калон мешавад, хонадору зану фарзандор мегардад. Сонӣ як рӯз бо як одам шинос мешавад, ки вай аз тарафҳои мо будаст...

– Не, аввал хоб мебинад, – сухани ӯро бурид Ҳусейн. – Хоб мебинад. Таъбири хобаша аз як мӯйсафеди ҳамсояаш мепурсад, вай пиракӣ мегӯяд, ки додот будаст, додота меёбӣ.

– Сонӣ аз ҳамон одам дарак пурсад, мегӯяд, ки додот фалонӣ зинда, дар фалон деҳа аст. Номи деҳа ҳам аз ёдаш рафта будаст. Ана, баъд кофтуков карда омад. Додош бетоб будаст, аз ҷояш хеста наметавонистааст. Кӯчида омада ду сол бемордорӣ кардааст. Сонӣ мӯйсафед аз дунё гузаштагӣ. Аввалҳо ҷавони ҳалолкору тандеҳ буд, мегӯянд...

Онҳо бо ҳамин хел гапҳо худро саргарм карда хеле нишастанд. Вақте ки сармо аввал ба пойҳояшон, сонӣ ба тамоми вуҷудашон таъсир кард, бо навбат сангбардорӣ карда, гарм шуданд.

Ҳоло ҳар се ба як ҷо ҷафс нишаст, кӯшиш мекарданд, ки якдигарро ба гап гиранду мудом сӯҳбат кунанд. Торикӣ ба дили онҳо ваҳм афканда буд.

Вақте ки хоб бениҳоят ғалаба кард, онҳо бо навбат як нафарро ба хобидан рухсат доданду ду нафар посбон монданд ва ба ҳамин минвол бо навбат кам-кам хобашонро гирифтанд.

## Б о б и  с е ю м

**Дар ҷустуҷӯи хӯрок. Решачинӣ. Ба умеди алав.**

Саҳарӣ ҳар се танро ҳам хоб рабудаст. Бедор шуданд, ки пешайвон андаке равшан шудасту онҳо бемалол суроби якдигарро мебинанд. Ҳарчанд ки ҳанӯз гуруснагӣ сахт азоб намедод, вале таҳлукаи он аллакай дилашонро беқарор карда буд. Бо вуҷуди ин, онҳо боз ба тафтиши даромадгоҳ шурӯъ намуданд. Баъди он ки хеле заҳмат кашида як пора-ним пора яху сангро кӯчонданд, сангҳои калон пеш баромаданд, ки онҳоро аз боло бори гарони барфу санг зер мекарду илоҷи ҷунбондан набуд. Онҳо пай бурданд, ки ҷаҳдашон ба ҷое намерасад, вале ҳар се тан низ аз иқрори ин ҳақиқат меҳаросиданд. Умеди зиндагиро дар дил куштан осон набуд. Барои дар дил куштани ин умеди ягона саравval мебоист умеди дигаре пайдо кунанд. Вале Рашид ба ин худфиребӣ зиёда тан дода наметавонист.

– Ҳозир ҳеҷ кор карда наметавонем, – гуфт оқибат вай шариконашро аз кор боздошта.– Беҳуда вақт мегузарад.

– Чӣ кор кунем? Даст пеш гирифта шинем? – зарда кард Самеъ.

– Не, даст пеш гирифта шиштан даркор не... Аввало ягон чизи хӯрданӣ ёфтан даркор.

– Санга мехурем-чӣ? Ғайри санг дар ин ғори сабил чӣ ҳаст?

– Як чиз-ним чиз ёфт мешавад. Ин хел дила бой додан даркор не. «Достони марди ҳақиқӣ»-ро хондагиед, медонед, ки Маресьев ба чӣ хел уқубатҳо тоб овард. Хӯрок ҳам ёфт, ҳаракат ҳам кард. Мо се кас! Агар қасд кунем, ҳар кор аз дастамон меояд.

– Кӣ вай худаш? Ҳамон марди гуфтагит? – пурсид Самеъ, ки аз олами китоб сирф бехабар буд.

– Лётчик. Самолёташ меафтад, ду пояш бекора, чандин шабу рӯз хазида, дар барф намурда меояд.

– Ҳеҷ кас набудааст?.. Чӣ мехӯрад?

– Алаф, пӯстлох...

– Қандаша занад! – Самеъ, ки имрӯз бағоят пакар буд, шуҷоати он мардро шунида, дарҳол авзояш дигар гашту аз ҷо бархост. – Зӯр задан даркор! Ман шахсан ба ҳар коре, ки фармоед, тайёрам!

– Ман ҳам, – гуфт Ҳусейн.

– Ман мегум, кам-кам барфа кофта, санг катӣ аз як лаб сангҳои афтодагира шиканем? А? Чӣ мегӯӣ? – Самеъ ба Рашид нигарист.

– Шаб кӯфта дидӣ-ку! – гуфт Ҳусейн.

– Ин ҳам фикри бад не, лекин ҳозир ду кори зарууртар дорем, – гуфт Рашид. – Аввало, решаю бутта ҳаст, гиёҳ ҳаст, ёфта, ғами хӯрока хурем. Ана, дар қабати сангҳо ҳар хел решаҳо намоён, ҳатто бутта ҳам будаст. Сонӣ, ба мо чароғ даркор. Агар чароғ даргиронем, даруни ғора тафтиш карда, ягон хел асбоб ёфтан мумкин. Дар ин ғор хеле чиз ҳаст...

– Рост мегӯӣ. Дар ин ҷо одамон моҳҳои дароз зиндагӣ кардагӣ, – фикри ӯро қувват дод Самеъ. – Мегӯянд, ки вақҳои

пеш...

– Балки нон-пони қоқ ҳам будагист?

– Рост, рост.

– Лекин чароға аз куҷо меёбӣ?! – ноумедона оҳ кашид Ҳусейн. – Барои чароғ равған даркор, пилта даркор.

– Пилта, ана, як пора латта-дия, – домани пальтояшро нишон дод Рашид.

Вай зӯр мезаду саҳифаҳои китобҳои хондагиашро ёд меовард ва аз онҳо доир ба илоҷи ин сахтӣ чорае мекофт. Дар назараш чунин менамуд, ки илоҷи осони наҷот ҳасту алҳол ба хотир надорад. Гоҳ хаёлаш дар банди чӣ хел динамити тарканда сохтан печ мехӯрду гоҳи дигар дар қайди чигуна барфу яхро бо усули кимёвӣ об кардан буд.

– Эҳ, ҳозир якта фонуси дастӣ бошад! Ҳӯ, генератораш қуввати даст катӣ мегардад-ку! – гуфт Самеъ.

– Гапҳои беҳудара монед, – дилтанг шуд Рашид. – Аз кори мешудагӣ гап занед. Хӯш, чӣ кор мекунем?

Онҳо боз ба фикр афтоданду хеле вақт хомӯш монданд.

– Наход имрӯз кофта набиёянд?! Бед, ҳар се баробар дод занем, – боз як бор ба шарикон пешниҳод кард Ҳусейн.

– Бефоида. Аз берун овоз ояд, ки овози мо ба берун барояд. Ин барф, аҷаб не, як қади одам, балки зиёд аст.

– Хуб, ту гап зан – чӣ кор кунем? – боз пурсид Самеъ ба Рашид рӯ оварда.

– Гуфтам-ку, дар ғор реша ҳаст ё гиёҳ, ҳар чизи хӯрданира...

– Наход дар ҳамин ғор мурда монем-а, – гиряолуд фиғон кард Ҳусейн.

– Кӣ медонад... То зиндаем, умедворем... – Рашид ҳам худдорӣ карда натавонист, гиря гулӯгираш карду бе он, ки

садое баровард, ашки гарм рухашро шуст.

Самеъ ошкоро ҳиққос зада мегирист. Сонӣ ҳар се тан фиғон кашида гиристанд. Аз гиря чашмони ҳар се ҳам варам кард. Баъди он, ки муддаои табъ гиристанд, гӯё бори андӯҳашон сабуктар гашт ва лаҳзае осуда нишастанд ва беизтироб андешиданд.

Аз ҳама пеш Рашид фикрашро ҷамъ карду худро ба даст гирифт ва чашмонашро пок карду гулӯ афшонд ва бо овози бардам ба шариконаш рӯ овард:

– Агар ин хел мурдана фикр карда бишинем, мурда меравем. Ин – таъин, – гуфт вай бо оҳанги ҷиддӣ. – Дую дубора ин хел гапҳора ба ёд наоред, нагӯед!.. Бархезед, ягон чизи хӯрданӣ меёбем.

Вай аз ҷояш бархосту деворҳои ғорро палмосида як даста решаи тар канд. Сонӣ ба даруntар ҳаракат кард. Самеъ ва Ҳусейн ҳам, агарчӣ ба ин кор ҳеҷ рағбате надоштанд, деворҳои сангинро бо дастонашон палмосида аз қафои вай ҳаракат карданд. Айвони андаке фарохтарро гузашта, ба дарун пой монданду торикӣ чунон ғализ гашт, ки чашмони каму беш ба торикӣ одат кардагии онҳо ҳам ҳеҷ чизро намедид.

– Даруни гӯр ҳам ин хел торик набудагист, – гуфт Самеъ оҳиста.

Аз девори сангин шилдиррос зада чашма ҷорӣ буд. Рашид бо кафи дасташ аз оби он хӯрда таъми онро муоина кард.

– Оби ширин, – гуфт вай. Сонӣ таъкид кард: – Эҳтиёт... Мабодо об ғун шудагӣ бошад, наафтед. – Сонӣ гӯё худ аз худ савол мекарда бошад гуфт: – Ҳамин об ба куҷо меравад?.. Аҷаб не, роҳ ёфта берун мебарояд. – Вай лаҳзае ба ҳамин об ҳасад бурд – балки он дунёи равшанро мебинаду вай не.

Баъди боз каме ҷустуҷӯ Рашид овоз баровард:

– Ман як даста чиз ғун кардам. Намедонам, хӯрда мешавад ё не.

– Бист-сӣ дона гӯгирд ҳаст-ку, се-чортеша даргиронем-чӣ? – пурсид Самеъ. – Ҳеҷ чизро намебинам.

– Не, гуфтам-ку, эҳтиёт кун, ҳолӣ гапу кор дар пеш аст, – рухсати гӯгирдзанӣ надод Рашид. – Кӣ медонад, даҳони ғор бастагӣ, мабодо газ бошад, ту гӯгирд занӣ, ҳама нобуд мешавем, – Рашид инро ба гуфтан гуфту аммо дарҳол беасосии ин фикрашро дар дил иқрор карда сурх шуд, лекин ба шариконаш ҳеҷ чиз нагуфт.

– Дарун гармтар будаст-е! – садо баровард Ҳусейн.

– Баъд аз ин дар ҳамин ҷоҳо хоб кунем-чӣ? – пурсид Самеъ.

Онҳо тақрибан то нимирӯз деворҳои ғорро палмосида, ҷустуҷӯ карда, ҳар кадом як дарзагӣ решаю гиёҳ, як шофу як доси занг задагӣ ёфтанд. Рашид аз байни решаҳои кандагиаш як-ду шох решаи мисковак ё ба мисковак монанд гиёҳеро ёфт, ки равған дошт. Вай равғани онро ҷудо карда, дар як санги чуқурак ғун мекард, то ки чароғ созад.

Решахурӣ осон набудааст. Мехоиданду азбаски талху нохуш ва бемаза буд, зуд туф мекарданд. Онҳо иштиҳои карахти худро бедор карда, дар шиканҷаи алим афтоданд. Баъди он, ки тамоми решаҳоро ду бораю себора чашида озмуданд, тасмим гирифтанд, ки ин чиз ба онҳо хӯрок намешавад. Вале илоҷи дигари қонеъ кардани гуруснагӣ набуд.

Пас аз соате танаффус, онҳо дигарбора нишастанду то бегоҳ решахоӣ карданд, аммо гуруснагиашон то рафт шадидтар мегашт.

– Хӯред, солҳои ҷанг набудед, алаф нахӯрдед... Ана бе

ҷанг ҳам гушнагира дидем, – гуфт Рашид, – То баҳор се ҳайвони хушалаф мешавем. Аз ғор бароем, мардум одами ёбоӣ гӯён...

– Чӣ хел мебароем?.. Баҳор шудан катӣ барф меравад, аммо ин сангҳо худ аз худ намеҷунбанд-ку? – ҳарчанд ки дар баҳор чӣ хел аз ин ҷо баромаданашонро ҳеҷ кас пешгӯӣ карда натавонистанаш равшан буд, Ҳусейн гаштаю баргашта мепурсид.

– Барфи тарма равад, ягон ҳисобаш ёфт мешавад, – ба вай умедворӣ бахшид Рашид. – Балки барф об шавад, сангҳоро меҷунбонем, ё роғҳош кушода гардад, раҳгузаронро ҷеғ мезанем. Ман кам-кам кофта истодаам-ку.

– То баҳор намурда ист, – гуфт ба ӯ Самеъ.

– Инқадар аз хусуси хӯрок фикр накунед, – маслиҳат дод Рашид. – Агар фикр кунед, бештар азоб мекашед. Беҳтараш ҳаёти гузаштаи худатонро як-як пеши назар биёред, чӣ кори савоб кардед, чӣ хато гузашт, чӣ қадар рӯзҳоятон беҳуда рафт. Дарозу кӯтоҳии умрро кору амали одам муайян мекунад. Баъзе одам сӣ сол дар дуньё умр мебинаду дар ёди мардумон мемонад, дигаре навад сол дар дуньё мегардаду беҳуда...

– Реша хоидан катӣ зинда монда мешавад?! – гуфт Ҳусейн бо андӯҳи гарон оҳи сард кашида.

– Мешавад. Одамон дар солҳои ҷанг моҳҳо алаф хӯрдагӣ, нашунидӣ? – гуфт Рашид. – Очаам мегуфтанд, ки зимистон барфа кофта, решаи юнучқаро канда мехӯрдаанд...

– Аҷоиб... Колхоз-ку он солҳо ҳақ намедодаст, дар кӯҳу дашт замини бекор бисьёр, барои худашон гандум ё нахӯд коранд, намешавад? А? – пурсид Самеъ.

– Як бор корида бин! – заҳрханд кард Ҳусейн. – Барои талаву тороҷ кардани замини колхоз... – вай ангуштонашро

панҷара карда нишон дод.

– Солҳои ҷанг ҳам рухсат намедоданд? – тааҷҷуб мекард Самеъ. – Охир, душман меомад-ку.

Падари Ҳусейн солҳои зиёд аз мартабадорони колхоз буда, Ҳусейн роҷеъ ба қонуну қоидаи колхоз нисбат ба ҳамсолонаш бештар вуқуф пайдо карда буд. Падари ӯро мардум чандон хуш намекарданд, вале вай барои ин аз онҳо намеранҷид. Барои чӣ намеранҷид, инашро ҳеҷ кас таъин намедонист. Баъзеҳо мегуфтанд, ки «феъли писарак ба падараш монанд не», баъзеи дигар «морбача дарундор аст, сир намедиҳад» мегуфтанд. Вале Ҳусейн аз ин қабил суханони онҳо ҳам гӯё озурда намегашт, фақат андаке парешон ва малолатхотир ба замин менигаристу бас.

– Ҳозир як табақ палави сергӯшт бошад-а? – бо ҳасрат оҳ кашид Самеъ.

– Як табақ кунҷораи пеши гов бошад ҳам, каппа карда мезадӣ, – гуфт Ҳусейн.

– Рост мегӯӣ, – иқрор кард Самеъ. – Саркути сагамонро аз ялоқаш лесида мехӯрдам.

– Ҳаром-е... Ҳолӣ, шукр, ба ин ҳол нарасидаем, – гуфт Ҳусейн.

– Ҳаром-а! Ҳолӣ сабр кун, «ку, ягон саги мурдагӣ бошад» мегӯӣ! Ҳамту, не, Рашид? – Самеъ ба дурустии даъвояш аз Рашид тасдиқ талабид.

Ҳар ду бо нигоҳи саволнок ба Рашид нигаристанд.

– Олимони химия мегӯянд, ки чизи ҳаром нест. Тоза ва дезинфекция кунед, ҳама чизро хӯрдан мумкин, – гуфт вай.

– Рашид, аслан, ту бояд ба интернат мерафтӣ. Даҳума тамом карда, бемалол ба институт медаромадӣ, – гуфт Самеъ.

– Хока, – даст афшонд Рашид. – Дониши нағз доштагиҳо

ҳам баъзан намегузаранд. Фельдшериро тамом карда, як ду сол кор кунам, сонӣ мебинам.

– Ҳусейн, ту ба институт даромаданӣ, албатта, ягон касат ҳаст-а? – ба Ҳусейн рӯ овард Самеъ.

– Не-е, – аз ҷавоби ошкоро сар кашидани ӯ маълум буд.

– Дар институт ягон касат набошад ҳам, дар ин ҷо ҳаст: додот мудири ферма... пулдор. Пулат бошад, дар ҷангал шӯрбо, – гуфт Самеъ ҳасадомез.

– Гап-дия.

– Бепул, гумонат бо ҳамин каллаат ба институт медаромӣ? – тамасхур кард Рашид.

– Гапаш рост, чӣ не мегӯӣ? – Самеъ ба Ҳусейн маҷоли эътироз кардан надод. – Ҳаштума ман барин базӯр кашолаю пуштора шуда тамом кардӣ. Ҳаққат подабонӣ ё ман барин мошину тракторронӣ. – Сипас ба таъкид гуфт: – Росташа гӯям, дар байнамон ҳаққу ҳалол ба институт даромада метавонистагӣ – Рашид.

– Боғӣ ҳам бад намехонд, – илова кард Рашид.

– Хайр, вай ҳисоб не. Шӯ мекунаду меравад, – гуфт Самеъ. Сонӣ решаеро хоида-хоида бо азобе фурӯ бурду рӯ турш карда гуфт: – Дилам беҳузур гашт.

– Дили ман печ додос, – хабар дод Рашид. – Камтар об хӯрда қай кунам...

– Зӯран чӣ даркор?!

– Ҳар бор дилам печ диҳад, ҳамин усули омӯхтаи очаам катӣ дуруст мешавам. Дар илми тиб баъзан як дард дарди дигара мебарад, мегӯянд.

Рост мегӯянд, ки инсон ба ҳар гуна вазъияти нобоб зуд омӯхта мешавад. Баъзан ҳайвон ба асорат тан надода ҳалок мешавад, аммо инсон сар мефурораду интизорӣ мекашад.

Заррае умеди наҷот набошад ҳам, то дами охиринаш мӯъҷизаеро чашмдор аст. Дар дили бачаҳо ҳамин умеди мӯъҷизаи номаълум фурӯзон буд ва онҳо гоҳе вазъи худро як нохушии муваққат мешумурданду ба гуруснагӣ мардонавор тоқат мекарданд, ҳатто ба шиканҷаи он эътибор накарда, аз майда-чуйдаҳои зиндагии худ гуфтугузор доштанд.

Рашид фикр мекард, ки бо реша чанд рӯз зинда мондан мумкин бошад. «Решаю алаф бисьёр не, баъди ягон ҳафта ҳеҷ чиз намемонад, сонӣ чӣ кор мекунанд? Дар ин ғор боз чӣ хел хӯрданӣ ёфтан мумкин?.. Як моҳ... Ҳеҷ набошад, бист рӯз зинда ба по устувор мондан даркор аст...»

– Рашид, ҳой Рашид, – Самеъ риштаи хаёли ӯро канд. – Ман ба ту ҳайронам: хайр, ана, хонда духтур шудӣ, чанд пул мегирӣ?.. Моҳоната мепурсам. А?

– Надонам, – бо ҳайрат ба рӯи Самеъ нигарист Рашид. Сипас гуфт: – Ҳафтод-ҳаштод сӯм, зиёд не.

– Ҳамид барин шофёрҳо ҳафтод-ҳаштод сӯма дар як шаб меёбанд. Ба худо, ки ҳеҷ намефаҳмам, чиба мехонӣ ту? Охир чӯпон шавӣ ҳам, моҳе дусад мегирӣ-ку! А? Ё кори осони бедарди миён-да?

– Гумонат кори духтур осон аст?

– Хайр, чиба мехонӣ набошад?

– Ҳамту... Чӣ гӯям... Ишқу ҳавас.

– Ишқу ҳаваси бефоида чӣ даркор?! Хайр, ана, Ҳусейн агроном шуданӣ – маълум. Як тарафи колхоза мехӯрад, ту чӣ?

– Э, мон ҳамин хел гапҳора! – дилтанг шуд Рашид. – Зиндаю саломат бароем канӣ... Дар дуньё одам фақат барои пулёбӣ зиндагӣ намекунад.

– Гап-да, пул ёфта, бароҳат зиндагӣ кардан нахоҳӣ, девонаӣ!

– Э, монед ҳамин гапҳои беҳудара!.. – дилтанг шуд Ҳусейн. – Ба ҷои ин гапҳо Худо гӯед, тавба гӯед. – Сонӣ савол кард:

– Аз ҳамин ғор баромадан мешавад ё не? Чашми ман намерасад, – гуфт Ҳусейн бо овози ҳазин.

– Робинзон Крузо ба ҷазираи бекас афтода чӣ хел зиндагӣ кард, ёд дорӣ? – гуфт Рашид, зӯр ба зӯракӣ бошад ҳам, бо овози бардам ва қатъӣ. – Як моҳ ҳеҷ чиз нахӯрӣ ҳам, аз гуруснагӣ намемурӣ! Бовар кун, дар китоб навиштагӣ... Вазъи Робинзон аз мо беҳ набуд. Як худаш – танҳо буд. Ба танҳогӣ тоб овардан мушкил аст.

– Вай мо барин ин хел бандӣ набуд. Шикор мекард, деҳқонӣ мекард. – Дилу бедил ҷавоб дод Ҳусейн.

– Мо ҳам агар кӯшиш кунем, ҳисобаш ёфт мешавад, – Рашид зӯр мезад, ки ба шариконаш дилпурӣ бахшад. – Ҳоло даруни ғорро дуруст кофтуков накардем. Аҷаб не, табар ё теша ёфт шавад. Табар катӣ кам-кам барфу яха бурида сангро шикаста мебаромадем, – вай бо ҳамин хел суханони умедбахш аслан, ба худаш ҳам таскин мебахшид.

– Э-э, табар аз куҷо?! Ба ин ғор ҳеҷ кас намедаромад. Ягон дигар илоҷи сангшиканӣ нест-а? – бо умед боз пурсид Самеъ.

– Дигар илоҷаш, алав карда тафсонидан. Тафсонию об резӣ, тафсонию об резӣ, санг мекафад. Шеъри Фирдавсӣ будку: «Биноҳои обод гардад хароб, Зи борону аз тобиши офтоб...»

– Ягон илоҷи мешудагира гӯй, – даст афшонд Самеъ бо асабоният.

– Лекин мӯйсафед ҳазор сол пеш гапҳое гуфтаст, ки...

– Муйсафедат кӣ вай? – маънии сухани Рашидро сар-

фаҳм нарафта бештар асабонӣ гашт Самеъ.

– Фирдавсӣ-да. Санга нобуд мекардагӣ борон. Оби борон кислотаи нитрату сулфат дорад, бинобар он, санга мехурад. Имората ҳам.

– Э, бародар-е!.. Ман тут гӯям, ин бед мегӯяд. Мон ҳамин варсоқиҳои беҳудара! Гапу кори мешудара гӯй.

– Агар алав кунем, балки ягон ҷои дуд мебаромадагӣ бошад? А? – пурсид Ҳусейн бо умед.

– Рост, аз берун дида, одамон меомаданд, – ин фикр ба Самеъ ҳам маъқул буд.

Рашид хомӯш фикр мекард, Ҳусейну Самеъ ба даҳони вай нигарон буданд, аммо ӯ чӣ ҷавоб доданашро намедонист.

– Камакак алав даргиронда санҷидан даркор, – гуфт вай оқибат. – Лекин ин кори хатарнок...

– Чӣ сӯхтор мешавад? – киноя кард Самеъ.

– Дар боло мӯрӣ набошад, нафасгир намешавем?! – дар навбати худ аз кӯтоҳфикрии шарикаш дар қаҳр гашт Рашид.

– Э, ин қадар ту тарсандаӣ! Эҳтиёт мешавем-да. Кӣ аз ҷонаш сер шудаст, – гуфт Ҳусейн, ки ҳар як умеди наҷотро сахт медошт.

–Чӣ, ҳоли аз ҷонат сер нашудӣ? – Ҳазл кардан хост Самеъ.

Онҳо аз ҷо бархоста, даруни ғорро бо даст палмосида, чӯбу чахс ғундоштанд, аммо он ҳезуми намнок буда, бо гӯгирд задан алав намегирифт. То шом беҳуда зӯр зада, гӯгирдро ним карданд.

– Як порча коғаз бошад... – ғусса мехӯрд Ҳусейн. – Кисаю бағалатона дурусттар ковед, наход ки як порча...

– Э, бошад, нигоҳ карда мешиштем? – асабонӣ ғур-ғур кард Самеъ. – Коғаза руст карда ба очам хат менависам-чӣ?

– Аҷаб не, – Ҳусейн ҳам луқма дод, – дар он дуньё почта будагист.

– Бас аст, монед, фардо ягон ҳисобаша меёфтагистем. Аз дусар ҳозир дар берун ҳам торик аст, дуда кӣ мебинад?! – гуфт Рашид. – Ба даруntари ғор дароем, балки ҳезуми хушк меёбем. Ҳозир, ҳайвонҳои мӯҳтарам, боз ду-сетагӣ реша мехурем. – Вай лаҳзае фикр карду сонӣ гуфт: – Агар реша нахурем, ба решаамон теша мехурем.

– Агар девона-певона нашавӣ, шоир мешавӣ! – гуфт Самеъ ба мақсади ягон қофия ё сухани шӯх гуфтан.

– Мон ҳамин хел гапҳои гандара! – гуфт Ҳусейн малул ва озурда бо овози ғамолуда.

– Ҳозир девона бошам ҳам, зинда гардам, шукр мекардам, – гуфт Самеъ. Сонӣ, баъди лаҳзае пурсид: – Одам чӣ хел девона мешавад? А, Рашид?

– Ҳарза мегӯяд-дия. Аз барои гапи нағзаш ҳеҷ каса девона намегӯянд, – гуфт Рашид. Сонӣ ҳазломез илова кард: – Қариб худат барин гап мезанад.

– Э, монед, аз барои савоб, ягон гапи нағз гӯед, – зорӣ кард Ҳусейн.

Рашид бархосту ба кофтукови худ андармон шуд. Вай аз рӯзҳои аввали асирӣ ба кофтани таҳи дари ғор сар карда буд. Агарчи аз ин кораш умеди наҷот чашмрас набуд, пайваста мекофт, мушт-мушт рег, сангу шағал ва ё барфи даҳани ғорро кашида ба дарун мепартофт. Дар натиҷа ҳоло сангҳои ба даҳани ғор афтодагӣ урьён гашта, барфу реги қабати онҳо камкам мефуромад. Шариконаш ба ин кори беҳудаи вай тамасхур мекарданду бас.

Онҳо аз хоб бедор шуданд, вале рағбати бархостан на-

доштанд. Қариб ду соат беҳол ва саргарон хобиданд. Ба онҳо чунон ҳолате рӯй дода буд, ки чашм кушодан ҳам малол меомад.

Баъди шустушӯ пушт ба девори сангин қатор нишаста, ба решаҳои сар карданд.

– Хоку регаша афшонда ба даҳан бар, Ҳусейн, – решаҳоро ҳарисона ба даҳан задани ӯро дида, таъкид кард Самеъ.

– Худат бохабар шав!.. Тфу, решаи арча будаст, талх.

– Чӣ балое бошад, хӯрдан гир, ба дарун дарояд шуд... Мардум замони ҷанг дар Ленинград мушу гурбаро хӯрдаанд, – гуфт Рашид.

– Э, гап-да... Ман мурам ҳам, хӯрда наметавонам, – гуфт Ҳусейн.

– Мехурӣ, – гуфт Самеъ бепарво чалаппос зада реша хоида.

– Ҳолӣ гуруснагӣ ба ҷонат нарасондаст. Баъди се рӯзи дигар нигариста ист, кошкӣ, ягонта муш ё гурба бошад, мегӯӣ.

Боз табъи ҳама мағшуш гашт.

– Наход ки дар ҳамин ғор мурда равем-а? – саволи ҳамешагиашро такрор кард Ҳусейн.

– Кӣ медонад, – маҳзун садо баровард Самеъ. Баъди лаҳзае хомӯшӣ гуфт: – Наход ҳеҷ кас кофта набиёд?

– Мурданд-чӣ, меомадагистанд, – Ҳусейн умедвор буд.

– Хайр, ана омаданд, чӣ медонанд, ки мо дар ин мағзи кӯҳ? Аҷаб не, аллакай омада, ҳама ҷоро дида, ҷеғ зада, кофта наёфта, дар таги тарма монданд, гуфта рафтагистанд? – гуфт Рашид.

– Ҳозир ҳавлии ҳамаамон азохона гӯй, – ба ҳайрат афтод Самеъ. Маълум набуд, ки вай аз фоҷиаи ба сари модараш афтодагӣ ғамгин аст, ё баръакс – шавқманд.

Онҳоро гуруснагӣ ба шиканҷа гирифта буд, аммо ҳеҷ кас аз хусуси хӯрок даҳон намекушод: ҳама хомӯш решахоӣ мекарданд, аз ҳар хусус гап мезаданд, аммо дар сари ҳама ҳамин як фикр – чизе ёфта хӯрдан ҷавлон мекарду бас.

Самеъ фикр мекард, ки реша адо шавад, сонӣ чӣ мешавад. «Рашид ҳаминро дониста кам-кам хуред, мегӯяд. Чӣ кор кунам? Аз ино пештар решаи будагира ғун карда гирам-чӣ? Ино сонӣ чӣ мегӯянд?.. Ягон баҳона ёфтан даркор... Решара ғун карда гирам, сонӣ кам-кам хӯрда то баҳор мерасонам. Лекин чӣ баҳона ёбам? То ки ин камхун ғиди-ғидӣ накунад... Ҳусейн хап мешинад... – Самеъ бо ҳамин андешаҳо хеле муддат хомӯш решаеро хоида нишаст. – Рашид имрӯз дутагӣ реша тақсим кард... Барои чӣ вай тақсим мекунад? Аз фардо ҳамаашро ба дасти худам мегирам. Агар ҳамин хел накунам...»

Дар назари Ҳусейн ҳоло пайваста тасвири ҳалокаш дар ин ғори шум ҷилва мекард. Пеши назар меовард, ки чӣ хел «ягон вақт одамон устухони онҳоро дар ин ҷо меёбанду деҳа боз, ҳозира барин ба по мехезад... Модараш рӯю мӯй мекананд... Сонӣ... сонӣ устухони ҳар якеро ба як ҷувол андохта бурда, дар гӯристони деҳа гӯр мекунанд. Якбора аз се ҳавлӣ се тобутро мебардоранд... Қатор сета гӯр мекананд...»

Рашид фикр мекард, ки «оби чашма ба куҷо мерафта бошад... Ба ғор аз куҷое ҳаво медарояд-ку... Аз қабати барфу ях рӯшноӣ саҳл мегузаштаст. Ба даруntари ғор равем, дар ягон ҷо сӯрохӣ бошад агар, соз мешуд. Лекин ягон нишони рӯшноӣ нест... Чӣ кор кунем?.. Ягон илоҷ ҷустан даркор...»

Шоми дигар фаро расиду авзои онҳо бештар ғамнок гашт. Ҳусейн хомӯш ашк мерехту ҳиққос мезад. Самеъ ӯро тасаллӣ доданӣ шуд, аммо худаш ҳам гирист. Рашид рӯҳафтода ва пакар буд, дам ба дам дар чашмонаш ашк чарх мезад, аммо

бо зӯри ирода худро ба даст мегирифт. Ӯ фикр мекард, ки ҳоло падару модар ва хоҳараконаш дар чӣ аҳвол бошанд. Хабари ҳалокати ӯро шунида бошанд... Не, мотами наздиконии худро дар тасаввур овардан ба ӯ мушкил буд... Саҳл монд, ки ӯ фарьёд кашаду ҳой-ҳой зада гирья кунад.

– Ба дуои бад гирифтор шудем-чӣ? – Ҳоло Самеъ гирьяолуд суханони ду рӯз қабл аз ин гуфтаи Ҳусейнро беихтиёр такрор мекард. – Чӣ гуноҳи сахт кардем? А? Ягон гуноҳи ганда накардем-ку!

– Ту ҳам худата бегуноҳ ҳисоб мекунӣ? – Фиғон баровард Ҳусейн. – Аҷаб не, ману Рашид ба касофати ту...

– Бас кунед-е, – гуфт Рашид бо нияти пешгирӣ кардани хархаша.

– Кӣ бегуноҳ? Ҳамаамон ҳам гуноҳ дорем, – гуфт Самеъ. – Ту мусичаи бегуноҳӣ?

– Ҳа, чӣ? Ту баринам?

– Ҳой, аввал гиребоната дурусттар бӯй кун! – Самеъ аз қаҳр фишшос зада ба Ҳусейн рӯ овард. – Додот ду зан дорад?

– Аз рӯи қонун ду зан доштан нодуруст бошад ҳам, шариат иҷозат медиҳад.

– Иҷозат медиҳад?! Ба болои очаат хоҳарзодааша гирифт! Духтари холаата! Ҳама айб карданд! Кофир ҳам ин кора намекунад, гуфтанд. Аввал мулло никоҳ намекунам, гуфтаст, сонӣ муллора ҳам дӯғу пӯписа карда тарсонд. Гумонат, мо намедонем?!

– Додомба забон нарасон, аз худам гап зан! – гуфт Ҳусейн андаке паст фуромада. – Додом ба роҳи худаш... Одами кӯҳна...

– Ана, барои ҳамин ин қадар нафахр! Аз пушти моли колхоз калонӣ мекунед!

– Албатта, чашми бахил – кӯр.

– Кӣ бахил? Ман?.. Чӣ бахилӣ кардам? А? Гап зан!

– Ту ба додои ман чӣ кор дорӣ? Даҳанатба нигариста гап зан. Ман ҳам забон дорам.

– Дузда дузд мегӯянд.

– Туро чӣ мегӯянд? – Ҳусейн одатан, забонашро дошта наметавонист. – Додота мешиносӣ охир? – бо тамасхур, асроромез ба ӯ нигарист вай. – Писари кӣ ту? Очат туро зодагинда додот барои чӣ баромада рафт?

– Чӣ-чӣ?.. Ҳозир исбот мекунӣ, набошад... – Самеъ чаҳида хесту аз гиребони Ҳусейн гирифт.

– Ҳой, бас!.. Ҳазл-ҳазл катӣ... – Рашид ба таҳлука афтоду ба миёни он ду даромад. Ҳусейну Самеъ гиребони якдигарро сар намедоданду такондиҳию телакунӣ доштанд.

– Ҳозир даҳаната аз пушти сарат мекушоям... – дашном медоду гулӯи Ҳусейнро сахт мефишурд Самеъ.

– Ин қадар бодигӣ накун, кӣ будани тура ҳама медонад! – мегуфт Ҳусейн. Азбаски гулӯи ӯро Самеъ фишурда буд, овозаш хиррос мезад.

Дар як мижа задан саҳнаи тасар-тусур мушту лагатзанӣ, дашному ҳақоратдиҳӣ барпо гашт. Дар торикӣ то ҳар дуро аз ҳам чудо кардан, Рашид ҳам ду-се мушту лагад хӯрду бо азобе деҳодеҳро пасанда кард. Зотан, худи ҷангиён ҳам аз ҳол рафта, дасту пояшон аллакай дарақ-дарақ меларзиду ба сахтӣ нафас мекашиданд.

– Валлоҳ, аз шумо аҳмақтар бача набудаст!.. Худатон дар дами маргу... боз бадгӯӣ, кинаю адоват... – фиғон баровард Рашид.

– Э, ин ҳаромхӯра бин... – носазо гуфт Самеъ.

– Ту худат ҳаром, мурдор...

– Бас-бас!

– Ҳолӣ ист... тухматба алав мемонам... Дониста мон, – ришаш набошад ҳам, монанди ришдорон манаҳашро ба қабза гирифт Самеъ, – додои ту ҳақимардумхӯр аст!.. Аз ҳақи чӯпон мезанад, аз ему алафи мол мезанад... Дар рамаи колхоз як моли дуруст намонд... Калонони районба хуронданаша халқ намедонад?! Нағз медонад! Вақти соаташ ояд, нишон медиҳам!

– Аз дастат ояд, ҳар кор мекунӣ, лекин ҳайфо...

– Ин хел катӣ рӯз дидана ман худама аз зов мепартом!

– Тезтар парто... – Ҳусейн дар ҷавоби Самеъ сухан наёфта ночор монду дар хӯрдагирӣ сар кард: – Додот худама мекушам гӯён ба ҳавз партофтагӣ-ку!

– Сабр кун, телба нашав... Ба решаи додои ту ҳам табар меояд... Ҳукумат ресмона дароз партофта мондагӣ. Як гирду ғун карда гирад, чашмата мош барин кушода мемонӣ!

– Ҳамон вақт ҳам ман як бурда нон пурсида ба дари ту намеравам! Боз ту меоӣ! Аз ёдат баромад-дия, ишкамат акнун сер шуд... Кӯрнамак!.. Очет сари азон катӣ нон пурсида меомад, гадой барин аз таҳи дар намерафт... Аз ёдат набарор!

–Ҳолӣ ист, маълумот дода, додота пояша аз осмон набиёрам, номам Самеъ не!

– Бас! – якбора овоз баланд кард Рашид. – Бас!

– Эҳ-ҳе, хобата рафта ба об гӯй! Ба гапи ту бовар мекардагӣ аҳмақа очааш назоидаст! Далел даркор! Набошад, барои тӯҳмат Ҷӯрахоли Ҷаббор барин рафта мешинӣ!

– Аз барои савоб, бас кун, Самеъ, набошад... – Рашид бо ғазаб аз ҷояш бархост.

Ғазаби вай асар кард магар, ҳар ду тараф хомӯш гаштанд. Дар ғор торикии ғализ бо сукунати мудҳиш ба ҳам омехта, кам-кам дилҳои онҳоро фишурдан гирифт.

Аслан, таҳқири Ҳусейн беасос ва тӯҳматомез буд. Дар деҳа хурду калон медонистанд, ки баъди таваллуди Самеъ миёни падару модараш носозӣ афтода, аз ҳам ҷудо шудаанд. Падар дар сари қаҳру ҷаҳл «ин фарзанди ман не» гуфтааст. Аммо бадраҳагии ҳамсари ӯро азбаски ҳеҷ кас гумонбар набуд, ин даъворо дашноми ҷаҳлонаи марди аҳмақ ҳисобиданду бас. Вале баъзе кӯтоҳандешон дар сари ҷангу ситез ҳанӯз ҳам инро дастак карда, ба тӯби онҳо неш мезаданд. Кӣ медонад, балки бо ҳамин таҳқир сабуксорони дигарро огоҳ мекардагистанд, ки деҳа ҷои ҳарзаву сабуксорӣ нест. Беҳуда намегӯянд, ки духтарам ба ту мегӯям, арӯс, ту шунав!

Ҳусейну Самеъ ду рӯз қаҳрӣ буданд. Рӯзи сеюм Рашид онҳоро оштӣ кард... Сонитар вай аз ин кори худ афсӯс хурд. Агар бо ҳам ҷангӣ монанд, балки беҳтар буд. Аммо кӣ кафил мешавад, ки онҳо ҷангӣ мемонанд?!

## Б о б и ч о р у м

### Ҷонвари номаълум. Ҳар хел шубҳаҳо. Алав даргирифт!

Рӯзи сеюм ва чорум ҳам онҳо шифту деворҳои ғорро кофта, решаю гиёҳҳои ёфтагиашонро хӯрда рӯзро бо ҷустуҷӯ, шабро бо варзиш ва хоби ҳаром гузарониданд. Як кӯзаи шикастагӣ ҳам ёфтанд, ки он барои обхӯрӣ кор дод. Онҳо пеши оберо, ки аз рӯи шахи девор таровида мерехт, баста, ҳавзчае сохтанд, ки ҳоло аз он ба кӯза об гирифта мехӯрданд. Рашид мегуфт, ки меъдаро бо об пур кунед, гуруснагиро ҳис намекунед. Онҳо зӯр ба зӯракӣ об мехӯрданд. Ҳоло ҳар яке соат ба соат заифтар гаштани ҷисми худро ҳис мекард. Ба назар чунин менамуд, ки онҳо муддатҳо дар ин ғор зиндагӣ доранд.

Чашмашон ҳам гӯё ба торикӣ одат кардагӣ барин, палмосида-палмосида ҳар чизи дар сари роҳашон будагиро меёфтанд. Рашид мегуфт, ки ангуштони дасти одам ҳам каму беш қувваи бинои дорад, аммо ба ин гапи ӯ шариконаш тамасхур намуданд. Самеъ гуфт:

– Ту, ҷӯра, кам-кам аҷлата хӯрдӣ... Аз ин хел гушнагӣ одам ҳар чӣ мешавад.

Рашид, аз чӣ бошад, барои исботи суханаш кӯшиш накард. Вай ҳис мекард, ки рӯзҳои аввал шариконаш умедвор буданд, ки ӯ илоҷи аз ин ғор халос шуданро меёбад. Бинобар он, ба вай муносибаташон дигархелтар буд. Акнун диданд, ки аз дасти вай ҳеҷ кор намеояд, боз монанди пештара ӯро «Ғир-ғирак», «Камхун» гӯён ном мебурданд. Ба Рашид ин хел муомилаи онҳо сахт расад ҳам, намеранҷид. Вай мехост, чорае ёбаду аҳволи шариконашро сабуктар кунад. Ӯ ба ҳамин ният имрӯз Ҳусейну Самеъро ташвиқ кард, ки ҳамроҳаш ба даруни ғор раванд. Азбаски даруни ғор беҳад торик буд, ӯ то онҳоро розӣ кардан хеле дилхун шуд. Тарси онҳо ин буд, ки агар ғор панҷа зада бошад, дар бозгашт раҳгум мезананду даромадгоҳро гум мекунанд.

Оқибат Рашид пеш-пеш, он ду тан аз қафо дасти якдигарро дошта деворҳоро палмосида ба дарун ҳаракат карданд. Онҳо бо нӯги пой пеши роҳашонро чандинбора санҷида, сипас қадам мегузоштанд. Даруни ғор гоҳ фарох, гоҳ танг буд. Онҳо девору шифт ва зери пояшонро палмосида, ҳар чизи ба решаю алаф ё ҳезум монандро ғун мекарданд ва дам ба дам ба сӯи даромадгоҳ менигаристанд. Метарсиданд, ки онро гум мекунанду дар ин торикии зулмот мемонанд.

Онҳо аз даромадгоҳ ҳамагӣ қариб 20 метр даруннтар рафта буданд, ки ногаҳон Ҳусейн бо фарьёди ҷонкоҳонае сахл

монд онҳоро заҳракаф кунад. Аз зери по решаю алаф ҷуста-равон якбора «вой, очаҷон!» гуфту худро бо шаст ба қафо андохт. Самеъ ва Рашид ҳам беихтиёр худро ба сӯи даромадгоҳ заданашонро нафаҳмида монданд.

– Чӣ гап?.. Чӣ шуд? – дар ҳолате, ки дилаш аз сина берун ҷаҳам мегуфт, пурсид Рашид.

– Ким-чӣ... – дарақ-дарақ ларзида ба он сӯ ишора кард Ҳусейн.

Самеъ гӯё аз забон монда буд, ҳарфе назада худро ба барфи даҳани ғор чафс гирифта буд ва бо даҳшат ба дарун менигарист.

– Ким-чиат чӣ, дуруст гап зан!

– Намедонам... Ҷонвар барин... Якбора... дастам расид...

Онҳо то бегоҳ Ҳусейнро гаштаю баргашта пурсуков карданд. Рашид наздиктар рафта ба дарун гӯш дод, аммо чӣ будани он чизро фаҳмида натавонистанд.

– Ба фикрат, ҳамон чиз мурда буд ё зинда буд? – мепурсид Рашид.

– Намедонам.

– Ягон кас мурдагӣ, – тахмин мекард Самеъ.

– Мӯяш ҳаст, – тахмини ӯро қувват медод Ҳусейн.

– Бе чароғ чӣ будани ӯро фаҳмидан мушкил. Ё чароғ ё алав даркор аст, – Рашид гумону тахмини бекораро бас кунед гуфтанд хост.

Тамоми рӯз мавзӯи гуфтугӯи онҳо ҳамин буд. Рашид боз як бор ба даруntари ғор рафта хеле вақт хомӯш нишаста гӯш дод, аммо аз он «ҷонвар»–и Ҳусейн ҳеҷ садое намебаромад. Ба пеш рафтан ҷуръат накарду қадре ҳезуми хушк ва хасу хошок ёфта овард.

Рашид баъд аз ин дар паи оташу чароғ афтод. Вай тамо-

ми он рӯз хасмайда ғун кард. Ҳатто аз шифти ғор тори тортанак ҳам ба дасташ печад, ғун мекард. Пас аз чораҷӯиҳои зиёд оқибат рӯзи дигар вай илоҷи чароғдаргирониро ёфтам гӯён хурсанд аз ҷо бархост. Астари палтояшро дарронда пахта гирифту равғанеро, ки аз решаи мисковак гирифта буд, ба он молид ва гӯгирд заду онро ба пахтаи равғанин дошт. Вале он часар-чусур карду дарнагирифт. Равғани мисковак намесӯхт. Рашид боз ҳам рӯҳафтода нашуд. Қабати санги роғҳои шахро даст-даст карда, оқибат ба ширеш монанд чизе ба ангуштонаш расид. Вай онро ба пахта молида пилта сохт. Пилтаро гӯгирд зад. Он монанди чароғи мил-милак оҳиста даргирфт. Самеъ саросема як чангол хасу хошоки хушкро, ки Рашид тайёр дошта ист гуфт, ба алав наздик овард. Хошок оҳиста даргирифт. Онро ба таги дар монда, ба рӯяш аз шоху шиббаи хушк бо эҳтиёт шикаста ниҳоданд. Ҳар се гӯё хазинае ёфта бошанд, аз се тараф истода, ба сари он оташи хурд хам буданд. Оташ даргирифта, дуди борики он ба шифти ғор печид.

Онҳо чунон хурсанд буданд, ки гӯё роҳи халосиро ёфта бошанд. Ҳусейн зуд мӯзаашро кашида, пойҳои қариб як ҳафта боз шах шудагиашро ба оташ дошт, пойтобаашро ба гирди алав паҳн кард. Дигарон ҳам ба ӯ пайравӣ карданд.

Дақиқае нагузашта дуди талх чашмони онҳоро сӯзонда, ашкашонро равон кард. Лаҳзае аз миён гузашту ҳар се ҳам бетоқат шуда аз ҷо бархостанд, аммо худро ба куҷо гирифтанашонро намедонистанд. Ҳама ҷоро дуди ғализу талх гирифту ҳар се беист сурфа мекарданд.

Самеъ оташро лагатмол карда хомӯш кардан хост, аммо Рашид монеъ гашт.

– Накун!.. Бештар дуд мекунад.

– Худамона бо дасти худамон куштем! – ба ваҳм афтод

Ҳусейн.

– Рӯмолча ё шарфатона тар карда, ҳамон катӣ нафас гиред, – маслиҳат дод Рашид.

Аз рӯи гуфти вай амал карданд, аммо дуд торафт ғализтар мешуд. Рашид аз дуди талх нафасгир гардад ҳам, оташро хомӯш кардан намехост – «ягон кас аз берун дудро мебинад» мегуфт.

– Чӣ мекунем?.. А, Рашид? – Самеъ бо умед ба Рашид рӯ овард. Ҳоло овози вай гирифта, ҳиррос мезад.

– Ба даруntари ғор меравем... Дигар илоҷ нест... То парешон шудани дуд... – Рашид канда-канда инро гуфту як чӯбчаи хушки даргирифтагиро бардошта равон шуд. Шӯълаи оташ таҳи по ва деворҳои ғорро равшан мекард.

– Мӯл дарун нарав, – хоҳиш кард Ҳусейн.

Рашид ҷавоб надод. Онҳо даҳ-дувоздаҳ метр дарун рафтанду аз тазъиқи дуд андаке халос шуданд.

– Бас, ист! – амр кард Самеъ.

– Алави дастат намурад, – огоҳ кард Ҳусейн паст шудани оташи онро дида. Аммо алав кам-кам хомӯш гашт. Қӯри сурхи онро Рашид ҳарчанд пуф кард, дигар дарнагирифт.

– Агар намемурд, ҷонварата рафта медидем, Ҳусейн, – гуфт Рашид.

– Худат равӣ, ихтиёрат, лекин ман намеравам, – гуфт ӯ дар ҷавоб. – Бе ин ҳам ҳамуна дидан боз дуруст хоб намекунам, дар хобам фақат мурдаҳора мебинам. Ягон кас мурда мондагӣ. Кӣ бошад-а? Агар мурдаи одам набошад, ба хоби ман барои чӣ фақат мурдаҳо медароянд? Балки мо ҳам ҳамин одам барин мурда мемонем... Ҳаёлам ҳеҷ шаб нашаваду хоб накунем.

– Ман ҳам, – гуфт Самеъ. – Дар гӯристон хоб кардагӣ

барин ба биниам бӯи мурда меояд. Ягон кас мо барин афтодагию мурда мондагӣ. – Дасти Ҳусейн ба мӯяш расид.

Ин суханро шунида, ба дили Рашид ҳам ваҳм афтод, вале ба шариконаш сир надод.

Онҳо дар равшании хираи кӯр зери пой ва гирду атрофро дида, хотирҷамъ шуданду дар ҳамон ҷо қарор гирифтанд. Рашид ду-се чӯбчаи хушкро аз таги пой ёфта, ба болои лахта монда пуф кардан гирифт.

– Мон акнун, – норозиёна ғурунгос зад Ҳусейн. – Аз ин ҷо гурехта боз ба куҷо меравем?.. Вай ҷонвар аст ё ягон одами мурдагӣ, кӣ медонад. Ман аз мурда метарсам.

– Натарс, ба дарё афтодагӣ аз борон наметарсад.

Рашид бо як дасташ заминро палмосида-палмосида як мушт хасу хошоки хушк ғундошту лахчаро ба рӯи он монда, баъди пуфу куфи зиёде боз алав даргиронд. Шӯълаи он сангу шохҳои азимеро, ки девору шифт ва фарши ин нақби табииро ташкил мекарданд, хира бошад ҳам, ба чашм намоён кард.

– Ҳамин ду чӯбча дар гирад, ба даст мегирему рафта ҷонварата мебинем, Ҳусейн, – боз ба ӯ мусаддеъ шуд Рашид.

– Аз афти кор, аҷал тура ба ҳамон ҷо мекашад. Рости гап, агар аҷал накашад, ин хел шилқинӣ намекардӣ.

– Парво накун, ту аз қафо биё. Ман то чӣ будани уна набинам, дилам қарор намегирад.

Чӯбчаҳо даргирифтанд. Аммо Ҳусейну Самеъ дарун рафта нахостанд.

Рашид шаш-ҳафт қадам рафт, аммо дилашро ваҳм гирифт. Алав ҳам хомӯш мегашт. Вай бо ҳамин баҳона боз ба қафо гашт.

Гуруснагӣ кори худро мекард. Ҳамаи ин беҳавсалагӣ бар асари бемадорӣ ва кам-кам хомӯш гаштани фаъолияти ҷисми

онҳо рух медод. Аз ҷо бархоста, чор метр он сӯтар рафтан ҳам ҳоло ба назари онҳо заҳмати гарон менамуд. Балки ба ҳамин сабаб Самеъ ва Ҳуейн баъди он қадар дилмонӣ ва ҳақоратҳои авфнопазир зуд бо ҳам оштӣ гашта, зоҳиран чунин ба назар менамуд, ки он дилмониро кайҳо фаромӯш карданд. Аммо Рашид ҳис мекард, ки агар зиндаю саломат аз ин ғор бароянд, дар ҳаёт онҳо бо ҳам кинадор хоҳанд монд. Бесабаб нагуфтаанд – забон лаҳми гӯшт аст... Дар хусуси Самеъ ба ҳамин монанд суханонро пеш аз ин Рашид аз даҳони баъзе ҳамқишлоқиҳо шунида буд, вале Ҳусейн ин таҳқирро ба рӯяш гуфт.

Чаҳор рӯзи дигар аз миён рафту дар ғор дигар решаи хӯрданӣ ҳам намонд. Ҳарчанд, ки онҳо ба сарфакорӣ ҳар рӯз ба сари кас дутогӣ реша ё алафи ғорро тақсим мекарданд ва аксар гуруснагиашонро бо обхӯрӣ қонеъ доштанд, дигар хӯрдание намонд ва баробари он аз тан мадор ва аз дил умедашон рафта буд. Ҳоло ҳар се дар се гӯша хомӯш дароз кашида мехобиданду ҳавсалаи сухангӯӣ ҳам, аз ҷо бархостан ҳам надоштанд. Марг ҳам ба назари онҳо чандон даҳшатнок наменамуд.

– Рафта дидан даркор, дигар чора нест, – гуфт оқибат Рашид аз ҷояш бо азобе бархоста.

– Фоидааш нест, бекора овора шудан чӣ лозим? Аз ҷоям хезам, сарам мегардад,– норозиён ғут-ғут кард Самеъ.

– Балки ягон чизи хӯрданӣ будагист?

– Чӣ чизи хӯрданӣ мешавад? Ҳар чӣ бошад, будагист, аммо хӯрок не. – Сонӣ пайрави суханаш гумону андешаи худро гуфт: – Ман хуб фикр кардам: ё ягон одам мурдагию устухонаш мондагӣ, ё ягон хел ҳайвон мурда гӯшту пӯсташа кирмон хӯрда пашмаш мондагӣ. Дигар чиз не! – қатъӣ ҳукм кард Самеъ.

– Кошкӣ, хӯрданӣ бошад, – гуфт Ҳусейн ба зӯр овоз бароварда. – Агар ҳайвон бошад, пӯсташ ҳам ба мо бас буд.

– Рӯз аз рӯз аз ҳол меравем. Дигар чизи хӯрданӣ нест. Сонӣ дер мешавад, – гуфта Рашид шариконашро аз хатар огоҳ кард. – Сонӣ... даруntar дароем, реша будагист...

– Рост, – гуфт Самеъ беҳолона ва бо ҳамин ба рафтан моил буданашро изҳор кард. – Меравам. Ҳар чӣ бодо бод. Аз дусар, дар ин ҷо ҳам мурда меравем.

Фақат Ҳусейн хомӯш менишаст.

– Аз қувват рафтӣ, об хур, – гуфт Рашид.

Он чизе, ки Ҳусейн даст зада буд, ба дили ҳар яке валвала ва беқарорӣ оварда буд. То ҳол яке бо умед, дигаре бо ваҳму ҳарос дар хусуси он фикр мекарданд, вале аз ин дам ҳама ба дарун бо умед менигаристанд.

Баъд онҳо то шом нақшаи ба он сӯ рафтанро кашиданд. Рашид мегуфт, ки ҳар се баробар меравем, Ҳусейн узр пеш меовард, ки вай аз мурда метарсад, бинобар он, дар нимраҳ алав дошта меистад. Самеъ мегуфт, ки номаъқул кардӣ, агар бимирем, бигзор, ҳар се бимирем.

Ҳоло ҳавои даруни ғор чандон сард набуд. Ба ҳар ҳол, оби чашмаҳое, ки аз ҳар ҷо-ҳар ҷо он ҷорӣ гашта, ба ким кучое ғоиб мегаштанд, ях набаста буданд. Бачаҳо аз сармо ларзида шабҳо барои гарм шудан ба даруntари ғор мегузаштанд. Моҳи март фаро мерасид ва нафаси баҳор дар ин зиндони табиат ҳам аллакай эҳсос мешуд.

Рашид як даста чӯбу чахси хушкро ба хокистар партофт.

– Э, мон, акнун хоб кунем!

– Дуд хӯрда-дуд хӯрда боз намурем?

– Дуд намекунад. Ман қӯра ба хокистар гӯр кардам, то пага меистад. Ҳезум хушк мешавад, фардо алав мекунем, –

онҳоро хотирҷамъ кард Рашид. – Ман то рафта он ҷонвара набинам, дилам қарор намегирад.

– Гумонат вай чӣ? А, Рашид? – гаштаю баргашта мепурсид Самеъ. – Одами мурдагӣ ё не?

– Як гӯсфанда кушта, Рашид хурад гӯё мондаанд! – бо нимовоз киноя кард Ҳусейн.

– Надонам... Дасти ман нарасидааст. Ин савола аз Ҳусейн пурс, – гуфт Рашид.

– Баногоҳ дев-пев бошад чӣ? – пурсид Ҳусейн.

– Э, хез-е! Тура кӣ мегӯянд хондагӣ!

– Хайр, чи-да? – акнун Самеъ ором намешуд. Овози ғафси вай ҳоло гӯшхарош ва бешира буд.

– Агар дарвоқеъ ягон одами мурдагӣ бошад-чӣ? А?.. Сонӣ чӣ кор мекунем? – бо даҳшат мепурсид Ҳусейн.

– Ҳар чӣ бошад ҳам, бояд рафта бинем, – гуфт Рашид оҳиста, вале қатъӣ. – Фардо шумо аз қафо бед, ман пеш-пеш, алав қатӣ рафта мебинам. Дигар сабр карда наметавонам.

– Ҷӯра, мон, ҳамин савдора аз сарат берун кун, – Ҳусейн барои хобидан дароз кашид. – Мемурдагӣ бошем, аҷали худамон қатӣ... Эҳ, ҳозир дар деҳа фақат гапи мо...

– Наход мурда равем-а? – ташвишомез пурсид Самеъ.

– Э-э, ба додою очаи ман мушкил шуд... Рӯзашон сиёҳ гашт...

– Ба очаи танҳои ман осон-да – сухани Рашидро бо тамасхур бурид Самеъ. – Тубаки ту тилло буд-дия.

– Ҳой, ҷӯраҳо, бед, як дам гапҳои нағз занем... Ҳар кас чӣ мақсад дорад, кӣ шудан мехоҳад, кадом духтара хуш кардагӣ, ҳаққаша гӯяд. Аз ҳар сеямон касе, ки ин сира ба каси дигар гӯяд – номард. Гап дар миёни ҳар сеямон монад. Майлаш? – ба шарикон рӯ овард Ҳусейн.

– Ман розӣ. Ку, худат сар кун, – гуфт Самеъ бо шавқ. – Мо ду кас – Мункару Накир. Росташа мегӯӣ! Руст кардагӣ ҳам номард аст.

– Не, ту сар кун,– гуфт Ҳусейн.

– Чӣ метарсӣ? Сар кун.

– Қуръа мепартоем. Рашид, қуръа парто.

– Рашид гӯгирдчӯб барин се чӯбчаро шикаста дар муш-таш руст карду нӯги онҳоро ба шариконаш пешниҳод кард.

– Яктааш – дароз, дигараш – миёна, сеюмаш – кӯтоҳ. Ба касе дарозаш расад, ҳамон сар мекунад.

Чӯбчаи дароз ба Ҳусейн афтод.

– Чӣ гӯям, – вай ҳиҷолатзада табассум карду сонӣ оҳиста сухан сар кард: – Баъди тамом кардани мактаб ба институти хоҷагии қишлоқ даромаданиам... Хӯш, боз чӣ гӯям?.. – Агро-ном мешавам. Ба орзу айб не. Мақсадам – одами обрӯманд шудан. Дар идораҳои боло кор мекардагиҳо ҳам мо ба барин одаммонанд-дия. Ман ҳам орзу дорам дар идораҳои калон кор кунам, вазифаҳои баланд гирам... Боз чӣ?

– Кира хуш кардӣ? Гӯй охир, – луқма дод Самеъ.

– Асосан... ҳолӣ ягон духтара хуш накардаам. Рости гап. Дар район аз духтарони ҳамсинфам яктааш камтар маъқул... Аммо ҳолӣ гап куҷою кор куҷо! Додом ба бегона розӣ наме-шаванд... аз афти кор, ягон духтара аз тӯби худамон ба ман номзад мекунанд.

– Кира? Гӯй?

– Надонам. То панҷ сола ягонтоаш ба қад марасад-дия, – хандид Ҳусейн. Аз ҷавоби рӯирост сар тофтани вай аён буд. – ана, тамом. Акнун навбати ту, Самеъ.

– Ман... мебахшӣ, Ҳусейн, “орзу айб не” гуфти-ку, – узр-омез сухан сар кард Самеъ. – Ман... Анора нағз мебинам, то

мурданама зӯр мезанам ҳамуна гирам... Сонӣ, якта мошин мегирам... Ана, сонӣ завгар, мудири анбор ё хоҷагӣ шуданиам. Агар бахтам тобаду кассир шавам... Сайфӣ барин худхурам намешавам. Ҳар рӯз гӯсфанд кушта, ҷӯраҳома арақу коняк қатӣ зиёфат мекунам... Эҳ, агар Анора додот ба ман медоданд... – ба Ҳусейн муроҷиат кард вай.

– Бас, лаққидан... Баҳудаю беҳуда номаша ба забон нагир. Тақдираш ба кӣ рафтагӣ бошад, вақту соаташ расад... – гуфт Ҳусейн монанди калонсолон бо тамкин ва қиёфаи ҷиддӣ.

– Ман хостгор мефиристонам! – гуфт Самеъ сухани ӯро бурида. – Ку, кӣ ҳад дорад ба вай талабгор шавад?! Зада ҷоғаша мешиканам...

– Рашид, навбати ту! – ба рӯи вай нигариста хитоб кард Ҳусейн. – Руст намекардагӣ гуфтем.

– Чира руст мекунам?! – китф дарҳам кашид Рашид. – Агар зинда аз ин ғор бароем... Хонда духтур мешавам. Орзуям духтури нағз шудан аст.

– Ҳеҷ набошад, сардухтури ягон беморхона мешавам гуй, – луқма дод Ҳусейн.

– Не, ман қобилияти роҳбарӣ надорам.

– Ин, ана, вай ҷароҳи номдори район ҳаст-ку... номаш чӣ буд? Ана, ҳамон барин шудан мехоҳад. Ҳар рӯз ба ҳавлиаш гӯсфанд, қуттӣ-қуттӣ чизу чора мебиёранд, – гуфт Самеъ.

– Не, ҷӯра, гумонат беҷо. Ман ин хел шудан намехоҳам. Нон кӯр кунад, кӣ намехоҳам, – қасам хӯрд Рашид. – Аз кори ман одамон розӣ бошанд, бас.

– Хуб, боз чӣ?

– Дигар ҳеҷ... Ҳолӣ ягон духтара нағз надидаам.

– Ту пир шавӣ ҳам, аз духтарон тарсида мегардӣ.

– Наметарсаму... ҳамту, шарм медорам.

– Як пула одам мешудӣ... – гуфт Самеъ даст афшонда.– Аз ту ҳеҷ фоида намедидаем.

Онҳо то хеле вақт аз орзую реҷаҳои худ гуфтугӯ доштанд. Дар охир сухан боз ба сари халосӣ омаду усулҳои тахминии кушодани даҳани ғорро муҳокима карданд. Дар ин бобат ҳарчанд қувваи хаёли худро ба кор андохтаанд, ҳеҷ умеди тасаллибахше наёфтанд.

Рашид чун ҳамеша ба кофтани таҳи дар машғул буд, вале ин бор ба он ҷо нишасту вуҷудашро араќи сард пахш кард, сараш гирд гашту чашмонаш сиёҳӣ заданд. Лаҳзае овози шариконаш ба гӯши вай гӯё аз дур мерасид. Чанд муддат ба ин минвол монд, вай надонист, зеро хоб рабуду соате ғунуда гирифт.

Аз хоб чашм кушоду муддате беҳаракат ёзида дар банди хаёл печид: ӯ як насиҳатеро, ки падараш сари ҳар сухан таъкид дошт, ёд овард: “Ба кас дустӣ кун, дӯстата аз даст мадеҳ, дар дунё агар сад дӯст дошта бошӣ ҳам, кам аст...” Сонӣ афсонаи марди савобталабро мегуфтанд. Гӯё марде мемираду гуноҳи савоби вайро баркашанд, баробар омадаст. Гуфтаанд, ки бирав мард, арзан барин савоб ёфта биё, туро ба биҳишт раҳ медиҳем. Мард назди додош рафта “аз савобатон арзан барин диҳед” гуфтаст. Додош гуфтаст, ки савоби худам ҳам аз гуноҳам камтар аст, дода наметавонам. Мард назди очаш рафтаст. Очаш ҳам гуфтаст, ки гуноҳу савобаш бар-баробар аст, ҳеҷ илоҷи кам кардан надорад. Мард ғамгин дар роҳ мерафтаст, ки як нафар дӯсташ пеш омадаст. “Ҳа, чиба ин қадар бедимоғӣ?” гӯён пурсад, ҳодисаро ба вай маълум кардаст. “Э, барои ҳамин ҳам ғам хӯрдӣ, дӯстам, – гуфтаст вай ба китфи ин зада. – Буду шуд арзан барин савобам ҳаст, бигир, ҳамуна ба ту бахшидам!..” Мард ба биҳишт рухсат гирифтаст. Як замон

ҳамон дӯсташ ҳам ба биҳишт рухсат гирифта ба биҳишт даромада омадааст. Мард ҳайрон монда пурсидаст: “Ту гуфта будӣ, ки буду шуд арзан барин савобам ҳаст, бигир... ба биҳишт чӣ хел даромадӣ?” Он дӯсташ гуфтааст: “Рост мегӯӣ, арзан барин савоб доштам, ба ту бахшидам. Барои ҳамин хел завқи Худо омаду аз ҳамаи гуноҳам гузашт. Ана, ҳамин хел ба одамон холисона, бетамаъ некӣ кун”, мегуфтанд додом... Аммо аз дасти ман чӣ меояд... Мушкили инҳоро осон карда наметавонам. Агар ягон илоҷе меёфтам...

– Даҳани ғора кофтан ба ёди ҳеҷ кас наомад... Чандин бор кофта омадагистанд... мо бехабар. – гӯён Ҳусейн ӯро аз чанги андеша раҳонид.

– Баҳор омад... Тоқат кунед, – дилбардорӣ кард Рашид.

– Баҳор омадан қатӣ кӣ ин ғора, мекушояд?! Аз ҳол рафтем... Аз ҷоям хезам, зонуҳоям дир-дир меларзанд, – гуфт Ҳусейн ва маъюс оҳ кашид.

– Ба сарашон ягон мушкил афтад, одамон мушкилкушо мекунанд... Ҷӯраҳо, бед ягон ният кунем, шояд...

– Ман ба ин хел гапу корҳо бовар намекунам, – сухани Самеъро бурид Рашид.

– Ту ният кун, ки Гуландом кампира дигар озор намедиҳӣ. Тавба кардам гӯй, – ба Самеъ хитобан зери лаб ғурунгос зад Ҳусейн.

– Э, вай пеш, хурд будам.

– Ана, дуои ҳамон кампири бечора гирифт!

– Тура дуои кӣ гирифт? Ина чӣ? – ба шӯр омад Самеъ.

– Мо ба касофати ту...

– Гов мурад ҳам, боз чашмаш ало... Даҳани бӯйноки ту ҳеҷ дуруст нашуд, – озурда гашт Самеъ.

– Ҳоло кӣ пеш мемурад – маълум не.

– Шумоён колхоза мехуред... Кефич мекунеду боз касофати ман?! – ғут-ғут мекард Самеъ.

Вале Ҳусейн ба вай ҷавоб надод. Ба миён сукунати тамом афтод. Аслан, ба сухан майлу мадори онҳо набуд. Ҳатто аз овози якдигарӣ дилгир буданд, вале хомӯшии мутлақ дилҳои онҳоро фишор медод, дар назар чунон менамуд, ки ба ҳамин минвол хомӯш, ҳарфе назада ҳалок хоҳанд шуд. Аз ҳамин сабаб суханони чандин бор гуфтаву шунидаашонро боз мегуфтанду мешуниданд ва якбора худ аз худ хомӯш мешуданду беҳолона ғанаб мекарданд.

Баъди хеле хомӯшӣ Ҳусейн якбора ба гап даромаду мавзӯи аввалро идома дод:

– Сиҳату саломат аз ҳамин ғор бароям... Чӣ гӯям?.. Якто гӯсфанд кушта ба халқ...

– Ина гуфта будӣ... – даст афшонд Рашид. – Ҳамаи ҳимматат ҳамин аст?! Гумонам ин дафъа барои азизу авлиё ин ғор гов ваъда мекунӣ.

– Якта говба додоша мефурӯшад ин! – пичинг кард Самеъ.

– Ту чӣ? Ту ҳам гап зан! – заҳрханда кард Ҳусейн. – Дар хонаат аз ҳалол як мурғ нест, аз ҳаром – як гурба.

– Ҳе, ту барин молдора... – Самеъ дашном доду Рашид барои пешгирӣ кардани ҷанги нав ба миён даромад:

– Ҳой, шумо ҳар ду бас мекунед, ё не?! Э, ақлатона ба ҷояш биёред, худамон дар чӣ ҳолу... Э, аз барои савоб, аҳмақӣ ҳам ба эбаш-да! Мардбача ин хел майдагапу эзма мешавад?! – оҳиста-оҳиста ғазаби Рашид ҷӯшиду суханони сахт гуфтан гирифт. – Ҳар ду ҳам хонашеру майдонғариб! Дилу гурдаатон бошад, ана, рафта вай ҷонвара гиред! Пагоҳ-фардо тап-тап афтода мемурему боз бадгӯӣ, дашном. Аҳмақ будед, – бо наф-

рат даст афшонд вай. Сонӣ ба фикр фурӯ рафту занҷири гиребони куртаи варзишиашро болою поин кашида, хеле вақт хомӯш монд. “Падари Ҳусейна мардум хуш намекунанд... чанд каса бо тӯҳмат кулак кард, бадарға кард мегӯянд. Ҳусейн аз ин хиҷил аст, аммо маълум намекунад. Нони бедардмиён хӯрда калон шудагӣ бошад ҳам, дилаш рост, дурӯя не, каса намефурӯшад... Аммо ба Самеъ бовар кардан мушкил аст. Ин аз паи додои Ҳусейн мерафтагӣ барин... Барои фоидаи худаш аз ҳеҷ хиёнат даст намекашад... Ҳозир ҳам як бандча решара зер карда нишастааст. “Ин барои рӯзи танг, даст нарасонед” мегӯяд. Гумон аст, ки бо мо ба ҳам бинад... Баъд аз ин чӣ кор мекунем, ҳайронем...”

– Дигар решаю алаф ҳам тамом шуд, – гуфт вай баъди хеле фикру андеша ба сухан даромада. – Будагиша бо сарфа хуред. Хоида напарто, Самеъ!

Чашмони мешии Рашид як-як ба рӯи шариконаш дӯхта шуд. Ҳар ду ҳам ба ғоят лоғар гашта, чашмонашон ба косахона фурӯ рафтаст, устухонҳои рӯяшон ҷаста баромадаст. Каллаи калони Ҳусейн ҳоло хурд гашта, дӯлчаи обхӯрӣ барин шудаст. “Вай аз ҳама бештар аз марг метарсад, аммо сир намедиҳад, – аз дил гузаронд Рашид. – Духтар барин маҳин буд, ҳозир тундӣ мекунад. Аслан, тахи дилаш дар мактаби миёна хонданӣ набуд, ба институт даромадан ҳам намехоҳад.. Тракторчӣ шудан мехост... Аммо аз амри додош сар тофта натавонист. Мехоҳад вай ҳам бо дили пур ва боварии комил кори метавонистагиша кунад, гап занад... Вай ғайрат дорад, аммо ҷуръат надорад. Аз хурдиаш ким-чӣ хел камгап, одамгурез аст. Лекин ҳамеша буду шуди гапро мегӯяд. Шӯхию ҳазлро намедонад, одати аз майда-чуйда чақ-чақ карда нишастан надорад. Ҳол он ки додоша одами дастархондор, дар вақти

даркорӣ “дилёб мегӯянд”. Лекин додом мегӯянд вай ба ғайр аз калонҳо дигар одама одам ҳисоб намекунад...”

– Гумонат, вай ягон ҷонвар аст? Не! Агар ҷонвар бошад ҳам, кайҳо мурда пашмаш мондагӣ, гуфт ногаҳон Самеъ. Сонӣ бо алам ба Рашид рӯ овард: – Ҳамин ғора кӣ кофтагӣ, ба падараш лаънат! А, Рашид? Ғор чӣ хел пайдо шудагӣ, намедонӣ?

– Намедонам.

– Худаш аз азал ҳаст, – гуфт Ҳусейн.

– Барои чӣ “аз азал” дар дигар ҷо нест? – эътироз кард Самеъ.

– Аҷаб не, дар қабати кӯҳ намак ё оҳак, ё ягон чизи дигари дар об ҳал мешудагӣ будаст. Намак об шуда рафтагӣ, ҷояш ғор шуда мондагӣ,– фаҳмонд Рашид.

– Барои чӣ дар ҷои дигар намак не, дар ҳамин ҷо будаст? – қонеъ намегашт Самеъ.

– Э, мон, ҷӯра, қуввати даҳан кушода гапзанӣ надорам, – гуфт Рашид ва оҳиста паҳлу кашиду чашмони беҳолаш худ аз худ пӯшида шуданд.

Чашм пӯшиду модараш пеши назар омад. “Ҳамеша дилҷӯю меҳрубон, атрофиёнро мудом ба муросою мадоро ташвиқ мекунад, аҷаб модари нармдилу меҳнатнасиб дорам, – аз дил гузаронд Рашид. – Ноҳақӣ кунанд ҳам, сахт расанд ҳам, вай ба шӯр намеояд... Моро ҳам ба гузашткорию хатобахшӣ талқин мекард, баъзан аз тезию ситезахӯии ману додом малул ва озурда мегашт. Мудом гапаш ҳамин буд: “Ҳеҷ қисса не, дунё саҳнаи гардон аст, ҳар кас бад кунад, ба бад гирифтор мешавад...” Кӣ медонад, балки ақидаи вай ҳам асосе доштагист. Муаллим дар мактаб мегӯяд, ки номуросо шав, аммо ҳаёт... Дунё, зиндагӣ саҳнаи гардон аст гуфтанаш дуруст, лекин то

саҳна мегардад, ки эҳ-ҳе-е... Ҳамин хел гӯям, боре модарам гуфта буд: “Дар замони пеш одам қасоси кирдукорашро дар чил сол кашад, ҳозир дар чил рӯз мебинад...”

– Баҳори сабил ин қадар дер меояд, – боз ба сухан даромад Ҳусейн.

– Худора тез бош гуфта нашавад, – ба зӯр садо баровард Самеъ.

“Ҳамаи умедамон ба баҳор, – аз дил гузаронд Рашид. – Агар барвақт ояд, зинда мебароем, дер кунад... Аслан, ин қадар аз мурдан меҳаросем?! Аздусар, ҳама мемиранд... Дар ин дунё одам рӯзи маргашро интизорӣ мекашаду бас... Фарқаш чӣ... Чунон ки Хайём навишта аст, “ Аз омаданам набуд гардунро суд, в-аз рафтани ман чиз ба ҷоҳаш нафузуд...” Бинобар он, ҷавонмардона зиндагӣ кардан даркор! Ҳамон чизи ба дасти Ҳусейн расидагӣ аждаҳо бошад ҳам, меравам... Балки ҳеҷ чиз набудагист. Агар ба дасташ ягон реша ё пашме дармонда бошад, ин тарсу ваҳмида фарёд заду гурехт... Тарсончак чор чашм дорад мегӯянд, рост аст... Имрӯз ҳам гузашт. Фардо меравам. Инҳо нараванд ҳам, ман худам меравам, вассалом!..”

## Б о б и   п а н ҷ у м

## **Ана гапу мана гап! Хирс! Баҳсу талоши шарикон. Умеди наҷот**

Гуруснагӣ онҳоро ба чанголи шиканҷаи худ гирифта, рӯз аз рӯз, соат ба соат беҳол мекард. Решаҳои талх, алафҳои беранги ғор, занбӯруғҳои нимхушк ҳам тамом шуданд, ҳоло ин чизҳо бағоят кам дастрас мешуд. Қариб тамоми рӯз чизи хӯрданӣ меҷустанд, ҳар як решаю пӯстлохи ба дасташон аф-

тодаро хоида медиданд, аммо гуруснагӣ бештар хурӯҷ мекард.

Баъзан чашмҳошон сиёҳӣ мезаду мадори аз ҷо ҷунбидан намемонд. Вале фурсате нагузашта ба тавассути дилбардории Рашид боз андаке ба ғайрат медаромаданду хӯрок меҷустанд.

Беҳуда нагуфтанд, ки гушна худро ба даҳони шер задаст. Оқибат, се тан дар даст чӯбчаҳои фурӯзон ба сӯи пешгаҳи ғор ҳаракат карданд. Рашид, ки пешопеш мерафт, он "ҷонвар"-и Ҳусейнро аввал диду ба қафо рӯ оварда пичиррос зад.

– Хирс!.. Хоб аст... Ҷим-м...

Хирси барзангӣ дар болои "бистар"-и аз шоху шибба таҳ кардагиаш масти хоби зимистонӣ буд.

Онҳо қафо гаштанд.

Вазъи кор билкул дигар гашт.

Сараввал ҳар се тан аз шодмонӣ ба ваҷд омада, меҷаҳиданду мерақсиданд. Сонӣ... Рашид аз раъи аввалинаш гашт. Дос ҳам, шоф ҳам аз қайроқзании Самеъ ялаққос зад, алмос барин тез шуд, вале Рашид ба куштани хирс розӣ набуд. Хирси хобида ба дили вай қувват ва умед бахшида буд. "Дар ин ғор мо танҳо не, полвон-амак хоб будаст, вай роҳи баромаданро меёбад", мегуфт вай дар дилаш. Зотан, Рашид ҳамаи ҷонваронро дӯстдор буд ва ҳамеша ҷаҳдаш бар он буд, ки аз ӯ ба онҳо озоре нарасад. Ҳайвонот ҳам гӯё ин шафқати ӯро фаҳмидагӣ барин, аз вай намерамид, намеҳаросид. Хари ҳангиашон ба ғайр аз вайу додош касеро ба худаш наздик рафтан намемонд. Аз додош метарсид, он кас борҳо халачӯбкорӣ кардагӣ, аммо Рашид қатӣ ҷӯра буд.

– Хирс моро халос мекунад... – мегуфт вай ҳоло якравона, дасташро шоф карда ба таъкид.

– Ҳой, Ғирғираки бефаҳм! Аз гуруснагӣ мемурӣ, сонӣ чӣ мешавад? – Самеъ аз қаҳру ғазаб дарақ-дарақ меларзид.

– Ту аҷлата хӯрдӣ, Рашид, – биниашро кашида-кашида таъкид мекард Ҳусейн. – Чӣ, мо мурем, майлаш? Хирс намурад? Ҳамту? Охир, баъди мо мурдан роҳ кушодани хирс ба кӣ даркор?! Як бор дурусттар фикр кун.

– Ҳой, шумоён одам-ку, гапа мефаҳмед. Охир, чанд бор гӯям?! – аз бемадорӣ бо овози паст фиғон мебаровард Рашид. – Ҳама умеди халосӣ ба вай! Фақат ҳамин хирс раҳ меёбад ё раҳ кушода метавонад. Охир, уна куштан баробари худкушӣ кардан аст, – аз беҳолӣ дили вай сахт-сахт тапида, сараш чарх зад ва вуҷудашро араҷи сард зер карду хомӯш монд.

Самеъ рафта об хӯрда омаду беҳолона худро ба замин партофт. Баъди он, ки лаҳзае хобида, нафас рост кард, хитобан ба Рашид гуфт.

– Бекора якравӣ мекунӣ. Ҳар сеямон ҳам мемурем... Ба касофати ту... Аҳмақӣ накун,бача! Пагоҳ-фардо аз ҷоямон хеста наметавонем. Сонӣ афсус мегӯӣ...

– Натарс, ҳолӣ хеле бақувватем.

Рашид фикр мекарду фикр мекард: “Агар хирса кушта хурем, беҳтар аст, ё накушем? – гаштаю баргашта аз худ мепурсид вай. – Агар кушем, бо гӯшташ дуру дароз дар ғор зинда мемонем. Лекин... агар ба даҳони ғор санги бисёр афтода бошад, кушода наметавонем. Баъди об шудани яхаш ҳам, кушода наметавонем. Хирс мекушояд. Вақти бедор шудани хирс наздик мерасад... Онро куштан ҳам хатарнок аст. Ҳар серо нобуд мекунад... Ба Самеъ чӣ хел фаҳмонам?..”

– Ту аҳмақӣ мекунӣ, бача, – боз ба вай мутаваҷҷеҳ шуд Самеъ. – Ё ягон қасди бад дорӣ? А? Мора куштан мехоҳӣ?.. Ман мурданӣ шавам, дониста мон: аввал тура мекушаму сонӣ

мемирам, – вай ангуштони ду дасташро кушода халқа карда нишон дод. – Аслан, ту бахил... додот ҳам бахил аст.

– Додом ба ту чӣ бахилӣ кард?

– Тӯйи Амонуллоро ки вайрон карда буд? Додои ту!

– Охир... Охир духтари понздаҳсоларо ба марди панҷоҳсола маҷбур диҳанд, муаллим хап шинад?! Ба он кас ҳам гап мерасад.

– Гап-дия!.. Вай ҳаштума тамом карда буд. Бахилӣ. Ҳамин катӣ обрӯ гирифтанӣ буд. Кошкӣ, ягон кас писанд кунад? Раиса танқид карда расво шуданд-ку! Ана, додои Ҳусейн нахондагӣ бошад ҳам, аз додои ту сад баробар обрӯяш ҳам зиёд, кайфаш ҳам. Доим хонаашон пури меҳмон... Ту ҳам додот барин гӯр намешавӣ, бахил. Ман-ку, як мошини колхоза гирифта вангас кунонда мегардам, лекин хонӣ ҳам, ягон кам аз ту барака намеёбад.

– Додои ман тура хононда гунаҳгор шуд? – теғ кашида ба Самеъ нигарист Рашид.

– Ман аз додои ту ҳеҷ чиз ёд нагирифтаам. Бе додои ту ҳам мактаба тамом мекардам. – Баъд ба Ҳусейн рӯ оварда гуфт: – Ҳусейн, хез, рафта хирса мекушем! Хез.

– Сонӣ.

Маълум буд, ки Ҳусейн ба ин кор ҷуръат надорад, бинобар он, Самеъ зиёда исрор накард.

Соате ҳама хомӯш, ҳар яке ба ҳоли худ монд. Самеъ решаҳои “барои рӯзи танг” гирифтаашро мехоид, Ҳусейн чашмонашро пӯшида ғанаб мекард, Рашид бо чӯбчае ба реги зери пояш хат мекашид.

– Раис колхоза хешонаш катӣ тороҷ кард... Додои ман дар маҷлис гапи ҳақа гуфта, гунаҳгор шуд? – Рашид оқибат сар бардошта, бо алам ба Самеъ рӯ овард.

– Ана, раис боз давраша меронад, додои ту кали мурдашӯ гашт.

– Авлоди мо аз паи меҳнат нони ҳалол хӯрда одат кардагӣ. Ҳаром ба мо намефорад. Ҳаромхӯриба одат кардагиҳо хӯрда гарданд.

– Аз дасташ ояд, додои ту ҳам мехурад! Аз дасташ намеояд. Барои ҳамин чашми дидан надорад, – гуфт Самеъ.

Рашид даст афшонду дигар ҷавоб надод.

– Ту барин аълочиҳои бахил гӯр ҳам намешавад, лекин, ана, Ҳусейн хонад, раис мешавад, фаҳмидӣ? – боз хурӯшид Самеъ.

Аз чӣ бошад, ки вай ҳоло худашро ба Ҳусейн наздик мегирифт. Бо ҳар баҳона ба вай тамаллуқкорӣ мекард, ё буғзи дилмонии пештарароро бартараф кардан мехост, маълум набуд.

– Хайр, ҳар кас ба мақсадаш расад. Ман раис шуданӣ не... Раисиро ӯҳда карда ҳам наметавонам, – зери лаб ғур-ғур кард Рашид.

– Э, бас-е! – овоз баровард Ҳусейн. – Ҳамин хел гапҳо чӣ даркор? Худамо дар чӣ ҳолему...

– Ба Хосият-кампир ҳам додои ҳамин ариза навишта додагӣ, – алами Самеъ ҳеҷ пасанда намегашт. – Аз марказ омада, сонӣ чӣ қадар алғов-далғов карда рафтанд!

– Писаронаш дар ҷанг нобуд гаштагӣ, бекас... Нафақа намегирифт, ёрӣ намедоданд, ариза навишта те гӯяд, не гӯянд? – бо зарда савол кард Рашид. – Некӣ карда ба бало мондаанд-ку!

Самеъ ба паҳлуи Ҳусейн омада нишасту ба гӯши вай пичиррос зада ким чиҳо гуфт, аммо Ҳусейн ба аломати инкор сар ҷунбонд. Самеъ боз ба гап даромад, хеле кӯшиш кард, аммо шарикашро розӣ карда натавонист.

– Худам мекушам, сонӣ гила накун, дар охир таҳдид кард вай. – Як бурда намедиҳам! Гуруснагира мемуред. Агар ҳар дуята ҳам аз гушнагӣ накушам, номам Самеъ не! – ӯ бо ғазаб мушт барин сангро гирифта, ба шахи девор зад. Аз шах оташак парид.

– Охир, хирса чӣ хел мекушем?.. Фикр кун, ин кори ҳазл не! Ман наметавонам. Сонӣ, Рашид гуфт-ку, вақти бедор шуданаш наздик... Гумонат вай бузғола-чӣ?

– Э, гапи ҳамуна гап гуфта, бовар кардӣ? Хез-е!

– Ман қатет рафта нигоҳ карда меистам, худат куш. Ман метарсам, – Ҳусейн ночор ба тарсаш иқрор кард.

– Ҳа, хуб, хез, рафтем, ту нигариста ист.

Ҳусейн чору ночор аз ҷояш бархост.

Яке дос, дигаре шофро ба даст гирифта пешу қафо ба дарун рафтанд. Аммо фурсате нагузашта баргашта омаданд.

– Ҷудо торик, беалав ҳеҷ илоҷаш нест, – гуфт Ҳусейн, асосан, барои Рашид.

Рашид ботинан хандид, ки чӣ хел дар чунин торикӣ, беалав онҳо хирскушӣ мекарданд.

Самеъ кӯрро кофта нӯги ду-се чӯбчаро монда, ба пуфкунӣ сар кард. Лаҳзае пуфу куф карду пешайвон пурдуд гашт ва оқибат алаф даргирифт. Онҳо чӯбчаҳои фурӯзонро бо эҳтиёт дошта дарун рафтанд.

Ба Рашид хоб ғалаба кард. Оҳиста дар рӯи шах паҳлу зад. Вай аз хоб бедор шуду ба гӯшаш гуфтугӯи шариконаш даромад. Аз чӣ бошад, ки онҳо хирсро накушта омадагӣ барин, димоғашон сӯхтагӣ. Рашид инро аз оҳанги сухани онҳо пай бурду ботинан хурсанд шуд. “Охир, боз як ҳафта, баъди як ҳафта хирс бедор шуда, раҳ мекушояду онҳоро халос мекунад. Як ҳафта, зиёд не! Сабр кардан мумкин. Хайр, мушкил,

решаю алаф ҳам, мадори ҷустуҷӯ ҳам намонд. Кӣ медонад, ё хирса куштан беҳтар аст?..”

– Ту гоҷ будӣ! Аз зан ҳам батар будӣ! – мегуфт Самеъ бо ғазаб ба Ҳусейн. – Ба Худо, куҷоҳора рӯи хотир мекунам, набошад, дар худи ҳамун ҷа ба сарат якта зада мекуштаму хирс кушт мегуфтам.

Аз суханони вай нафрати Рашид ҷӯшиду бо кароҳат рӯяшро тофт. “Ҳар чӣ ба даҳанаш ояд, мегӯяд... Дурусттар андешам намегӯяд. Бачаи хурд барин... Ин сахтӣ бачара ба аслаш овард... Чиро рӯи хотир мекардагӣ бошад?..”

Сонӣ аз беҳолӣ соате ҳама хомӯш ва ором буданд. Садои хурраки Самеъ ва Ҳусейн Рашидро ҳам ба хоб овард.

Аз хоб чашм кушодан ҳамоно Самеъ хамёзакашон боз сухан сар кард:

– Ман барои хӯрдан реша дорам... Ба ҳар дуи ту азоб... Пага аз ҷоят нахеста пой дароз мекунӣ... Худо хоҳад, ман худам зинда мебароям... Анор аз они худам...

– Э, мон, ҳамин хел гапота...– даст афшонд Ҳусейн. Вай пай намебурд, ки Самеъ барқасд ин суханҳоро мегӯяд. Ғарази Самеъ бо ҳамин ба дилҳо ваҳм ангехта, онҳоро ба куштани хирс водор кардан буд. – Буз дар ғами ҷон, қассоб... Медонӣ, чанд рӯз ба ғайр аз алаф ҳеҷ чиз нахӯрдаем?

Рашид барои ҳисоби рӯзҳоро гум накардан ҳар пагоҳӣ аз хоб бедор мешуду аввал як дона сангчаро аз замин бардошта ба рӯмолчааш мебаст. Шумори сангчаҳои рӯмолчааш то рафт меафзуданду вай онҳоро ҳар бор шумурда ба дилаш таскин мебахшид, кӣ баҳор меояд. Борони баҳор барфҳоро зуд мешӯяд.

– Ҳашт рӯз шуд. Худам нашумурдаам, ана, ун Ғирғирак ҳамин хел гуфт-ку, – вай ба сӯи Рашид, ки чашмонашро наку-

шода дар қайди андеша, гуфтугӯи онҳоро гӯш мекард, ишора намуд.

– Дигар решаю алаф ҳам намонд.

– Ҳамин бача ба ҷинам нафоридос... Агар аз Худо натарсам, санга гирифта ба сараш якта зада мекуштам, – ғиҷирос зада дандон ба дандон фишурд Самеъ.

Рашид дар ҳаққи худаш ин ҳукмро шунида, нафасашро дарун кашиду бештар гӯшу ҳуш шуд. Аз дилаш гузашт: “Асабҳои Самеъ дигар тоб намеоранд. Авзоаш вайрон. Мабодо девона шавад, сонӣ чӣ мекунем?.. – Вай аз ин андешаи худ ба ваҳм афтод. Сонӣ худро таскин дод: – Ба фикрам, барқасди мо ин гапҳора мегӯяд. Э-э, агар инҳо розӣ мешуданд, даруntари ғора ковем, ризқу рӯзӣ ёфт мешуд. Солҳои аввали колхозӣ баъзе бойҳо дар ин ҷо ғалла руст кардагӣ, мегуфтанд. Ғалла дар ӯраи хушк панҷоҳ-сад сол меистад... Солҳои пеш аз ҷанг ҳам Мулло Сироҷ, Зоҳид-Муаллим гуфтагиҳо аз тӯҳмат гурехта дар кӯҳҳо руст шудагӣ... Солҳои ҷанг дар ин ғор одамон гурезаҳоро дидаанд. Ҳатто як шаб сару рӯяша баста дутааш сари роҳи раиси ҷамоара гирифтагӣ. Аспаша, хӯрҷинаша, пулаша гирифта, худаша тарсодаанд, то ки воқеаро аз даҳонаш набарорад. “Агар гӯӣ, хоната алав мезанем, як шаб катӣ ҳам худата, ҳам зану фарзандата мекунем”, гуфтаанд. Раиси ҷамоа ин гапа сонӣ, баъди ҷанг тамом шудан ба баъзеҳо гуфтаст... Вай ҳам ҳамин додои Ҳусейн барин. Ин одамон як умр мансабдор, кордашон болои равған. Барои чӣ ягон бор дигарон барин дар саҳро кор карда, нон намехуранд? Одам, ки як бор калон шуд, сонӣ як умр калон мешудаст... Мӯйсафедон мегӯянд, ки ризқу рӯзии ҳар кас дар пешониаш навиштагӣ, рост барин. Аҷоиб... Ман гурусна набудагӣ барин. Ҳол он ки... Ғор ҳам пештара барин торик не. Одам ба гушнагӣ ҳам, ба асирӣ

ҳам одат мекардааст. Чунон ки ба дурӯғ гуфтану дурӯғ шунидан, ба ҳаромкорию ҳаромхурӣ одат мекунаду бепарво, карахт мегардад... – Сипас, хаёли вай ба омӯзишгоҳ, муаллимону ҳамсабақонаш пайванд хӯрд: – Таътил тамом шуд. Ҳамдарсҳо чӣ мегӯянд-а?.. Духтарҳо гиря мекунанд... Ҳатман гиря мекунанд... Азим мана ду шаппотӣ зад, ҳамаашон фарёд бардошта ба вай дарафтода буданд... Баъзеашон гириста сар доданд... Ҳозир хонаамон азохона будагист? Барои рӯзи ҳафти ҳар яке аз мо дар хонаҳомон яктагӣ мол мекушанду ба халқ ош медиҳанд. Ба болои мурда сад чӯбаш ҳамин-да! Набошад...”

– Хушӣ ба хушӣ розӣ нашавад, дар худи ҳамин ҷа очаша... – Самеъ аз ғазаб ҷӯшида, бо дашном овоз сар доду риштаи хаёли Рашидро бурид.

Рашид оҳиста пойҳояшро дароз кард, сонӣ хамёза кашиду бархоста нишаст ва чашмонашро молид.

– Хез, қатӣ рафта, хирса мекушем! – Самеъ дар даст шофи аз зарби қайроқ ялаққосӣ бо дағдаға ба сари Рашид омад, – Хез, дигар гап нест!

– Гӯш кун, ту ҳар кор карда метавонӣ, лекин агар нахоҳам, мана ба ягон кор маҷбур карда наметавонӣ! Ҳашт сол дар як синф хонда, наход нафаҳмида бошӣ? – гуфт Рашид пинакашро вайрон накарда.

– Ман аз гушнагӣ мемурдагӣ бошам, аввал тура мекушаму сонӣ худам мемурам.

Аз ин таҳдид ғазаби Рашид ба якборагӣ фаввора заду ба сӯи Самеъ чунон нигарист, ки беихтиёр дандонҳои ба ҳам фишурдагиаш ғиҷиррос заданд. Вай дар дасташ чойник барин сангеро дида, ба худ омад. Авзои ӯро дида, Самеъ паст фуромаду узромез гуфт:

– Пиракиҳо мегуфтанд, ки гушна ба шер мезанад...

– Ташна ба дарё, – луқма дод Ҳусейн.

– Пиракиҳо боз мегӯянд, ки гушна шӯхиро намебардорад, – гуфт Рашид.

Баъди хеле хомӯшӣ, вазъи ҳоли шариконашро андешида вай аз аспи ғазаб батамом фуромаду оштихоҳона гуфт:

– Натарс, аз гушанагӣ ба ин қарибӣ намемурӣ. Одам то ду моҳ бе хӯрок зинда мемонад. Дар китоб навиштагӣ, ба ин гап шубҳа накун. Ҳол он ки мо як чиз-ним чиз мехурем.

– Ду моҳ?! Дар куҷо навиштагӣ? Номаъқул кардӣ! Гапи бекора!

– Ду моҳ?! – бо писханд пурсид Ҳусейн ҳам.

– Ду моҳ, – таъкид кард Рашид ба оҳанги тамасхур ва авзои мазоҳомези онҳо эътибор надода. Баъд дар ҷавоби писханди Ҳусейн гуфт: – Ту дар умрат ба ғайр аз китоби дарсӣ чанд китоб хондӣ? А?.. Ҳеҷ набошад, дахта ҳаст?.. Дахта ҳам набудагист? Одам бе хӯрок то ду моҳ зинда монданаш мумкин! Инро ҳар як одами каму беш хондагӣ медонад.

Баъд вай бархосту аз остини Самеъ гирифта, ӯро ба таги дар бурд.

– Ҷисми инсон ҳангоми ғизо нагирифтан захираи равғанашро сарф мекунад... Канӣ? – вай бодиққат пӯсти бозу ва рӯи гардани Самеъро молида дид. – Ҳолӣ нишони гуруснагӣ равшантар маълум нашудаст. Пӯстат мулоим...

– Хоҳӣ-нахоҳӣ, рафтем, хирса мекушем, дигар гап нест. Духтурета рафта да қишлоқ мекунӣ.

– Хирс бедор мешавад... Вақташ расидагӣ... Онро куштан осон не... Тоқат кун... ё набошад... – Ногаҳ чӣ фикре ба сараш заду ӯ бо ишораи ангушт диққати шариконро ба худ ҷалб кард. – Ду-сета чӯбчая даргирон, дарунтар меравем. Боз раҳи

баромад будагист... Бист қадам даруntар мӯрӣ барин кушодагӣ бошаду мо дар ин ҷо бандӣ барин нишаста бошем, а?!

– Хаёлҳои бекора... Агар боз дараш бошад, одамон мегуфтанд, – гуфт Самеъ.

– Рӯшноӣ медаромад-дия, – гуфт Ҳусейн ҳам аз ин гуфтугузори беҳуда дилгир барин бепарво.

– Илоҷи дигар надорем, – гуфт Рашид ситезаомез. – То охири ғор рафта тафтиш кардан даркор аст.

Авзои Самеъ равшан мегуфт, ки ин кори беҳуда аст, вале ба исрори Рашид ночор тан доданаш аён буд.

– Аз пеши хирс чӣ хел мегузарем, – хавотиромез пурсид Ҳусейн. – Раваду бедор шавад...

– Тура ба даҳанаш дода мегузарем, – гуфт Самеъ аз ин сухан бештар дилтанг гашта.

Онҳо дар даст чӯбчаҳои фурӯзон, торҳои тортанаки дар шифту деворҳои ғор бударо сӯхта, нӯг-нӯги пой қадам ниҳода аз бари хирси хобида гузаштанд. Гузаштанду чор қадам онсӯтар, дар рӯи шохи хушк хирсаки дигареро хоб дарёфтанд. Сараввал ба чашмони худ бовар накарданд. Бо чашми худ дида истода, бовар накарданро "ҳамту, гап-дия" мегуфтанд, вале ин бор дар таҷриба санҷиданд. Бо навбат пои онро дошта диданд – зинда.

– Хирсбача... Яксола ҳам не, – гуфт Рашид оҳиста.

– Боз ягона баҳона ёб, – бо нафрат ба сӯи Рашид нигарист Самеъ.

Рашид оҳиста пушти сарашро хорид.

– Оҷат зоидагит барин дилат месӯзад...

Алави чӯбчаҳошон зуд хомӯш шуданд. Самеъ ва Ҳусейн ба ҳеҷ ваҷҳ дигар пеш рафтан нахостанд ва онҳо қафо гашта омаданд.

– Акнун, бо дили пур гуфтан мумкин аст, ки наҷот ёфтем! – Гуфт Рашид аз хушнудӣ каф ба каф суда. – Дигар намемирем, ҷӯраҳо!

– Худора гардам! Ғами мора хӯрда...

– Маро гардам гӯй! Ман шуморо агар кашола накунам, яктаат – “хирс ба ман раҳ мекушояд”, дигарат – “хирс маро мекушад” гӯён, э-э... мемурдед...

## Б о б и ш а ш у м

**Хирсро чӣ хел мекушанд? Борони баҳор. Хирс бедор мешавад. Самеъ дар ташвиш.**

Онҳо ба пешайвон баромаданду хаставу беҳол худро ба замин андохтаанд. Тан дар арақи сард, сар ба мисли орухона ғув-ғув дар садо, беҳол тапидани дили худро онҳо дар ҳаёт бори аввал мушоҳида доштанд. Вале ҳоло умеди тоза ба онҳо қувва ва матонат мебахшид. Бо ҳамин неру онҳо лаҳзае нафас рост карданду зуд аз ҷо бархоста нишастанд ва ба маслиҳат шурӯъ намуданд. Вале аз беҳолӣ мадори фикр кардан ва сухан гуфтан наёфтанд. Сонӣ Рашид бархосту рафта чор-панҷ каф об хӯрд. Самеъ ва Ҳусейн ҳам ночор ба вай пайравӣ карданд.

Азбаски барои раҳкушои ё раҳбаландӣ хирси калон буд, онҳо хирсбачаро куштанӣ шуданд. Самеъ чунон бетоқат буд, ки дар бобати чӣ хел куштани хирс ба андешидан имкон намедод. Бо вуҷуди ин, чӣ хел куштани хирсро онҳо дуру дароз маслиҳат карданд.

– Шумо ҳар ду барои куштани он як бор рафтед, чӣ хел куштанӣ будед? – пурсид Рашид бо табассум кинояашро пинҳон надошта.

– Э, ин дир-дир меларзад, – гуфт Самеъ ба тамасхур ба сӯи Ҳусейн чашм ало карда. Гапи ёфтагеш ҳамин: “Хирса чӣ хел мекушанд?” – бо мазоҳ ба овози Ҳусейн тақлид кард Самеъ.

– Дар ҳақиқат, куштанаш осон набудагист?

– Э, шофа мегираму сараша мебуррам, вассалом, – гуфт Самеъ.

– Кушта натонию хирс бедор шавад-чӣ? – гуфт Ҳусейн.

– Хайр, ба фикрат чӣ кор мекунем? Пойҳоша мебандем?

– Бастан даркор, – гуфт Ҳусейн таваккалан.

– Чӣ қатӣ?.. Тасмаҳоро мекушоем, – зуд чораҷӯй кард Рашид.

– Кори девонаро худо рост мекунад, – саросема буд Самеъ.

– Як зӯр занад, тасма титу-пит мешавад, – эътироз кард Ҳусейн.

Оқибат қарор доданд, ки ду тасмаро якта карда тофта, ду пои қафои онро мебанданду ду пои пешашро бо як тасма.

Саравал аз ваҷҳи чароғ хеле саргаранг шуданд. Бо алави чӯбча хирсро кушта пӯст кандан амри маҳол буд. Онҳо қарор карданд, ки дар шӯълаи алав хирсро зуд мекушанду аз равғани он чароғи сиёҳ сохта, корро бо он анҷом медиҳанд.

Барфе, ки аз домани теға ҷудо гашту сангу барфи раҳашро рӯфта гузашт ва даҳони ғорро баст, ҳоло аз нафаси баҳор кам-кам тунуктар мешуд, пешайвон рӯз аз рӯз равшантар мегашт. Хира бошад ҳам, бачаҳо андоми якдигарро медиданд, аз лоғарии ҳамдигар ба ваҳшат меомаданд. Либосҳояшон дар тани лоғари аз пӯсти устухон иборат халтовар овезон буд.

Ҳезуми сӯхтанӣ набуд, гӯгирдона ҳам ба шумор монда буд. Аз ин сабаб онҳо алав намекарданд. Гӯшти хирсбачаро хом мехӯрданд.

Рашид бо ҷинчароғи сохтааш аксар ҳангом дар таҳи дар ҷунбуҷӯл дошт. Вай барфу шағали даҳани ғорро гирифта ба сангҳои мисли болиш калон расиду ночор монд. "Агар раҳи дигари баромадан набошад, хирс ҳам ин сангҳоро ҷунбонда наметавонад, мегуфт дар дил, вале барои ноумед накардани шариконаш алҳол аз ин хусус хомӯш буд. Даҳани ғор хеле таҳ мондагӣ барин..." Вай шабу рӯз пора-пора сангу яхро ҷудо карда мегирифт ва сангҳои калон беш урёнтар мешуданд. Ҳар замон гӯшашро ба санг ниҳода, ба берун гӯш медод, вале на садое, на шарфае. "Дар ин кӯҳсори хилват кӣ садо медиҳад? – ба дил меандешид вай. – Ин вақти сол чӯпонҳо ба ин ҷо намеоянд, алаф нест, роҳ аз даҳони ғор дуртар аст, садои гуфтугӯ намеояд... Аҷаб зинда мондем, – гаштаю баргашта шукр мекард Рашид. – Табиат ба мо подоше кард... Дар ивази ин подошаш то зиндаам ба ягон ҷонвари ин кӯҳсорон зиён намерасонам. Агар ҳамин хирсҳо дар кӯҳсори мо намебуданд, мо ҳалок мешудем..."

– Ҳой, Ғирғирак, беҳуда чӣ талвоса дорӣ?! – мазоҳомез лаб бурма мекард Самеъ. – Ин раҳа агар кушояд, ҳамон хирс мекушояд, бача! Набошад, уна ҳам кушта мехурему мешинем.

Онҳо ҳоло ба якдигар хеле кам сухан мегуфтанд. Гӯё ҳама суханони гуфтаниро гуфта адо карда буданд. Рӯзи дароз ба санг такя зада нишастан, аз як паҳлу ба паҳлуи дигар баргашта хобидан дилгир карда буд. Ҳар се тан ҳам ба чунон ҳолате афтода буданд, ки баъзан аз сухани оддии якдигар ҳам асабонӣ мегаштанд. Рӯз аз рӯз камтар ва беш аз пеш бо ҳам мухтасар сухан мекарданд.

– Бед, хирса бедор мекунем, – ногаҳон пешниҳод кард Самеъ. – Тезтар мора аз ин зиндон халос кунад.

– Мон, вақташ расид, худаш бедор мешавад, – эътироз кард Рашид.

– Э, ба майли ту монад... – асабонӣ даст афшонд Самеъ. – Ҷимакак шин! Беиғвогарӣ...

– Ба даҳанат нигоҳ карда гап зан, – гуфт Рашид аз сухани ӯ озурдахотир.

– Ба даҳанам нигоҳ накарда гап занам-чӣ? – чашмонашро калон карда ҷангталобона ба вай рӯ овард Самеъ. – Чӣ кор мекунӣ?! Мезанам, мемурӣ. Мегӯям, ки хирс кушт, – ҳатто хорию дашном ва таҳдидҳои вай ҳам такрор ва дилбазан буданд.

Рашид лаҳзае бо нигоҳи кунд ба рӯи вай нигариста истоду баъд оҳиста гуфт:

– Аз худнамоию худписандиат ҳеҷ намондӣ. Одам камтар андеша мекунад. Ҳамон рӯзе, ки хирса куштем, ба гапи ман гӯш накарда, қариб мурда будӣ. Ба азобе туро қай кунонда, аз мурдан халос кардам.

– Ӯҳ-ҳӯ-ӯ!.. Ин кас, мана аз мурдан халос карданд! – тамасхуромез хандид вай. – Як бурда гӯшт хӯрдан қатӣ одам мемурдаст! Қандата зан, аз ту барин духтур, се-чорта бошад!

– Ту хока медонӣ! – гуфт бо зарда Рашид. – Дар тиб инро дистрофия мегӯянд. Баъди гушнагӣ ҷисми одам бемадор аст, хӯрока ҳазм карда наметавонад, мурданаш аз ҳар чӣ осон... Ту чиро мефаҳмӣ! – Баъд қадре аз қаҳр фуромаду гуфт: Ман кори кардагема миннат намекунам. Вазифаи ман дар ҳама ҷо, ба ҳар як одам ёрӣ додан аст. Ҳолӣ ман духтур ҳам нестаму...

– Э, рав дигар бор мурам ҳам, ба халқам об начакон! Омада-омада, акнун ту ҳам ба ман миннат кун! Ман, аслан, аз

духтур ҳам безораму аз бӯю тафаш ҳам. Аз пеши духтурхона гузарам, дилам беҳузур мешавад. А ростӣ, сафедпӯша бинам, азроила дидагӣ барин мешавам.

– Э, монед ҳамин гапҳора, – Ҳусейн дилтанг гашту баҳсро хомӯш кардан хост ва суханро ба мавзӯи дигар тофт: – Беҳтараш, фикр кунед: агар хирс бедор шавад, чӣ кор мекунем?

Дар ин хусус онҳо чанд рӯз боз фикр мекарданд, аммо ҳанӯз ба ягон қароре наомада буданд. Баъзан ба кунҷу канораҳои ғор руст шудан мехостанд, гоҳо дар як роҳрави сарбаста.

– Ман ҷояма ёфтагӣ! – бо тантана эълон кард Самеъ. – Ба даст шофа мегираму ҳу, ана, ба он ҷо баромада мешинам, – вай ковокии дар шифти пешайвон будагиро нишон дод. – Ҳусейн, ту ҳам меғунҷӣ.

– Дар он ҷо як соат меистӣ, ду соат меистӣ, зиёд истода намешавад-ку? – гуфт Рашид.

– Зиёд истодан даркор ҳам не, хирс як нафасба раҳ мекушояду баромада меравад.

– Агар бинад-чӣ? Зарар расонда наметавонад? – пурсид Ҳусейн баландии он токчаро бо чашм андоза карда.

– Наметавонад, – ӯро хотирҷамъ кард Самеъ. – Хирс пар надорад, ки парад.

– Хирс ҳайвони зирак мегӯянд, – гуфт Ҳусейн дудила гашта. Баъд ба Рашид рӯ овард: – Рашид, ту чӣ кор мекунӣ? А?

– Агар ман хирса кушта шикаматона сер намекардам, ҳар дуят ҳам мемурдед, – гуфт Самеъ ба гӯште, ки дар барфи даромадгоҳи ғор ниҳода буданд, бо ифтихор нигариста. – Додои ту бояд як умр ин некии мана аз ёд набароранд, – таъкид кард ӯ ба Ҳусейн боз як бор. – Гапҳои пасту баланд гуфтем...

 *facebook.com/bahrom.firuz.tj/*

Гапи ин ҷа дар ҳамин ҷа монад! Агар фаҳмам, ҷӯраҳо, нағз намешавад, – бо интиқоми худ таҳдид кард вай.

– Албатта, – гуфт Ҳусейн зери лаб.

– Ман гурусна будам, қариб мурам... Дар сари ҷаҳл ба ту сахт расидам, Ҳусейн, ба дилат нагир, ҷӯра, – Самеъ ҳоло бо муҳаббат ба чашми Ҳусейн менигарист. – Аслан, тӯби мо ба тӯби шумоён наздикӣ дорад: духтари холаи додот Ҳалима-кампир зани ана, вай, тағои додои ман-дия... Ҳамаамон як одамем. Ана, тӯби ино, – вай ба сӯи Рашид ишора кард, – тӯби Сӯфиён қатӣ наздик...

“Муаллим мегуфтанд, ки одамони ҷоҳилу нодон аз рӯи ҳаммаҳаллӣ ва ҳамхунӣ қаробат меҷӯянду ва баръакс, мардуми соҳибмаърифат ва мутамаддин аз рӯи маънавиёт... Дуруст аст, қаробати ҳайвон фақат аз рӯи ҳамхунӣ... – аз дил мегузаронд Рашид. – Пеш аз ин ҳам ба Ҳусейн худашро наздик мегирифт, косалесӣ мекард. Баъди ба ғор афтодан саравлал Ҳусейнро фаромӯш кард, ҳатто ба қатори одам нашумурд ва баръакс, ба ман меҳрубон шуд. Баъди он, ки аз гуруснагӣ раст ва умеди наҷот гирифт, дигарбора дар чашми ман ҳақиру нописанд ва Ҳусейн эътибор пайдо кард. Ба Анор мафтуниаш ҳам дурӯғ аст. Анор духтари хушрӯ ҳам не ва ин ба вай гирифтор ҳам не. Ҳолӣ ин кучҷою зангирӣ? Акнун ба ҳабдаҳ даромад... Аслан, ин Самеъ ба кори худаш ҳушёр. Язнаи Ҳусейн кӣ буд? Як ҳисобчии бригада. Хоҳари калонии Ҳусейна гирифту андозчӣ шуд, оҳиста-оҳиста раиси ҷамоа мешавад, мудири амбор мешавад... Самеъ кӯр не, мебинад, барои фардо нақша мекашад...”

– Ҳозир ҳамин хел расм шудааст, ки калону калоншавандаҳо фақат худашон барин одамон қатӣ қудо мешаванд, – гуфт Самеъ аз бом тароша афтодагӣ барин ногаҳон. – Эх,

агар ман пушту паноҳ медоштам! Шоферира хонда биём, як мошини наппа-нав тиянд, ё ки завгар таъин кунанд. Ана, сонӣ медидед, ман чӣ корҳо мекардам!.. Пушту паноҳам нест...

Аз шунидани ин суханон шариконаш қайҳо дилгир бошанд ҳам, вай гаштаю баргашта онро такрор мекард. – Додот Анора, албатта ба ҳу, вай писари олуси ҳосилот метиянд... Ё аз писари раис умедворанд, кӣ медонад. Хоҳари калонета ба хешбачаи худатон доданд-а? Вай ҳам кордаш болои равған шуд...

– Талабгор гашт, доданд-да, – гуфт Ҳусейн беэътино ба ҳасрати вай.

– Ба дигар талабгорҳо чиба надоданд?! Даст-даста мешӯянд. Одамон то як гапа надонанд, намегӯянд, ҷӯраҷон.

Гапу корҳое, ки баъзеҳо дар деҳа фақат худ ба худ иқрор мекунанд, аз дил мегузаронанд, ба ҳеҷ кас сир надода ба нақша мегиранд. Самеъ рӯирост мегуфту орзу мекард ва аз ин фошгӯӣ ҳаргиз ҳиҷил набуд, балки онро ба камоли ифтихор мақсади ҳаёти худ мешумурд. Рашид атвори ӯро мушоҳида мекард, суханони ӯро гӯш медоду таачубаш меафзуд. “Вай ба ҳеҷ кас дилбастагӣ надорад, сидқан очаша ҳам дӯстдор нест. Вақте дар ғор афтодем, ману Ҳусейн бештар аз он дилхун будем, ки падару модарамон дар ғами мо сӯхта кабоб мешаванд, аммо Самеъ ба номаш, ба мо тақлид карда очаашро ёд меовард. Аз авзоаш маълум буд... Ба ҳеҷ кас, ба ҳеҷ чиз дилаш намесӯзад!..” – мегуфт вай худ ба худ. – Агар ҳама Самеъ барин аз паи ду-се ҳаромхури деҳа раванд, ба онҳо тақлид кунанд, оқибати кор чӣ мешавад? А? Ба одамони хубу ҳалол тақлид мекардагиҳо кам андар каманд. Баъзеашон аз ночорӣ...”

– Эҳ, ба ман як одами раҳ нишон медодагӣ бошад, чунон корҳо кунам, ки... – боз шиква сар кард Самеъ. – Ту худат

ҷӯраҷон, тезтар хонда биёю ягон амал гир, – бо оҳанги нимҳазлу нимҷиддӣ ба Ҳусейн хитоб кард вай. – Ман мошини худата ҳай мекунам.

– Ту бекора шофириба мехонӣ, – гуфт Рашид зоҳиран ҷиддӣ, оҳанги киноядори суханашро маълум накарда. – Хубаш, пеши бобои Манзар раву масхарагӣ ёд гир. Сонӣ он кас барин... Ту раиси колхоз Ҳусейнбой Назирова хандонда мегардӣ. Ба қавли худат, кордат болои равған мешавад.

– Не, ман бекор гашта наметаванам. Ҳолӣ нигоҳ карда истед, ман чунон корҳо кунам, ки... – гуфт вай ба кинояи Рашид беэътино.

– Ман агроном шудам биём, хоҳӣ-нохоҳӣ, як тарафи колхоз ба дастамон. Парво накун,ҷӯра, навбати худамон ҳам мебиёд,– гуфт Ҳусейн аз ин таъсир гирифта.

– Ҳамин хел гӯй ҷӯраҷон! Имсол даҳума тамом карда, тезтар ба институт даро. Боз чор сол ё панҷ сол мехонӣ? Да институт?

– Асосан, чор сол. Соли панҷумаш дар колхоз таҷриба.

– Ҳа, чор солакак будаст, ана-мана нагуфта мегузарад. Раиси колхозамон ҳам пир шудагӣ...

Ин лаҳза аз дур садои кунди тундар ба гӯши онҳо расиду сухани Самеъ дар даҳонаш монд. Ҳар се ба гӯши худ бовар накарда баробар аз ҷой ҷастанду ба таҳи дари бастагӣ омада, гӯш ба қимор истоданд. То ки садои тундарро нашунида намонанд, онҳо бо забони нигоҳ бо ҳам гуфтугузор карданд. Баъди лаҳзае хомӯшӣ Ҳусейн пурсид:

– Тундар буд? А?

– Баҳор...– гуфт оҳиста Рашид бо як олам ҳаяҷони ботинӣ. Ин дам чашмони вай бо як навъ нури фараҳбахш медурахшиданд, нигоҳаш ба атроф бо навозиш мелағҷид.

– Тундар-а? Рашид? – Ба таъкид мепурсид Ҳусейн паёпай бинӣ кашида. Баъд бо завқи беҳудуд хитоб кард: – Эҳ!.. Баҳор, баҳор!..

– Хирс аз хоб бедор мешавад, – таъқид кард Рашид. Сонӣ ба дарун равона гашт. – Ку, рафта нигарам. – Вай ҳар рӯз ду-се маротиба ба дарун рафта, хирс бедор шудааст ё не, хабар мегирифт.

– Мо – ду кас ба ҳамон камар мебароем, – гуфт Самеъ камари болоро нишон дода. – Вай ҳисобаша ёбад.

Ин лаҳза боз садои гирифтаи тундар омад.

– Дар ун ҷа одам ба зӯр меистад-ку... ягон илоҷи дигар нест?

– Дар кучо руст мешавӣ?.. Хирс бӯйгир аст.

Аз торикӣ Рашид баромада омаду хабар дод:

– Хирс бедор мешавад... Баръало, сах-сахт нафас гирифтос, ҷунбидос, – гуфт вай хушнуд ба рӯи шариконаш нигариста. Сипас, ба таҳи дар рафта лаҳзае гӯш доду бо завқ хитоб кард: – И-и, борон-ку!

– Ҳа, борон, – Ҳусейн ҳам гӯш ба девор ниҳоду тасдиқ кард.

– Соз шуд! Барфа тез мешӯяд, – гуфт Самеъ.

Лаҳзае аз миён гузашту оби борон аз байни барфу санги дар, ки Рашид харошидаву тарошида ба андозаи як ошдон кофта буд, таровида ба дарун омад. Ин обаки гилолуд чӣ суруре ва шодмоние овард! Ҳар яке ба он даст тар карда ба рӯи худ мемолид. Ҳар яке бо ҳасрат ва изтироби беқиёс ба он об менигаристу аз дил хуноба мерехт. Рашид аз об ҳеҷ нигоҳ бардошта натавонист. Аз дилаш мегузашт, ки ин об аз берун, аз дунёи озоди ӯ меояд...

Бо даъвати Рашид онҳо дарро кофта, сангҳоро чӯбондан хостанд, вале ин бор ҳам сангҳои ноҷунбон ҳавсалаи онҳоро пир кард. Ин лаҳза аз дили ҳар яке гузашт, ки агар тарма даҳони ғорро бо рег шағал батамом руст карда бошад, ҳолашон чӣ мешавад. Вале ин андешаи худро ҳеҷ яке аз онҳо ба забон наовард. Фақат Рашид гуфт:

– Сангу барфро чунон шибба задаст, ки...

– Хирс инро кушода метавониста бошад? – бори аввал изҳори шубҳа кард Самеъ.

– Дар гумон... – гуфт Ҳусейн малул бинӣ кашида. – Дах хирс бошад ҳам, ҷунбонда наметавонад.

Самеъ боз вадар-вадар ба пурсишу ковиш сар кард, вале Рашид ин дам рағбати гуфтугӯ надошт. Рашид роҳи наҷотро меандешид. Пас аз соате хомӯшӣ чӣ нақшае ба назараш умедбахш ҷилва карду чеҳрааш кушода шуд, ҳатто дар чашмонаш нури шодмонӣ фурӯзон гашт. Ҳусейн тағйири авзои ӯро пай бурду саволомез ба вай нигарист. Аммо Рашид фикрашро изҳор кардан нахост. Сараввал озмуданӣ буд.

– “Нафас гирифтос” мегӯӣ, боз чӣ қадар вақт нафас гирифта хоб мекунад? – пурсид Самеъ. – Кай хирс аз ҷояш мехезад? А, Рашид?

Ба вай касе ҷавоб надод.

– Исқот тезтар мехест, – гуфт Самеъ. Сонӣ чӣ сире ба хотираш расиду хандида ба Рашид рӯ овард: – Хоби ин ҳайвони бефаҳм ҳам, хоби додот барин будаст, Рашид. Ёд дорӣ, як бор аз математика санҷиши хаттӣ буд, то бачаҳо масъалара ҳал кардан дар ҷои шиштагишон хобашон бурд...

– Ҳамту, ғанаб бурдагӣ, – эътироз баён кард Рашид.

– Ман аз тиреза баромада аз дар гашта омадам, надонистанду ҳамту ғанаб кардаанд! – ришханд кард Самеъ. – Пир

шудаанд, пӯк шудаанд, ба нафақа раванд-дия. Ба ҷавонон ҷора холӣ кунанд.

– Ҳамин сол ба шаст медароянд, – гуфт Рашид ба оҳанги суханони Самеъ беэътино. Овози вай ҳоло бағоят дарднок ба гӯш мерасид.

– Афташон пири ҳафтодсола барин-ку?

– Додои ман қатӣ баробар будаанд, – гуфт Ҳусейн.

– Не-е? – тааҷҷуб кард Самеъ. – Афташона дида додои тура писари ун кас мегӯӣ! Қанд зананд!.. Ишраташон зӯр-дия, вай бо шавқ лабонашро чалаппос занонд.

Боз ба миён сукунат афтод. Рашид ба сангчае ба рег хат мекашиду фикр мекард, Самеъ пинак мерафт, Ҳусейн ғарқи андеша ҳамвора бинӣ мекашид.

– Аз додот ҳеҷ хату хабар ҳаст? – ногаҳон Ҳусейн ба Самеъ муроҷиат карду сукунатро шикаст. – Вай давоми андешаҳоеро, ки дар сараш ҷавлон дошт, изҳор накард. – Ҳеҷ дастгирӣ мекунанд охир?

– Хока, – ба инкор сар ҷунбонд Самеъ. – Зан гирифтаст, акнун мора ёд меорад-чӣ? – Сипас, даст афшонду гуфт:

– Намурам, қасдама мегирам.

– Бо додои худат қасд дорӣ? – ба гӯшаш бовар намекард Ҳусейн. – Гуноҳи вай не. Ту худата ба ҷои он кас монда нигар...

– Ҷоғата гир! – Самеъ бо ғазаб ба вай чашм песонд. – Ана, вай барин аҳмақо ин гапа баровардагӣ... – Сонӣ ба тариқи эзоҳ гуфт: – Ҳар дуяшон барои чизе ҷанг кардагию... баромада рафтагӣ.

Риштаи хаёли ҳар яке боз ба хонавода пайванд хӯрд. Рашид ҳар боре, ки вазъи ҳозираи хонаводаашонро ба ёд меовард, аз ғусса нафастанг мешуд, ӯро ҳалок шуд гӯён обу адо

шудани падару модарашро пеши назар оварда дарун-дарун месӯхт: "Эҳ, афсӯс, дар дами пирӣ чунон уқубате ба сарашон овардам, ки... камаш панҷ-шаш соли умрашона сӯҳон кардам. Хайрият, ки додару хоҳараконам ҳастанд... Шукри ҳамонҳора гуфта худашона таскин медиҳанд... Аз ҳамин сабаб мегуфтаанд-дия: "якта фарзандат бошад, фарзанд дорам нагӯй..." Дилашона обу адо кардам. Очаам мегуфт, ки меҳри ҳар кадомат дар дилам алоҳида аст... Тобистон кӣ дигар ба ҷои он кас ба кори колхоз мебарояд? Саркор ба таҳи дарвоза омада гаранг мекунад: "Ҳамаи занони деҳа ба кори колхоз мебарояд, шумо шох доред-чӣ?! Дар ин мамлакат касе, ки кор накунад, намехурад, агар бо кори колхоз набароед, аз ҳудуди он кӯчида равед..."

Ба вай ваҷҳу сабаб эътибор надорад. Очааш намшӯхию нимҷиддӣ мегӯянд: "Худо хайре диҳадат, Чӯлибой, нахур гӯй, валло, намак ба даҳан намегираму то ҳамин кӯдак сиҳат шудан об хӯрда зиндагӣ мекунам, мана ташвиш надеҳ..." "Зани ман ҳам шаш кӯдак дорад, ҳар рӯз касал дорад, ба кор мебарояд" – гӯён саркор ду пояшро ба як мӯза зада меистод. Боз чӣ мегӯяд-а: "Ба занони фаъолони колхоз забон нарасонед, марди онҳо шабу рӯз аз паи кори колхоз медавад. Марди шумо барин чор соат "Абете – маориф пула те" гӯён, ба хона омада ёнбош намекунад... Кӯдакора фиреб додан осон аст, ин халқ қатӣ як рӯз муомила кунанд..." Агар очаам ба кори саҳро равад, сонӣ... Умед ҳам писараки Усто барин ба пеши очаам меравам гӯён, аз ҳавлӣ барояду..." Вай андешаҳои ғамангезро аз сараш дур андохтан хосту ба паҳлуи дигар гашт. Самеъ ва Ҳусейн аллакай хуррак мекашиданд. "Ба падару модари Ҳусейн ҳам мушкил – буду шуд ду писар доштанд. Додараш ҳолӣ хурд. Ҳама умедашон ба ҳамин Ҳусейн буд... Ба модари Са-

меъ ҳам мушкил шуд, бечора дасттанҳо... Шавҳараш партофту рафт. Аксари одамон тӯҳмат мегӯянд, лекин баъзеҳо мегӯянд, ки гуноҳи зан аст. Пештар ин хел бадахлоқро сангсор мекардаанд. Барои ҳамин Самеъ қатӣ ягон бача ҷӯрагӣ намекунад. Хурду калон аз вай ҳазар мекунанд... Ҳамина дидаю дониста одамон ба раҳи ганда мераванд-а!.. Самеъ барои ҳамин ба додоюю оча бепарвост. Дар пешаш аз додоюю оча гап занед, авзоаш вайрон мешавад. Боз аз ҳавобаландӣ намемонад. Хоҳари Ҳусейна гирифтанӣ. Додои вай духтараша сар мебуррад, аммо ба ин намедиҳад... Аз чӣ сабаб бача ин қадар бетаъин гӯед, одамон мегӯянд, ки ҳаромзода аст. Гуноҳи ин чӣ?.. Додом мегуфтанд, ки дар ҳамаи давру замонҳо одамони замонасоз ба сари халқу миллат уқубатҳо овардагӣ. Самеъ гӯшти хирса хӯрда сер гашту дарҳол гуфт, ки "да ин ғор зиндагӣ кардан мумкин аст, ҳеҷ касофоте надорад..." Самеъ барин боз як нафари дигар бошад, баробар бо як овоз таъриф кардан гиранд, балки одамон бовар мекунанд. Бовар накунанд ҳам, инчунин вонамуд мекунанд.

## Боби ҳафтум

**"Кӯррӯда"-и Рашид. Хирс бедор шуд. Аз дуд хабар ёфтанд. Задухӯрд.**

Он рӯз аз рӯи ҳисоби Рашид рӯзи нуздаҳуми ба ғор даромаданашон буд. Аз ҳаво бӯи борон меомад. Накҳати баҳор ба димоғ мерасиду дилҳоро беқорор мекард. Баҳор ба инсони озод ҳар қадар фараҳ бахшад, ба асирон ва маҳҷурон ба ҳамон андоза андӯҳгустар аст.

Вале ин се тан ҳоло аз баҳор, аз толеъ кушоди кор таманно доштанд ва ҳавои баҳорро калиди қуфли ин зиндони табиат медонистанд. Ҳар се тан соат мешумурданд, ки аз миёни сангу яхи дар роғе кушода мегардад ва онҳо ба якборагӣ осмону замини азизро мебинанд, имдодталабон фарёд мебардоранд. Вале дари ғор ҳамвора монанди девори қиёмат сахту маҳкам ва гунгу бесадо буд.

Бачаҳо ҳоло дилпур буданд, ки аз ин зиндон сиҳату саломат раҳоӣ меёбанд. Фақат хирс ба дили онҳо андаке даҳшат андохта буд. Ба монанди бузғолае, ки дар рӯ ба рӯи қафаси гург бастаанд, ҳоло на дар хобашон оромие буд, на дар хӯрокашон таъме.

– Ҷӯраҳо, – мегуфт Ҳусейн гаштаю баргашта ба шариконаш рӯ оварада, – бед гӯштро аз ях гирифта дар ягон кунҷ руст кунем...

– Дуруст,– сухани ӯро дастгирӣ мекард Рашид, – ин гӯшт хирса девона мекунад.

– Гӯшта нобуд карда, сонӣ худамон аз гушнагӣ мурем? – ситезаомез боз муқобилат мекард Самеъ. – Истад...

Вале оқибат вай ба далелҳои пеш овардаи шариконаш тан доду онҳо гӯштро аз он миён бардоштанд ва ҷойҳое, ки асари гӯшт буд, хокистар пошиданд.

Ҳоло мавзӯи гуфтугӯ фақат хирс буд. Агар аз молдорӣ сухан сар кунанд, дар охир ногузир моли киро хирс чи гуна дариданашро гуфта маъюс мемонданд; агар аз боғу полез гуфтугӯ кунанд, шабҳо зардолухӯрии хирс ё харбузаю тути заминиро чӣ гуна нобуд кардани онро нагуфта наметавонистанд. Хирс ба хобашон даромада пайваста онҳоро парешонтар мекард. Кор ба ҳадде расида буд, ки Самеъ шабу рӯз аз

шофи қайроқзадагиаш ҷудо набуд. Ҳусейн дар даст як доси каҷ соявор аз вай канда намегашт.

Рашид сангҳои хурду калонро болои ҳам чида, раҳрави сарбастаеро, ки аз долони асосии ғор ҷудо мешуд, девор мекард. Он камарро аз сабаби кӯтоҳу тангу сарбаста буданаш боре вай “Кӯррӯда” ном дода буд.

– Чӣ бало, ба иморат сар кардӣ, чоқам ин ғор ба ту форид, – гуфт Самеъ, гӯшти нимкора хоидагиашро ба зӯр фурӯ бурда.

– Чӣ мекунӣ, Рашид? – пурсид Ҳусейн.

– Ягон чиз мекунам-да, – муғлақ ҷавоб дод Рашид сангеро ҳарсосзанон бардошта ба боли санги дигар монда. Аз шарикон озурдахотир будани вай аён буд, аммо Самеъ ва Ҳусейн инро фаҳманд ҳам, зиёда ба ӯ эътибор накарданд.

– Девор зада бастанӣ, – гуфт Самеъ нияти ӯро пай бурда. – Ба ту хонаи соз мешавад.

– Э-э,вай аз хирс панаҳ шуданӣ, – оқибат Ҳусейн матлабро фаҳмид. – дуруст... Ҷои мо ба ду кас танг. Боз нишеб, соз истода намешавад.

– Э, хез-е! – дарҳол шубҳаи Ҳусейнро бартараф карда, ӯро аз фикраш гардондан хост Самеъ. – Вай худаш гуфт-ку, хирс ниҳоят бӯйгир, бӯи одама тез мефаҳмад. Ин девор ба вай писанд-чӣ? Як тела диҳад, титу пит мешавад! Ҷои мо – бехафв!

– Рост, – гуфт Ҳусейн зуд аз фикраш баргашта.

– Ҳусейн, – Самеъ ба гӯши Ҳусейн пичиррос зад, – ҷӯраҷон, ман қатӣ бошӣ, дар ҳеҷ кор дар намемонӣ... Ман худама ба даҳони хирс занам ҳам, тура эҳтиёт мекунам, ҷӯраҷон! Барои ту... Ҳар чӣ фармоӣ – тайёрам!.. Агар хоҳӣ – ҳозир рафта ҳамун хирса кушта меоям. Аз ростӣ... Лекин ту ҳам...

– Шуд, сад бор гуфтӣ, – дилгирона даст афшонд Ҳусейн.

– Рости гап... Қасам хурам? – ором намегашт Самеъ.

– Ман бовар мекунам. Қасам чӣ даркор.

– Ту ҳам, ҷӯраҷон, худата аз ман дур нагир. Биё, дар ҳамин ҷа қавлу қасам мекунем, ки...

– Бе қавлу қасам ҳам ману ту дӯстем...

– Ман барои дӯст ҷонама медиҳам, ҷӯра. Ба ту ман барин дӯст даркор аст. Ҳолӣ, сонитар худат мефаҳмӣ...

Рашид ба муҳокимаи онҳо шарик нашуда кор мекарду арақ мерехт. Вай то нимрӯзӣ даҳани “Кӯррӯда”–ро ба андозаи бараш ним метр, баландиаш як метр ё саҳл зиёдтар девор бардошт. Сипас, аз даруни ғор андаке чӯбу чахс ёфта овард.

– Хайрият, хирсҳои бечора ғами мора хӯрда, ба ғор чӯбу чахс даровардаанд, – гуфт Ҳусейн.

– Чӣ, рӯзғората ҷудо кардӣ? – бо киноя аз Рашид пурсид Самеъ. – Хона сохтию дар намондӣ, ба хонаам ҳеҷ кас набиёд гуфтӣ? – ором намешуд вай. – Ё аз ростӣ, дар ҳамин ҷа панаҳ мешавӣ? А?

– Панаҳ мешавам,– кӯтоҳ ҷавоб дод Рашид. – Аздусар ту маро ба камари боло намемонӣ. Ақаллан, рӯи забонӣ бошад ҳам, биё нагуфтӣ, – гила кард ӯ. Вале филфавр аз дилаш гузашт, ки дар ҷавоби нописандӣ набояд нописандӣ кард. Дар куҷое хонда буд: адоватро бо адоват нест кардан намешавад. Дар ҷавоби ҳар як адоват агар накӯкорӣ кунед, он адоват мемирад.

– Ман худама ба ҷанголи хирс андозам ҳам, ина эҳтиёт мекунам. Ману Ҳусейн фақат дӯст не, худо хоҳад, хешу таборем, – гӯён Самеъ бо ҳазли тамаллуқасос суханашро тамом карду “ҳамту не?” гуфтагӣ барин ба рӯи Ҳусейн нигарист.

Самеъ гӯё ба шӯхӣ ин суханҳоро мегуфта бошад, Ҳусейн даҳон инҷ карда табассум менамуд. Табассуми вай на

розигиашро мефаҳмонд, на мухолиф буданашро. Аз дили Рашид гузашт, ки Ҳусейн чунон ки мегӯянд, содамуғамбир аст. “Аз ӯ ҳаргиз ҳукми қатъӣ, дар ягон кор тезию густохӣ сар намезанад. Фақат забонаш ганда, баъзан фикр накарда гапа мепартод. Донишаш суст буд, аммо ҳаргиз ӯро ба қатори сустхонҳо дохил намекарданд, ҳеҷ ҷасорате надошт, аммо ҳеҷ кас ӯро тарсончак ҳам намегуфт. Доим дар кисааш пул буд, аммо як сӯмашро беҷо сарф намекард. Беҳуда ба вай лақаби “Капитал” надоданд... Вай ба кас бесабаб бадӣ намекунад, аммо холисона некӣ ҳам намекунад. Ба ҳама муаллимон маъқул буд, фақат муаллими география Ҳамидӣ аз чӣ бошад, ӯро хуш намекард. Аз дигар муаллимон чор-панҷ аммо аз вай ба зӯр се гирифта буд. Лекин ҳама медонистанд, ки дигар муаллимон ба Ҳусейн як хол баризофа баҳо мемонданд. Инро ҳама ба ахлоқи вай нисбат медодаанд. Ҳусейн бачаи ором ва батамкин буд, ҳам муаллимон, ҳам падару модарон ба фарзандонашон “Аз Ҳусейн ибрат гир”, мегуфтанд... Аммо Самеъ дунёи дигар аст. Вай ба ғайр аз манфиати худаш дигар мақсаду нияте надорад. Барои вай одамон ду хеланд: касоне, ки ба вай ягон чиз дода метавонад ва касоне, ки ба вай чизе дода наметавонанд... Аз вай одами ҷиддӣ намебарояд. “Одами ҷиддӣ дунёро дунё кардагӣ, хушомадгӯӣ ҳам, хушомадҷӯӣ ҳам дар қӯруқи ғайрати вай фароғат доранд”, – мегуфтанд додом. Дуруст. Аз одами ҷиддӣ дар дунё ягон кору амали ҷиддӣ мемонад. Аз Самеъ чӣ? Аз ин хелҳо кору амал не, даста-даста пул, бӯғча-бӯғча латта, гову гӯсола ё мошин... хотираҳои нохуш...”

Боз як рӯз гузашт.

Рашид аз пагоҳӣ як чангол чағбут ва пораи пайтобаашро ба равғанӣ хирс молид ва ба даруни “Кӯррӯда”, ба болои ҳе-

зум монда омаду қадре гӯшт бурида хӯрд. Самеъ ва Ҳусейн паҳлу зада, пинак мерафтанд.

Дар берун тундар мехурӯшид. Рашид боронро нигарон буд, борон ҳам омад. Оби борон ин дафъа аз аввалбор дида бештар шорида ба ғор даромад.

– Нағз... нағз... – мегуфт вай аз он чашм наканда.

Ҳоло вай аз хирс не, балки бештар аз борон умеди наҷот чашм дошт. “Модом ки оби борон шорида аз роғи сангҳо ба ғор даромад, бояд дуд ҳам берун равад. “Вай бо ҳамин хаёл чинчароғро даргиронду ба қабати сангҳои дар гузошт. Дуди сиёҳи он сангу яхро лесида, сиёҳ карда ба роғҳои он даромада мерафт. Рашид ин ҳолро дида, ғайриихтиёр якбора кафкӯбӣ кард.

– Ҳой, чиннӣ-пиннӣ шудӣ-чӣ?

Самеъ ва Ҳусейн сараввал бо асабоният шӯриданд, вале зуд аз ҷо бархоста ба назди вай омаданд.

– Чӣ гап?

– Чӣ шуд?

– Ина бинед, – Рашид ба дуди чароғи милмилак ишора кард.

– Хайр чӣ?

– Дудаш берун меравад!

Самеъ даст афшонд. Ҳусейн бо шавқ ба сари чароғ хам шуда ба кадом сӯ рафтани дуди онро мушоҳида кард.

– Имрӯзҳо... баъди борон... меоянд... мурдаи моро мекованд... Ана, мебинед... дуда пай мебаранд.

– Учқун... буғи замин барин дуда кӣ мебинад? – эътироз кард Самеъ. Вай вақтҳои охир ба ҳар гапу кор эътироз дошт.

– Мебинанд, – гуфт Рашид бепарво, вале бо як навъ оҳанги эътимодбахш. Самеъ ҳатто саволомез ба рӯи вай нига-

рист: нигоҳаш чӣ далел дорӣ мегуфт, вале Рашид беэътино ба вай бо кори худ саргарм буд.

Вақтҳои охир Самеъ дар назари Рашид беш аз пеш суғури шикамсерро мемонд: баъзан паҳлу гаштан ва ё чашм кушода ба коре бо диққат нигаристан барои вай гарон буд, вале кампирони шубҳамазор барин маънии гапу корро идрок кунад накунад, ғут-ғут дошт.

– Рашид... Ҳой Рашид... – ҳоло вай хоҳам-нохоҳам садо мекард. – Ун тағои хирсата як бор хабар гир, бо бедор нашуда бошад... Хез, ҷӯра.

Рашид пеш аз он, ки ба даруни ғор равад, лаҳзае чанд гӯш ба қимор истод. Ногаҳон ба гӯшаш садои пасти хиширрос расид. Бархосту даруntар рафта гӯш дод – хиширроси хирс ва хур-хури он аранг-аранг бошад ҳам, шунаво буд. Вай нӯг-нӯги пой қафо гашта омаду шариконаш огоҳ кард:

– Хирс бедор шудагӣ барин... Аз эҳтиёт ба токчаатон бароед, – гуфт вай беташвиш қӯри ба хокистар гӯр кардагиашро кофта дида.

Самеъ ва Ҳусейн баробар аз ҷояшон парида хестанду ба камари боло баромаданӣ буданд, вале беташвиш истодани Рашидро дида, дудила боз истоданд.

– Ту ба чашмат дидӣ ё таваккал мегӯӣ? – зарда кард Самеъ.

– Чӣ хел ба чашмам бинам?! – гуфт Рашид ҳам бо зарда. – Наздик рафта нигар худат... Мебинӣ.

– Очата мебинам!.. – тундӣ кард Самеъ ва чашмонашро пиёла барин калон карда ба Рашид ало нигарист. – Ба чашмат надида, чӣ безобита мекунӣ?!

Рашид бо лабони фишурда ва нигоҳи ғазабнок лаҳзае ба чашми Самеъ нигариста ягон сухани сахту сазовор гуфтан

хост, вале боз ба дил андешид, ки бо ин бетавфиқ, баробар шудан, ситеза доштан беҳосил аст. Бинобар он, гуфт:

– Ман наздик рафта хишир-хиширашро шунидам. Байнамон як хамгашт монд. Аз вай гузарам, хирс мебинад... Гумонат вай бачаша куштагимона намефаҳмад? Ҳамаша мефаҳмад. Аввал, бедор гашта, бачаша мековад. Аз бӯи хун мефаҳмад... Аз даҳани ману ту ҳам бӯи бачаи вай меояд... агар ту дилу гурдаи рӯбарӯшавӣ дошта бошӣ, рафта салому алек карда биё... Мо ба пешвозат аз ҷоямон хеста таъзиму такрим мекунем-дия.

Ин дам садои хирс бараъло ба гӯш расиду ҳас се як қад париданд. Сонӣ Самеъ пешопеш, Ҳусейн аз думболи вай ба шах часпида, нӯги пойҳояшонро ба роғҳои санг даровარда, зина-зина ба камари боло баромаданд. Дар миёни яке шоф, дар камари дигаре дос овезон буд. Самеъ дар пешгоҳи камар ҷо гирифт, вале Ҳусейн дар қафои вай ба монанди фароштуруке, ки ба девор часпидаст, ноҳинҷор меистод.

Рашид ҷинчароғи дигареро аз чароғи таҳи дар оташ гиронду ба даруни “Кӯррӯда” даромад.

Хирс дам ба дам бо фиғон меғуррид, вале ҳеҷ берун намеомад.

Се тан ҳайрон буданд, ки чаро вай берун намеояд. Дар ин хусус ҳар кадоме чандин тахмину гумон доштанд, вале гуфтугузоршон ҳоло гӯшакӣ ва бо забони имову ишора маҳдуд буд.

Оқибат аз раҳнигарӣ тоқаташон тоқ гашту бо овози паст ба гуфтугӯ сар карданд. Чашми Самеъ ба ҷинчароғи таҳи дар афтоду ба якборагӣ шӯрид:

–Ҳой, Ғирғирак, дар таҳи дар ба арвоҳи додот чироғ мондӣ? – бо ғазаб лаб газиду дастаи шофашро сахт фишурд

вай. Чунин менамуд, ки агар ҳозир Рашид дар наздаш бошад, бо теғ ба сари вай мезад. – Агар хирс мебаромад, падарлаънат, чироға дида гашта медаромад.

– Хирс ҳолӣ намебарояд... Ҳамин ки наздик омад, ман чароға мегирам...

– Чӣ даркор ҳамун?! – гуфт Ҳусейн ҳам бо маломат.

– Дуд берун рафтос... Як кас не, як кас мебинад...

– Э...

– Ҳамин хел гапҳо чӣ даркор? – гуфт Ҳусейн аз дашноми Самеъ рӯ турш карда.

Ба миён хомӯшии гароне афтод. Ҳар се ҳам хеле вақт сукут варзиданд. Чунин менамуд, ки Ҳусейн аз ҳамҷавориаш бо Самеъ чандон қаноатманд нест. Аммо вай ҳоло иродаи инкори фикри ӯро надошт. "Барои инкор як олам далел даркор аст, – аз дил мегузаронд вай. – Мабодо фикрам хато бароядчӣ?! Не, беҳтараш дар ҳамин ҷо истодан мегирам. Самеъ хафа мешавад... Аслан, барои чӣ худама дарди сар мекунам? Ҳаминҳо ягон фикр доштагистанд-дия. Додом мегуфтанд, ки ба рафти об нигариста равӣ, пешпо намехӯрӣ. Худсарӣ чӣ даркор..."

– Хайр, Рашид, ба дилат нагир, ҷӯра... – Самеъ аз дуруштии бемавриди худ зуд пушаймон гашту мисли ҳамеша бо узр сухан сар кард: – Ту дар поёнӣ... хирса як нигар... Дасту пойҳои мо канда шуд.

– Э, безор карди-дия. – Рашид норозиёна ғут-ғут карду оҳиста аз ҳисори худ баромад. Ду-се қадам рафту аввал хам гашт, сонӣ чорпоя хазида рафт.

Самеъ ба Ҳусейн чашмак заду ба тамасхур лаб бурма кард

***

Рӯзи дигар аз берун фарёди гирифаи одамонро шунида ҳар се тан худро ба таҳи дар андохтанд. Баъд хавфи хирсро ҳам фаромӯш карданду ҳар се яку якбора фарёд заданд.

Баъди ду-се бора радду бадал гаштани овозҳо одамони берун кор сар карданд. Садои каланду зоғнӯл ва сангғелонӣ бараъло ба гӯши онҳо расиду аз дидагон ашки онҳо рехт. Се тан ғайриииихтиёр мегиристанду ҳар яке ба сари худ фарёд мезад:

– Мо дар ғо-оғо-оррр!

– Мо руст мондагӣ-ӣ-ӣ!

– Кушое-ед-д!

Ғурриши хирс, ки ин бор хеле аз наздик ба гӯш расид, онҳоро ба худ овард. Чашм пӯшида кушоданӣ фурсат нагузашта ҳар се тан боз дар постгоҳи худ буданд.

Хирси бӯри аламзада ғолибан аз фарёди бачаҳо ҳароси-да дар талвоса ба сӯи даромадгоҳ омад. Рашид ду бари пал-тояшро кушода оташи чароғро панаҳ мекард ва аз роғи девор чашм наканда ҳаракати хирсро мушоҳида дошт. Аз дилаш мегузашт, ки пойҳои ғафси он метавонанд дар як лаҳза ҳар сеи онҳоро ба монади се дона тухм ба замин парчин созад.

Хирс рост ба дари бастагӣ рафт. Ду пои пешашро ба сари харсанги дар ниҳоду бо ғазаб ғуррид. Сонӣ аз як сар сангҳоро бӯй карда чунон фиғон кард, ки аз даҳшати овози он ҳама шах шуданд. Ҳатто дар берун ҳам лаҳзае корро қатъ карда гӯш доданд. Асари гӯште, ки дар қабати сангҳо буд, дарвоқеъ, чунон ки Рашид гуфта буд, хирсро девона кард: аз наъраи вай гӯё тамоми ғор меларзид.

Дар берун бо шиддат кор сар карданд. Ҳоло овозҳо рав-шан ба гӯш мерасид, вале хирс имкон намедод, ки бачаҳо ба онҳо овоз диҳанд. Фиғони даррандаи бечора, ки аз ғаму андӯҳ

ва асорати беилоҷ менолид, берун будагонро ҳам дар талвоса афканда буд.

Дар ин миён пои Ҳусейн саҳл лағжиду хиширрӣ садо баромад. Хирс ба боло нигарист. Самеъ таҳдидомез шофашро ҷавлон дод. Ҳусейн досашро бардошт. Хирс бо тааҷҷуб лаҳзае ба онҳо нигарон монд ва сипас, ба ду по рост шуд. Вай якрон-якрон қадам монда ба онҳо наздик рафту фукашро дароз карда бӯй гирифт. Дили Рашид таҳ кашиду фоҷиаеро нигарон гашта, ба атрофаш назар андохт. Латтаи равған молидагиашро гирифта ба оташи ҷинчароғ дошт. Ҳанӯз латта алав нагирифта... Самеъ шоф қатӣ хирсро задан хост ё Ҳусейн дар талвоса нияти дос андохтан кард, маълум набуд, вале ногаҳон як пои Ҳусейн, ки носоз менишаст, ба поён лағҷид. Хирс фурсатро аз даст надода, ҳамоно ҷаҳид.

Рашид бо даҳшат чашмонашро пӯшиду ғайриихтиёр фарёде зад. Ва сипас чашм кушоду Ҳусейнро дар камари боло надид ва девонавор латтаи даргирифтагиро ба ҷониби хирс ғурронд. Баъд ба сари хирси ваҳшатзода санг борид. Наъраи хирс, тарақотуруқи сангҳо, дуд, оташ, фарёди Рашид ҳама ба ҳам омехт...

Хирс ба дарун гурехту Рашид худро аз девор берун андохт ва сари Ҳусейнро аз замин бардошт.

– Чироға дор! – амр кард вай ба Самеъ, ки ҳушаш парешон, дар токча шах шуда менишаст. Чашмаш гоҳ ба сӯи даромадгоҳ медавиду гоҳ ба даруни ғор, ки хирс баргашта ба он сӯ рафта буд. Аз берун онҳоро ном гирифта чеғ мезаданд. Самеъ ҷавоб додан мехост, вале метарсид ва маслиҳатомез ба Рашид менигарист. Рашид мухтасар ба беруниён ҷавоб доду такроран ба Самеъ рӯ овард:

– Фуро, чароға дор!.. Тезтар!

– Ҳозир хирс гашта ояд-чӣ?.. Ман ҷонам сер шудагем не...

– Э-э... нокас... – гуфт Рашид чӣ гуфтанашро надониста. Баъд худ ба худ бо шаст даст афшонду набзи Ҳусейнро монда дили ӯро ба молиш додан сар кард.

Баъди панҷ-шаш дақиқа Ҳусейн чашмашро кушоду Рашид куртаи танашро дарронда бо андаке чағбути сӯхтагӣ ҷароҳати ӯро баст.

– Хайрият шуд, – гуфт дар охир ба рӯи бехуни Ҳусейн нигариста. – Сарата набардор, сарат лат хӯрдагӣ, – ҳаракати ӯро манъ кард Рашид. – Поята ҳам наҷунбон, мӯл хун меравад...

Аз берун аллакай рӯшноӣ медаромад ва сояи ҳаракати одамон гуфтугӯҳо мушаххас ва аниқ мегаштанд. Аз афти кор, бо ташу мисрону каланд даҳ-дувоздаҳ тан аз наздикони Ҳусейн ва Рашид бо шиддати тамом кор мекарданд. Рашид овози гирифтаи падарашро шунида, ба чашмаш об гирифт.

– Рашид, ҳой, Рашид, хирс дигар гашта намеояд?.. А? – Самеъ аз камари боло майли фуромадан дошт.

– Натарс... Вай аз бӯи ту баринҳо безор аст.

Сонӣ аз роғи сангҳо ба ғори тира аввалин риштаҳои нури офтоб даромаду Рашид беҳолона дар паҳлуи Ҳусейн ба санг такя зад. Рӯшноӣ гӯё теғе буду чашми ӯро мебурид. Вай ҳарчанд зӯр мезад, чашмашро кушода наметавонист. Ҳусейн, ки дар паҳлуи вай дароз афтода мехобиду музтарибона меналид, ба сахтӣ дасташро бардошта рӯи пилки чашмонаш гузошт.

– Эҳ... ба берун мебароему... – ба сухан даромад Самеъ, вале Рашид ҳамоно нутқи ӯро бурид.

– Чӣ кори савоб мекунӣ? – ба ҷониби шарикаш нанигариста ба тамасхур савол кард Рашид.

– Чи кор мекардам?! Рост ба тарафи деҳа метозам!

– Тезтар тоз... чашми ҳама паридос... – Сонӣ аз дилаш гузашт. "Хуб, ман чӣ мекунам? Ба рӯйи очаю додом чи хел менигарам? Намедонам. Эҳ, аз рӯи ин замин давида гузаштан осон аст. Агар ба ин обу хок, ба одамон бегона бошӣ, аз ҳар чӣ осон аст... Ман мебарояму... синаама ба хоки замин монда, хоб мекунам... Ба осмон серӣ менигарам, ба рӯйи одамон менигарам... Ана, дигар гап не".

***1977–81.***

# Ҳ И К О Я Ҳ О

## ШАРИФ-АМАК ВА МИХАИЛ ПОТАПИЧ

Ману Шариф-амак бору бунаамонро баста, бо ду асп ба Ҳаводара омадем. Дар ҳамин ҷо вай лақаби "Михаил Потапич"-ро гирифт. Мардуми рус ба хирс лақаби бисёре додааст: "Топтигин, Хӯҷаин, Мишка, Михаил Потапич, Качпой ва ғайра". Шариф-амак солҳои зиёд ҳамроҳи коргарону инженерони рус кор карда, лақаби хирсро ба русӣ шунида будааст, аммо ман намедонистам.

Пеш аз он ки воқеаи "Михаил Потапич"-ро гӯям, бояд шуморо бо сои Ҳаводара ошно кунам, зарур аст, ки дар ҳаққи Шариф-амак ду-се сухан гӯям. Сонӣ сабаби лақаб гирифтани ин одамро ҳикоя мекунам. Ман таноби гапро дароз карда, ҳамаро дилгир намекунам.

Шариф-амак ба қавли худаш, одаме, ки умраш бо кӯҳканӣ гузаштагӣ. Аз солҳои сиюм боз дар идораи геологӣ кор мекардааст. Чандин сол боз сардори дастаи кӯҳтарконҳост. Афту андоми Шариф-амак-ро дида ҳеҷ кас намегӯяд, ки синни ӯ зери шаст. Мӯяш сафед нашудаст. Аслан мӯи зиёд ҳам надорад — тунукмӯю камриш, ҳатто қариб кӯса. Зимистону баҳор мӯйсару ришашро худаш бо як покуи кӯҳнааш метарошад. Марди резаҷусса, борикрӯй, чашмонаш ҳамеша ба кас хушҳолона хандида менигаранд; рӯяш ҷӯтур набошад ҳам, бар асари оҷинг бошад ё дигар чиз ҷӯтурнамо барин; вай ҳамеша ба коре овора, нафасе ёнбош карда хобидани ӯро касе надидааст. Ӯро фақат дар бистари хоб осуда медиданду баъзеҳо бо шӯхӣ, баъзеҳо бо истеҳзо: "Шариф, дар ҷогаҳ чӣ хел

наҷунбида хоб мекунӣ-а? Боварии кас намеояд!" мегуфтанд. Дар ҳақиқат, доиман дар дасти ин одам анбӯр, сим, мех, сӯзану ришта, дарафш... Абзори аспҳоро медӯзад, мӯзаҳоро дарбеҳ мекунад, наъли часпак мезанад. Агар дар ҳар пои мӯза дахтогӣ наъли часпак набошад, ба кӯҳ баромадану фаромадан азоб, пой мелағҷад. Шариф-амак бекор намешинад, чодари даридагиро медӯзад, лингаҳоро дарбеҳ мезанад — хулласи калом, рӯзгори калони ластаи маъданҷӯёнро дар ҳар куҷо басаришта медорад.

Пеш аз ба Ҳаводара омадан, ҳамроҳ аспҳоро наъл задем. Кори саҳл набудани наъл задани аспро ҳамон рӯз мутаваҷҷеҳ шудам. Суми аспро тарошидан, меххои наъли кӯҳнаро аз пояш гирифта, мехи нав задан, шири аз модар хӯрдаи одамро аз биниаш меовардаст! Шариф-амак мегӯяд, ки асп дар кӯҳ бенаъл ҳеҷ раҳ гашта наметавонад. Ман гуфтам:

— Хайрият, ки ин кор аз дасти шумо меомадаст, вагарна дар ин кӯҳистони бекас аз куҷо устои наълзан меёфтанд?! — гуфт Илҳом ба сумҳои наълкӯби асп бо завқ нигариста. Ӯ фахр мекард, ки дар ин кор саҳми вай ҳам ҳаст.

— Э-э, ҳамин қадар наъл мезанам... — даст афшонд саркор. — Ҳазл не, чордаҳ асп! — Абзорашро дӯхтаю баста меистам, майда-чуйда — ҳама корашонро саришта мекунам, аммо як пул ҳақ намедиҳанд. — Ҳасрат кард Шариф-амак.

Ман пай бурдам, ки ӯ ин шикояти худро борҳо ба дигарон ҳам гуфтааст, аммо натиҷае нагирифтааст.

— Хайр, ҳеҷ гап не, амак, ғам нахӯред. Ин ба ҳисоби корҳои ҷамоатӣ.. Ана, ман газетаи деворӣ баровардам, ҳақ талаб накардам-ку! — ӯро таскин додан хостам.

— Кори ҷамоатиро бепул будааст-чӣ?! Охир, ин кор меҳнат аст, додар! Одамоне ҳастанд, ки бепул латифа ҳам наме-

гӯянд!

Ман ҳамроҳи ин одам кор карда, хеле чиз омӯхтам, воқеаҳои аҷиберо аз сар гузаронидам. Воқеаи ” Михаил Потапич” ҳам, ки дар Ҳаводара рӯй дод, ҳодисаи шуниданӣ.

Ҳаводара як сои танг аст, дар баландии кӯҳи ба абрҳо ҳамшафат. Ба ин ҷо фақат пиёда омадан мумкин буд, аммо Шариф-амак ду рӯз кофтуков карда, роҳи асп мегузаштагӣ ёфт, ё дурусттараш сохт. Он ҷойҳое, ки асп гузашта наметавонад, кофтаст, санг партофтаст, ёнаҳои хатарноки кӯҳро канда, поғунда сохтаст, чарх зада гузаштаст... Худи Шариф-амак ҳам бо ин роҳи сохтагиаш то ба Ҳаводара расидан калимаашро гардонда омад. Дигар илоҷ надоштем. Бе асп биёем, азобамон сахттар мегашт. Аз ин қадар роҳ динамит – моддаи таркандаро кашонда бурдан чӣ маънӣ дорад, фақат одами дар ин ҷойҳо кор кардагӣ медонад.

Ба Ҳаводара расидему ману Шариф-амак барои бошишгоҳамон аз сой қариб сесад метр баландтар майдончаеро интихоб кардем. Дар он ҷо чашмае будаст, ман зуд кофтам, обаш шилдирросзанон равон гашт.

— Аввал чодирро кашида, чизу чораро саришта кунемчӣ?

— Э, муаллим умри тура беҳуда хазон кардааст! Ба ман нигар, чанд сол хондӣ?

Агар таъбаш хуш бошад, Шариф-амак ҳазлу шӯхӣ сар мекард. Аксар агар кори хато ё андешаи беҷои ӯро фаҳмад, ба муаллимон дармеафтод. Гӯё ҳама корро ба бачаҳо дар мактаб муаллим меомӯхта бошад. Дар ингуна маврид ман ҳам паст намеомадам:

— Муаллимон ба ман чизҳои муҳимро тадрис карданду гуфтанд, ки майда-чуйда ҷонибиашро Шариф-амак ёд

медиҳад.

— Э, ба падараш раҳмат, худо хайре диҳад! Ин тавр гуфта бошад, сабӯс барин вазнин шаву ба гапаш гӯш кун, гуфтагист? А?.. Рав, ана, вай халтаро гиру динамит бардор.

— Чӣ, метарконем? Канӣ шурф?

— Ҳа, хаёлат аввал чодир занему баъдан тарконем? А? Ту мегурезию панаҳ мешавӣ, чодир чӣ мешавад? Э-э, ҳаминро нафаҳмӣ, дигар ман ба ту чӣ ҳам гӯям!

— Ҳа-а, фаҳмидам. Устоди бузургворам!

— Э, қандата зан! Ҳамин қадар ақлу фаҳм доштӣ-ку! Аммо шурфи тайёр нест, шурфро бояд худат канӣ, — саркор бо ҳамин хел суханони кинояомез ҳазл карданро дӯст дошт.

Баъд вай як байт шеъри бемазмуни аз даҳони кадом як ҳофизи безавқ шунидаашро бо оҳангаш зери лаб замзама карда асбоби инфиҷорро ҳозир сохт:

Қандата зан, қандата,

Ичро кардӣ қавлата!

Ман зину абзори аспҳоро гирифта мондаму ба роҳ даромадам.

— Ба ман нигар, ҳу-у, санги сиёҳа дидӣ? Ана, ба қафои ҳамон санг гузаронда ишкел зану... не-не ишкел назан, саманда ба арғамчин банд, сафед мегардад, ба ҳеҷ ҷо намеравад, — асбоби таркондан ва динамитро ба борхалтаи сафарӣ ҷой карду ба ман таъинот дод ӯ.

— Ишкел кунам, нағз не? — пурсидам ман озодтар чаридани аспро андешида.

— Гапро пур накун...

Ин одамро ҳаргиз фаҳмида намешавад: гоҳе худ аз худ димоғаш сӯхтагӣ, маслиҳат пурсед ҳам, дӯғу дабара мекунад, гоҳе ҷинаш мегурезаду бирешим барин маҳин мегардад. Ас-

лашро гӯед, ҳамаи мӯйсафедон ҳамин хел — гоҳ баҳору гоҳ зимистон.

Аммо саркор аз тундиаш зуд пушаймон гашт:

— Ишкел накун гуфтанам сабаб дорад: аспи ишкел еми гург мешавад. Фаҳмидӣ?

Аспҳоро монда омадаму ҳамроҳи саркор як халтагӣ динамитро бардошта ба тарафи кӯҳ рафтем. То пояи кӯҳ қариб дусад метр барин майдони кушод, сонӣ якбора кӯҳи сангин қад афрохта буд. Ман бар дӯш бор, дар даст зоғнӯлу бел агарчӣ бо азобе то ба сари теғаи нахустин баромадам, ба ҳоли Шариф-амак дилам сӯхт. Саркор борашро ба замин гузошта хеле вақт араќи сару гарданашро пок карда, сахт-сахт ноҳамвор нафас гирифта, нишаста монд. Ӯро ҳаргиз дар ин хел вазъи ногувор надида будам. Сӣ кило борро ба баландӣ баровардан! Ин кори осон не! Баландие, ки кислород кам, ҳатто мотор ҳам бо ними қувва кор мекунад.

— Пир шудем, ҷӯра, — гуфт вай маъюс оҳе кашида. Нигоҳаш ба дур, ба нуқтаи ноаёне гиреҳ хӯрда буд.

Баъди лаҳзае Шариф-амак аз ҷо бархост ва атрофи теппа ва ёнаҳои кӯҳро санҷида омад.

— Ду ҷои таркондани будаст.

— Аз чӣ донистед?

— Геологҳо нишона мондагӣ.

Ман бори аввал ба даст зоғнӯлу каланд гирифта барои динамитгузорӣ чуқуркани сар кардам. Ҳаво чандон гарм набошад ҳам, баъди ним соат аз сару рӯям арақ сел барин рехт. Таслим намегаштам, тамоми қувватамро ба ду досташ ғун карда ба замини сахти санглох зоғнул мезадам. Ман бори аввал кореро, ки барои иҷрои он фармон гирифта буд, анҷом медодам, ба хастагӣ ва обилаи дастонам нанигариста кор ме-

кардам. Зоғнӯл бе ҳеҷ зарб, бо вазни худаш ба замини заранг меафтоду онро казоӣ нарм намекард. Аммо боз ҳам пайваста зоғнӯл мезадам. Баданам тафсида арақшор гашту куртаю зерпӯшам ба танам часпид. Либос аз тан кашидаму то ба миён урьён гашта корро идома додам. Лаҳзае нагузашта хоку ғубор ба бадани арақшорам часпида ҷисми маро саропо ба кӯзаи гилин шабеҳ кард.

— Ист, — ба сари ман омада амр кард Шариф-амак, — як дам нафас рост кун. Инсон ба кори сангин якбора одат намекунад, — вай зоғнӯлро аз дастам гирифту ором, ба як маром ба чуқур кофтан шурӯъ кард.

Фурсати як пиёла чой хӯрдан нагузашта дубора ба дасту поям қувват дамиду зоғнӯлро аз дасти саркор гирифта кӯшидам бидуни саросемагӣ, монанди Шариф-амак дилпур, ба як маром замин канам.

— Хӯш, ба куҷо руст мешавӣ, мулло? — ногаҳон хаёли маро бурида савол кард саркор.

— Лаббай?

— Ба кадом сун мегурезем, мегӯям?

— Ман чӣ донам, — дар ҳолате, ки бо бел хоку шағали кандагиро гирифта мепартофтам, ҷавоб додам. — Шумо ба кадом тараф, ман ҳам аз қафоятон. — Ҳӯ, ана, вай зов читу?

Шариф-амак ба ҷои ҷавоб ангушти ишоратиашро леси-да тар карду боло бардошт. Илҳом бо тааҷҷуб ба бел такя карда ба кори ӯ нигарист.

— Шамол аз боло, — гуфт саркор ангушташро поён фуроварда. — Ба таги ҳамон зов медароем.

— Шамол чӣ дахл дорад?

— Чангу ғуборро ба тарафи мо барад, хуб аст? Ҳоло тамошо кун, чӣ қиёмате қоим мешавад.

Шариф-амак баъди ҷо ба ҷо карда гузоштани динамит, саросема пилтаро оташ заду ҳарду пасопеш қад-қади ёли кӯҳ гурехтем. Дуртар рафта, дар таги ҳамон зов панаҳ гаштему паи ҳам ду таркиши бузургу кучак кӯҳу кӯталро ба ларза оварда бо садои даҳшатноке чандин тонна хоку сангро ба ҳаво бардошт ва ба атроф фурӯ рехт. Кӯҳ чунон ларзид, ки шах канда гашта, моро зер мекунад, гӯён тарсидам. Ёнаи кӯҳро чангу ғубор гирифту дигар хеҷ чизро дида намешуд. Ҳатто қурси офтоб ҳам базӯр намоён буд.

Онҳо ба бошишгоҳ расиданду диданд, ки сатили оббиёрӣ дар як сӯ пачақ гаштааст.

— Дидӣ-ё? — гуфт Шариф-амак онро ба даст гирифта. — Аз ёд рафтаст. Омада-омада санг ба ҳамин заданашро бин, — гуфт вай сатилро чарх занонда дида. Саркор чигуна рост кардани онро меандешид.

Рӯз гашт карда буд, аз ҷониби кӯҳ насими серун мевазид. Ғуборе, ки бар асари таркиш ба ҳаво бархоста буд, монанди меғ дар ёнаҳои печида мерафт ва оҳиста тунук мегашт.

Ману Саркор ҷои чодирро омода кардему ба бардоштани кулбаи брезентиамон шурӯъ намудем. Ба нӯги ресмони чодир яктогӣ санги калонро баста, ду тараф ресмони онро кашида ва барои аз ҷо налағҷидани сангҳои ресмон бастагӣ, ба пеши ҳар яке ду-се санги дигарро тамба мекунед.

Ногаҳон, қоматамро рост гирифтаму ҷонвари ба сӯямон тозонро дида, сараввал саргаранг мондаму карахт гаштам ё ба чашмам бовар накарда ҳайрон будам, намедонам. Азбаски саркор пушт ба сой буд, аз вазъи ман бехабар “ресмона каш!” гуфту сипас ба рӯям нигаристу, сонӣ бо ишораам ба қафо рӯ оварда, аз воқеа огоҳӣ ёфт. Хирси барзангие ҳарсосзанон аз поён рост ба ҷониби мо меомад. Даҳони кушодаи вай, забони



монанди як пора латтаи сурх овезон ба дили ҳардуямон ҳам

ба якборагӣ даҳшат овард.

Байни онҳо ҳамагӣ биступанҷ-сӣ метр масофа монда буд. Хирс қасди аз роҳ баргаштан надошт. Милтиқи думилаи саркор ҳоло аз мо дида ба хирс наздиктар, дар болои кӯрпаву бистар буд. Саркор ҷуръати пеш рафтан накард.

— Ҳо-ҳо-ой! — то ҷон дошт бо даҳшат фарёд кард Шариф-амак.— Ист!.. Ист, мегӯям!.. Канӣ ист!.. Ба ту мегӯям! — пойҳояшро ба замин кӯфта, то метавонист бо овози баланд даҳшат кард саркор.

Хирс аз мо чашм наканда ҳарсоскунон наздик омаду дар пеши асбобу анҷом истод. Аз дилам гузашт, ки шояд дастомӯз бошад-а! Аз хонаи касе ё сирк фирор карда бошад? Аммо ин хаёли ширине буд, бағоят содалавҳона ва худаш ҳам зуд аз ин фикр баргашт.

— Ҳой, Михаил Патапич, ку ба раҳат рав! Ба ту мегӯям, полвон! Ҷон, Михаил Патапич, рав, ҳӯ-ӯ, ба кӯҳҳои баланд рав. Бирав, садқет шавам, полвон, — саркори бечора бо имою ишора кӯҳҳоро нишон дода, зорӣ мекард амак.

Агар вақти дигар бошад, ба ин оҳангу авзоъ “Михаил Патапич” гӯён тавалло кардани саркорро шунавам, аҷаб, не, аз ханда рӯдакан мегашту ба замин ғел мезад. Аммо ҳоло, хавфи ҷон дар пеши чашмаш, ба лаб ханда меояд-чӣ! Дирӯз яке аз геологҳо мегуфт, ки чӣ тавр хирс бо як даст задан ғунончинеро куштаст.

Шариф-амак бо ҳар усуле мехост бо хирс сулҳ бандад, ӯро ба муросою мадоро ташвиқ мекард, чун дигар роҳе ҳам вуҷуд надошт.

Тасодуфан чашми ҳарсеямон ҳамзамон ба милтиқи думилае, ки рӯи бистар буд, дӯхта шуд. Аз дилам гузашт, ки наход хирс чӣ будани милтиқро донад?! Ин фикри маро ӯ дарк

намудагӣ барин, ин дам хирс чанг зада милтиқро гирифту беихтиёр худамро ба қафои чодир кашидам. Нафаси Шариф-амак ҳам ба дарун заду дигар овозе набаровард.

Хирс милтиқро ин сӯ-он сӯ гардонда диду шикастан хост магар ба санг зад. Ба як задан нашикаст. Дигарбора бо қаҳр зад. Садои тир ғайриихтиёр маро ба замин хобонд. Шариф-амак фарёд зад:

— Хоб кун!

Лаҳзае ҳама ҷо хомӯш монд. Баъд ғурунгоси норозиёнаи саркорро шунидаму оҳиста бархоста нигаристам, ки аз садои тир худи хирс ҳам ҳаросида гурехта он сӯтар рафтаст. Вай боз чор-панҷ қадам қафо рафту мо нафаси сабук кашидем. Аммо полвони саргашта боз аз роҳ истоду фукашро ба ҷониби мо ёзонда, бӯйгирӣ кард ва ба "тамошо"-и мо машғул гашт.

— Аз рӯи ман маҳ дидӣ-ё, исқот?! — ғурунгос зад Шариф-амак.

Баъди он ки туфангашро хирс шикаст, димоғи ӯ бағоят сӯхта буду ҳатто хавфи ҷон ҳам ба назараш наменамуд. Ин ҳол маро оташин кард, аммо гап назадам.

Хирс фурсате биистоду дубора ба сӯи мо ҳаракат карду қариб буд, ки ман роҳи гурезро пеш гирам. Дар ин гуна кӯҳсор аз хирс гурехта халосӣ ёфтан амри муҳол буданашро донам ҳам, инстинкт ва ирсият кори худро мекардааст. Ин дафъа ҳар ду ҳам саросема гаштем. Ба сари ин ҳайвони аҳмақ чӣ фикре омад, ки рост ба сари мо меомад. Ҳар ду сахт тарсидем. Хирс ҳамагӣ даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар аз мо меистоду боз фукашро дароз карда ин ду тан фарзанди одамизодро бӯй мекашиду аз онҳо чашм намеканд. Гӯё пурсидан мехост, чаро онҳо ба ин ҷо баргашта омадаанд, чӣ мехоҳанд? Чаро оромию хомӯшии кӯҳистони ӯро бо инфиҷорҳои ваҳм-

нок халалдор мекунанд?

Шариф-амак гӯё саволи хирсро медониста бошад дасташро бо тавозӯъ ба сина бурда боз ба зорӣ даромад:

— Полвонҷон!.. Хӯҷаин!.. Балота гирам, Михаил Патапич, мо ба ту кор надорем... Ана, дар дастамон ҳеҷ чиз нест... Биист, гард... Рав ба раҳат... Мо кор кунем... Мо ба ҳеҷ ҷонвар зиён намерасонем. Бирав, ту ҳам ба пеши бачаю качаат рав. Майдачаат ҳу-ҳув-ҳув... ана ин қадар... — Шариф-амак бо ҳазор хел имою ишора ба хирс аз бачааш ёд меовард, овози хирсбачаҳоро тақлид намуда, мисли бозигар ҳунарнамоӣ мекард ва бо ин ҳама нағмаю найранг дар дили дарранда меҳри бачаашро бедор кардан мехост. — Бирав, акнун хӯҷаин, ба пеши бачаҳоят рав. Ана, милтиқро ҳам шикастӣ, мо дигар ҳеҷ чиз надорем.

Хирси барзангии бӯр суханони саркорро фаҳмидагӣ барин хуб гӯш дод, баъд боз бӯй-бӯй карда, ба безиён будани ин одамон дилпур шуд магар, ба роҳаш қафо гашту рафт.

— Мо ҳам аз бӯи ту безор, — гуфт саркор як нафаси сабук кашида.

Онҳо баъди халосӣ аз хирс, чодиркашон тафсилоти воқеаро қариб як соат барин муҳокима карданд. Аз гуфтаи амак чунин мебарояд, ки хирс аз сангҳои дар натиҷаи таркиш аз осмон афтодагӣ мурданивор тарсидаст ва бо хашму ғазаб ба тарафи мо, ки ӯро нороҳат кардаем, тохтаст. Шариф-амак аз масхарабозиаш бо хирс хиҷолат мекашид.

— Исқот мурданивор тарсида, дар сари ҷаҳл ба тарафи мо тохтагӣ, — мегуфт амак милтиқи шикастагиашро аз назар гузаронда.

— Барои чӣ “Михаил Патапич” гуфтед? “Хӯҷаин” гуфтед? — пурсидам ман.

— Э, гуфтам-да... Ҳушам парид, чиҳо гуфтам, худам ҳам намедонам, — гуфт вай дар ҷавоб бо хиҷолат. Баъд шарҳ дод: — Ҳамроҳи ҷӯраҳои урус кор мекардем, ҳамин хел мегуфтанд... Шунидагема гуфтам-да.

Ана, баъди ҳамин воқеа лақаби Шариф-амак “Михаил Патапич” гашт. Сонитар “Михаил”-аш ҳам фаромӯш шуду “Патапич” мегуфтагӣ шуданд.

***Соли 1975.***

## ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ

Аз саргузашти рӯзҳои бачагиам бисёр воқеаҳоро ҳикоя кардаам, аммо ин ҳодисаро ҳаргиз ба ёд овардан намехоҳам. Вале чӣ кор кунам, ки он мудом дар нӯги забонам, шабу рӯз дар сарам ҷӯлидагеш, ҷӯлидагӣ. Шояд, то онро нагӯям, маро аз ин шиканҷа халосӣ нест. Агар гуфтанаш осон мебуд, кайҳо онро мегуфтам, лекин... Ҳар як кори чигил ана ҳамин хел "лекин" дорад. "Лекин"-и ин воқеа як сири намегуфтагӣ. Ҳар сире, ки онро ба кас гуфтед, сир нест. Хуллас, имрӯз ман ин сирро гуфта, аз бори гароне, ки қариб чоряк аср ба дӯши дили бечораам бардошта гаштам, халос мешавам. Хато ва гуноҳ ҳаргиз виҷдони одамиро осуда намегузорад: гӯй, барои чӣ пинҳон мекунӣ гуфта, дилро харошидагеш, харошидагӣ. Ман аз гуфтани ҳақиқат, ҳарчанд ки бисёр талх аст, наметарсам ва шарм ҳам намекунам. Одати ман ҳамин аст: ҳама гапро бояд гӯям. Агар баъзе чизҳоро нагӯям, он ҳам бесабаб не: ё ҳамон воқеа ба гуфтан намеарзад, яъне, ҳақиқати ба мардум нодаркор аст ва ё чунон ки Шайх Саъдӣ овардааст, рости фитнаангез ва зарарнокест, ки аз гуфтан ногуфтани он авло. Қисса кӯтоҳ, он саргузашти нохушамро мегӯям. Ба ҳар ҳол, он ба ман сабақи зиндагӣ гашта буд.

Аввал бояд гӯям, ки дадаам он солҳо ҳозира барин пири хушҳолу чақчақӣ набуданд. Ман агар дадаам гӯям, шумо як марди хода барин дарозу лоғар, чашмонаш дар косахона шиштагӣ, коркун, камгап ва хеле ҷиддию вазнин, ҳатто аз ҳад зиёд ҷиддиро пеши назар оред. Инро ба ман бачаҳо ҳам мегуфтанд. Онҳо ҳаминро ҳам таъна мекарданд: "Дадаат одами бадҷаҳл барин" мегуфтанд. Аммо ман хуб медонам, ки дадаам ҳеҷ гоҳ бадҷаҳл набуданд, фақат кам механдиданд, ҳатто

ки қариб намехандиданд. Сабаби кам хандиданашонро худам ҳам намедонам. Балки солҳои баъди ҷанг талабот аз мардумон ҳамин хел буд, кӣ медонад? Барои намозу рӯза, барои хатна кардани бачаашон баъзеҳоро ҷазо медодаанд-ку! Тағоии очаамро барои он ҳабс карда будаанд, ки дар хонаашон китоби кӯҳнаро нигоҳ медоштаанд.

Он солҳо дадаам бегоҳӣ аз кори саҳро димоғашон гирифтагӣ, хастаю шалпар меомаданд. Қавоқашонро накушода болои кундаи ҳезумкафонӣ амонат менишастанду як бор уф кашида мондагиашонро мебароварданд. То дӯғоб оварда додани очаам бо мо саволу ҷавоб карда, як-ду супориш медоданд. Баъди дӯғобро дам кашидан, каландашонро гирифта ба замини рӯйидаричаамон мерафтанд. Дар он ҷо то шом кор мекарданд. Очаам мегуфтанд, ки ҳамин як порча замини рӯйидарича хонаводаи моро ба по рост медорад. Албатта, ман он солҳо маънии ин гапро дуруст намефаҳмидам.

Аслан, чандон хурд ҳам не, дувоздаҳсола будам. Ҳанӯз дуруст каланд зада натавонам ҳам, дигар корҳоро хуб ӯҳда мекардам: киштро об додан, ба молҳо алаф овардан, хошок даравидан, аз кӯҳ ҳезум овардан. Ҳатто ду-се бор додарам катӣ ба осиёб ҷуворӣ бурда, орд карда омадам. Додарам — Салим он солҳо дар синфи сеюм мехонд. Ман аълохон гуфта баъзан аз худ мерафт. Ҳар чизе биёранд, вай нағзашро мегирифт. Каҷу килеб сурат мекашиду рассом мешавам, мегуфт. Доим дар кисааш ангишт ё бӯр, тахтасангҳои сари роҳро кажу маж хат кашида, пур мекард. Ҳатто сурати Алопарро дар санг оҳан катӣ канд, он сурат дигар намеравад. Баъди Алопарро аз даст доданамон Салим ҳар бор ҳамин суратро нишон дода, ба ҷароҳати дили ман намак мепошид.

Худи Салим бачаи бад не, аммо гоҳ-гоҳ зӯъмию якравӣ

дорад. Азбаски ӯ харобу лоғару рангпарида аст, очаам баъзан аз ман пинҳонӣ ба вай саршир медиҳад. Гурбаи шум барин чанд бор аз хонаи дарун саршир хӯрда, лабонашро лесида баромаданашро дидам. Бо вуҷуди ин, думчаи мурӯд барин гардани борикаш, каллаи ошкаду барин калонашро базӯр дошта истодааст. Амакам мегӯянд, ки биниашро кашӣ, ҷонаш мебарояд. Қувваташ нест, пуф кунед, меғалтад.

Рӯзе ману Салим ба кӯҳ барои ҳезум рафтем. Аз хонаи мо кӯҳ дур не, агар пиёда, бебор равед, яксоата роҳ аст. Сагчаамон Алопар ҳам афтону хезон аз қафоямон рафт. Сагча ҳанӯз хурд буд — думоҳа ё семоҳа. Вақти таваллуди онро намедонем, чунки мо онро аз лойхандақи қафои идораи колхоз ёфтем. Чунон ба лой ҷӯлидагӣ буд, ки чӣ махлуқ будани онро дониста намешуд. Ҳамсояамон Гулсумхола онро "бачаи шағол барин" гуфтанду очаам ҳам ба фикри он кас шарик гаштанд:

— Аз кадом гӯр ёфтӣ, гӯрков? Охир ин шағол...

— Ман не, Салим ёфт, сонӣ ман даромада гирифтам, — аз эҳтиёт ба ин гуноҳ шарик будани додарамро гӯшзад кардам. Кӣ медонад, кор оқибат чӣ ранг мегирад? Баногоҳ ягон гап хезад, гуноҳро тақсим кардан хуб аст. Аълохонӣ ва нимҷонии Салимро дар назар дошта, ҷазоро сабуктар мекунанд ва ё тамоман мебахшанд.

— Агар ин бачаи шағол бошад, шаб очааш кофта мебиёду якта ҳам мурғ намемонад, — тарсонданд очаам. Баъд ба ҷонвари дир-дир ларзида истодагӣ раҳмашон омад магар, гуфтанд: — Ба пеши бобот бар, ку бинанд, чӣ махлуқ аст. Холаи Гулсум бачаи шағол гуфтанд, гӯй.

Ман он ҷонварро бардошта, ба тарафи ҳавлии бобоям давидам. Салим аз қафоям метохт. Ҳавлии бобоям дур не, дар

он дасти сой, пеши замини рӯйидаричаамон.

Бобоям дар офтобрӯ ҷули харашонро дӯхта менишастанд. Он кас ҷонвари ёфтагиамонро пасу пеш гардонда диданду гуфтанд:

— Кучукбача-ку.

— Ура, кучукбача! — Ман онро гирифта сӯйи ҳавлиамон тохтам.

Салим бо фиғону ҳаёҳу аз қафо омад, ки сагча азони вай аст, чунки онро вай ёфт. Мо аз ин хусус зуд ба сари муросо омадем: сагча аз ҳардуямон. Медонистем, ки аздусар онро ду ҳис карда намешавад ва ягонтаамон аз он даст намекашем. Ҷое, ки ба ғайр аз муросо дигар чора нест, талош бефоида буданашро мо нағз медонистем.

Сагбачаро дарҳол шуста пок-покиза кардем. Ало будаст, Алопар ном додем. Ҷонвар аз гушнагӣ қариб ба мурдан расидаст. Мо аз лойдон гирифта ҷойи он, ки хӯрокаш диҳем, ба муқаррар кардани зоту зурриёти он машғул будем. Бечора чунон ба ширу нон дарафтод, ки...

Баъд барои Алопар дар ҳавлӣ аз сангу лой хонача сохта, ба тагаш пахоли мулоим андохтему аз болои пахол як порча пӯстаккӯҳна партофтем.

Ману Салим ба куҷо равем, чӣ кор кунем, Алопар ҳамроҳ буд. Афтону хезон мерафт, агар бишинем, мешишт, тозем, метохт, баъзан аз ягон чиз хурсанд, баъзан аз рӯбарӯшавӣ бо ягон ҳайвон дар тарсу ҳарос. Ҳамроҳи мо Алопар ҳам камкам калон мешуд.

Як моҳ нагузашта вай одамони атрофамонро аз бегонагон фарқ мекард. Агар аз ҳамсояҳо касе ё хешу табори наздик ба ҳавлӣ дароянд, як-ду бор аккос зада, моро хабардор мекарду бас. Не, агар ягон одами бегона ё ба вай ношинос да-

рояд, то аз хона баромада “хап шав” нагӯем, ором намешуд. Алопар ҳатто молҳои моро аз моли бегона фарқ мекард. Ҳар бегоҳӣ чун рама омад, модагов ва чор бузи мо ҷудо шуда ба ҳавлӣ медаромаду моли сиёҳ ба сари мехаш, моли реза ба кӯтанча мерафт. Агар ягонта мол қоидаро вайрон карда, ба тарафи дархона ва гӯшаи ниҳолу гулзор гузаштанӣ шавад, Алопар валвала сар мекард. Махсусан, агар ба ҳавлӣ моли бегонае дарояд, то онро аз дарвоза берун наронад, Алопар ором намегашт. Аккосзанон, баъзан тарсону ҳаросон аз қафои он мол метохт, таҳдид мекард, зорӣ менамуд, то ки зудтар аз ҳавлӣ барояд. Шаби аввали як сар гӯсфанди ҳисорӣ харидаамон саги бечора шаби дароз хоб накард, хавотир буд. Гумонаш, ин моли бегона моро фиреб дода ба ҳавлӣ даромадасту қасде дорад, нимишаб ё вақти саҳар, ҳангоми хоби ғафлати мо ягон нобакорие карданист.

Алопар ба очаам бағоят маъқул афтода буд. Хусусан, баъди як воқеа ғамхории он кас ба сагча афзуд, ҷонвараки дастнигарро назарашон гирифт ва ҳароина ҷонибдорӣ мекарданд. Воқеа ин тавр рух зад: он солҳо дар деҳаи мо на электр буду на яхдон. Мо ҳатто номи яхдонро нашунида будем. Не, хато кардам, бибиам ҳикоя карда буданд, ки пеш аз инқилоб ва колхозӣ дар деҳа баъзе давлатмандон ва ҳалвопазон таҳхонаи чуқури зеризаминӣ кофта, зимистон дар он барфро ғун мекардаанду аз болояш хок мепошидаанд. Он барф дар тобистон кам-кам об шавад ҳам, тамом намегаштаст. Таҳхонаи барфдор вазифаи яхдонро иҷро мекардаст. Ба ғайр аз ин, дар саратон аз барфи он яхобу яхмос, ҳалвою нишаста месохтаанд... Сари суханам чӣ буд?.. Ҳа, дар деҳаи мо он солҳо на яхдон буду на электр. Дӯкони гӯштфурӯшӣ ҳам набуд. Одати мардуми мо чунин аст: ҳар хонавода ягон буз ё гӯсфандашро

кушта, гӯшти онро хушк карда мегираду муддатҳо воситаи дегҷӯшӣ месозад. Очаам барои дам наоварда хушк шудани гӯшт онро намак зада, шабҳо шаддавор ба чӯб мегузаронданду дар шамолгаҳ меовехтанд... Шабе аз шамоли сахт як лахти калони гӯшт канда гашта ба замин афтодаст. Алопар то саҳар дар сари он пораи гӯшти ба замин афтода посбонӣ карда, гурбаҳоро раҳ надодаст. Саҳар очаам аз хоб хезанд, Алопар дар назди гӯшти афтодагӣ фукаш ба рӯйи ду пояш, аз гӯшт чашм наканда менишастаст. Очаамро дида, ба назди он кас тохтаст, баъд ғишингос зада боз ба сари гӯшт рафта воқеаро фаҳмондаст. Аз таҷрибаи солҳои дароз мо медонистем, ки агар Алопар набошад, аз гӯшти ба замин афтодагӣ ному нишон намемонд. Ҳатто баъзе гурбаҳои ганда ҷаҳида гӯштро аз тор гирифта мебурданд.

Алопар саги боақл буд, аммо ман беақлӣ карда онро аз даст додам. Аслан, аз даст доданам беақлӣ не, баръакс, пионер бояд ки айнан ҳамин хел амал кунад, мегӯянд муаллимон. Хайр, рости гап, андаке аз ман ҳам гузашт... Барои ин то ҳол виҷдонам маро гоҳу бегоҳ дар шиканҷа гирифта, азоб медиҳад. Ман дигар саг напарвардам. Сагу сагбача гӯянд, Алопар ба ёдам мерасаду дар як дам вуҷудам таб мебарорад.

Ҳамон рӯз ману Салим арғамчину табарча гирифтему ба кӯҳ ҳезумкунӣ рафтем. Алопар ҳам ҳамроҳ буд. Мо ду пуштора ҳезуми хушкро баста, акнун ба роҳ медаромадем, ки аз пушти ёлаи кӯҳ рамаи колхоз баромаду ду саги хирс барин барзангӣ аккосзанон ба сӯйи мо тохтанд. Аз тарс саросема ҳар ду ҳам ба як дарахти арча баромадаем. Бечора Алопар дар бехи дарахт тарсону ларзон, беҷуръатона ак-ак карда, он ду балоро пешвоз гирифт. Мо бо доду фарёд чӯпонро ба ёрӣ

чеғ задем.

Сагҳои рама бо фукҳои ғафсу ваҳмангези худ Алопарро бӯй-бӯй карда диданду аз афти кор, боварӣ пайдо карданд, ки ин ҷонварак аз авлоди гург ё шағол не, бо он шӯхию бозӣ оғоз намуданд. Аз ҳаракатҳояш маълум буд, ки Алопари шӯр чандон рағбати бозӣ надошт ва аз ҳазлу шӯхиҳои онҳо метарсид, илоҷе ёфта канортар гурехтан мехост, аммо он ду хирси барзангӣ ду-се ҳаллос зада, сари роҳи вайро мегирифтанд.

Хайрият, чӯпон расида омаду сагҳоро аз сари мо дур андохт. Ману Салим аз дарахт фуромадем.

— Ягон дуогӯятон аз таҳти дил дуо мекардаст... Ба шарофати дуо... ин арча будаст, — изҳори мамнунӣ кард чӯпони якдаста.

Бинии ин марди навчаи сурхрӯ айнан ба мисли минқори уқоб хамидагӣ буд.

— Набошад, исқотҳо нагазанд ҳам, сахт метарсонданд.

— Барои чӣ нагазанд, мегазанд, — гуфт Салим, ки ашки чашмаш ҳанӯз хушк нашуда буд. Ман акнун пай бурдам, ки ҳангоми ҳамлаи сагон вай фарёд зада гириста будаст.

— Бачара намегазад. Агар худат кордор шавӣ, гапи дигар ё ба мол расӣ... — чашми чӯпон ба Алопар афтоду онро баҳ-баҳ гуфта доштанӣ шуд, аммо сагбача нияти ӯро пай бурду дур гурехт.

— Ҷеғ зан, сагата як бинам, — хоҳиш кард вай. Баъд гуфт: — Зотӣ барин.

Ман Алопарро доштам. Вай дандонҳояшро гиз карда, таҳдидкорона ар-ар мекарду чӯпонро наздик омадан намемонд. Аммо даҳмарда ба вай эътиное накарда чанг заду аз ёли Алопар бардошт. Сагча ғишингос заду бо ғазаб ба чӯпон дарафтод ва аз чанги ӯ раҳоӣ ёфта он сӯтар гурехт. Баъд

ҳимоятчӯёна ба назди Салим рафту кинахоҳона ба тарафи чӯпон ак-ак задан гирифт.

— Сагбачаро ба мо те, пеши сагои мо калон шавад, — гуфт чӯпон ба ман хитобан бо як оҳанги омирона.

— Худамон ҳам калон мекунем, — гуфтам ман бепарво ва ба содадилии чӯпон дар дилам хандидам.

— Ҳайф мекунӣ. Саг — саги рама. Миёни мардум вайрон мешавад. Ма, — вай як панҷоҳсӯмии сабзро аз кисабағалаш бароварда ба ман дароз кард.

— Не-е, даркор не, — гуфтам ман хиҷолат кашида. Ба ман чунин намуд, ки панҷоҳсӯмиро дида, чашмам сиёҳӣ зад. Ташвишомез ба рӯйи Салим нигаристам. Вай гаранг барин ба даҳони воз ба чӯпон менигарист.

— Гир. Ту боз дигараша меёбӣ. Дар қишлоқ чӣ пур, сагбача пур. Ина ба рамаи колхоз те. Ту пионер-ку!.. Шарм намедорӣ?

— Не, ман ба шумо дигараша оварда медиҳам, — бе қатъият сухан гуфтанамро худам ҳам ҳис кардам. Ба панҷоҳсӯма дилам кашол буд, ҳатто метарсидам, ки чӯпон мабодо аз нияташ гашта, онро ба кисааш андозад.

— Ана, ма, гир... Инаш барои додарат, — чӯпон ин дафъа аз ҷайбаш як сисӯмии сурхи шарақкосиро бароварда ҳамроҳи он панҷоҳсӯмӣ ба кисаи ман андохт. Дигар эътироз баён накардам. — Бихез, ту дор, ман баста мегирам. Пионер бояд ки ғамхори моли давлат бошад...

Ман Алопарро доштам. Чӯпон чолокона бо чилбур онро басту ба фукаш ҳалқа гузаронд. Сипас, ба тапар-тапару ғишинг-ғишинги сагбача эътиборе надода бардошта бурд.

Сагча чунон вовайло бардошт, чунон чингос зада аз мо мадад мехост, ки ман тоб оварда натавониста, рӯямро

гардондаму хостам гӯшамро ба карӣ занам, аммо муяссар намегашт. Зории Алопар аз дуродур ҳам ба гӯшам мерасид.

Фарёди имдодхоҳонаи он аз миён солҳо гузашта бошад ҳам, то ҳол дар гӯши ман садо медиҳад ва диламро мефишорад.

Ман он рӯз аз ин муомила хурсанд будам. Ҳазл не, ҳаштод сӯм-а! Албатта, пули он солҳо беқурб буд, аммо дадаам рӯзҳои ид ҳам идипулӣ гӯён ба мо ин хел пули калон надодаанд.

Ба роҳ афтодему дарҳол бо Салим пулро тақсим кардем. Ба вай — сисӯмии сурх, ба ман — панҷоҳсӯми сабз, рангаш қурбоққаи нақшин барин. Мо ба ин пулҳо чиҳо хариданамонро ҳам маслиҳат кардем.

— Аттор ояд, ман чангаки моҳидорӣ мехарам. Боз аз шофёрҳо якта гупсари резинӣ мехарам. Сонӣ, дам мекунаму ба оби сой партофта, ба болояш савор то худи ҳавзи Ҷонварсӯз меравам, — гуфтам ман.

— Не, ман ба ин пул қалами ранга мехарам. Сонӣ, чунон суратҳое кашам, ки даҳоната кушода монӣ! — нияташро изҳор кард Салим.

Вай сисӯмии сурх дар даст, гоҳ онро аз чашмаш дур, гоҳе наздик оварда менигарист, баъд ба монанди байрақ ба сараш баланд мебардошт.

— Ман савори гупсари резинӣ ба осиё ҳам меравам, ба ҳезум ҳам.

— Ҳой каллагаранг, чӣ хел аз поён ба боло меравӣ? Оби сой ба поён мебараду сонӣ аз обпар чунон гирифта мезанад, ки хари бобом барин парча-парча мешавӣ!..

Ба пули Алопар чиҳо хариданамонро раҳорах расо муҳокима кардем, аммо ин гуфтугузор ҳеҷ ба диламон намезад.

Ҳамин ки ба ҳавлӣ наздик расидем, диламонро як хавфи номаълум оҳиста-оҳиста туман барин зер кардан гирифт. Аз ваҷҳи Алопар як тарафи диламон торик буд.

— Алопара ба чӯпон доданата агар дадаам фаҳманд, тура мекушанд! — Оқибат Салим худдорӣ карда натавонисту буғзи дилашро кушод.

— Барои чӣ? Мо барои рамаи колхоз додем! Чӯпон гуфт-ку агар дар рама калон шавад, саги ҳақиқӣ мешавад... Мумкин Алопари мо ягон вақт рамаро аз ҳамлаи гургон халос кунаду сонӣ... сонӣ ном барорад. “Ин саг аз куҷо?” — гуфта пурсанд, номи моро мегӯянд. Сонӣ Раис-бобо мумкин ба мо таърифнома диҳанд. Ба мактаб омада, дар пеши саф... Ин кори ҳазл не. Лекин ҳозир ин сира бояд ба касе нагӯем.

— Ту ба чӯпон гуфтӣ, ки сагча аз ҳардуямон?

— Ҳа... Худат дидӣ, ба ҳар дуямон пул дод-ку!

— Хайр, агар ин хел бошад, барои чӣ пула ба кисаи ту андохт?

— Ҳамту, андохт-дия. Сонӣ, ҳар ду тақсим мекунанд гуфта...

Аз он ки Алопар рамаи колхозро посбонӣ мекунад, Салим ҳам ба ваҷд омад. Вай чунон ба ин гап часпида гирифт, ки тайёр буд ҳозир рафта аз дадаам барои ин корамон шодиёна гирад.

— Лекин ҳушёр шав, мабодо аз даҳонат барояд... Дадаам ин гапҳоро нағз намебинанд. Ҳозир дар ин хусус гап намезанем. Агар пурсанд, мегӯем, ки аз паси мо ба кӯҳ рафт, сонӣ чӯпон дошта гирифту ина барои рама диҳед, гуфт, додем, мегӯем. Пул гирифтем нагӯй, ҷанг мекунанд. Агар надиҳед, шуморо аз пионерӣ мебароранд гуфт, мегӯем.

Салим розӣ шуд.


*facebook.com/bahrom.firuz.tj/*

Аз ваҷҳи пул табъам ночоғ буд. Пушаймон будам, ки чаро пули чӯпонро гирифтам. Хоҳ-нохоҳ, агар рӯзе дадаам фаҳманд, ҷанг мекунанд.

Дар ҳавлӣ аз наомадани Алопар аз ҳама пеш бибии пир хабардор гаштанд. Сонӣ очаам пурсиданд. Мо воқеаро, чунон ки маслиҳат карда будем, гуфтем. Очаам бо қаҳр даст афшон-данду рафтанд. Ман ба рӯйи бибиам нигариста, дараҷаи гуно-ҳамро фаҳмидан хостам, аммо фикри он касро ҳаргиз донистa намешавад: ягон оҷинги рӯяшон намеҷунбад.

Ман андаке хотирҷамъ гаштам. Баъзан калонсолонро фаҳмида намешавад: барои арзан барин гуноҳатон замину осмонро ба ҳам мезананду аз гуноҳи калон чашм мепӯшанд. Шояд, аҷаб не, дадаам аз ин кори мо хурсанд бошанд?.. Ё мумкин қаҳрашон омадагисту лекин ба хотири Раис-бобо моро ҷанг накардагистанд? Раис-бобо агар фаҳманд, ки барои сагча моро ҷанг кардаанд, мегӯянд-дия: "Барои моли колхоз як кучукчаатро дареғ доштӣ?! Одамон дар ҷанг ҷон доданд, хун рехтанд..."

Аз байн як моҳ гузашт. Дили ман тамом таскин ёфт. Аммо ногоҳ Салим корро расво кард.

Ҳамон рӯз ман таътилот гирифтам ба осиёб як ҷувол ҷу-ворӣ бурда, орд карда биёрам. Ба Салим фармуданд, ки барои молҳо аз лаби сойҳо алаф даравида орад. Дадаам саҳарӣ супориш доданду ба кор рафтанд. Бобояму очаам ҷуволи ҷувориро ба хар бор карда доданд. Ман ба болои бор савора ба роҳ афтодам. Салим бошад "ман ҳам ба осиёб меравам" гуфта хархаша кард. Очаам розӣ нашуданд. Салим ғишингос зада аз паси хар равон гашт. Сонӣ аз думи ҳайвон сахт дошта кашида истоду нагузошт, ки хар раҳ гардад. "Сар те" гӯям, сар надод. Дар дастам химчаи тар буд, дарозу борик, саҳл ба

сараш расондам ё не, вай аз алам мушт барин санга аз замин бардошту ба сари ман зад. Хун чашма барин ҷорӣ шуд. Очаам тохта омада маро аз хар фуровардanду ба хона бурда хобонданд, ба ҷароҳат зуд намад сӯхта зер карданд.

Салим ба ким-куҷое гурехта рафту бо ҳамин то ба шом гум шуд.

Дадаам аз кор омаданду воқеаро фаҳмида, пеш аз он ки ба сари полез раванд, ба боми зинхона баромада Салимро ҷеғ заданд:

— Салим!.. Ҳой, Салим!.. Салим!..

Дар ин хел мавридҳо овози дадаам монанди раъд гулдуррос мезад ва аз тарафи сой акси садо медод. Фурсате нагузашта Салим пайдо шуд.

— Ҳозир ҷазоята мебинӣ! — гуфтам ҳамчун мазлуми адолатхоҳ бо андаке овози озурда. Вай аз замин чашм набардошта омаду дар рӯ ба рӯйи дадаам гунаҳкорона истод. Дадаам хомӯш ба сар то пойи вай нигариста, барои бетамизиаш ҷавоб талаб доштанд. Аммо Салим гардани дарозаша ба дарун кашида хомӯш буд. Ҷазои ҳасадхӯр ва нобинам ана ҳамин гуён, дар дил шодӣ кардам.

— Ҳа, гап зан! — дадаам суханашонро аз зиҳи дандон бароварда, бо ғазаб ба тарафи вай як қадам монданд.

Дадаам моро назананд ҳам, чунин ваҷоҳаташон басанда буд, ки дигар он номаъқулиро такрор накунем.

— Вай... вай Алопара... а-а, ба чӯпон фурӯхт, пулаша гирифта... — ногаҳон канда-канда эълон кард Салим.

Нафаси ман ба дарун заду на ба рӯйи дадаам нигаристам, на ба тарафи Салими хоин.

— А-а? Чӣ? — дубора пурсиданд дадаам.

— Чӯпон аввал панҷоҳ сӯм дод... сонӣ... сонӣ боз... сӣ

сӯм...

Салим суханашро ба поён нарасонда “ҳаққашро” бигирифт. Аз падар як торсакии обдор хӯрданашро ба гумонам худаш ҳам нафаҳмида монд.

— Нокас!.. Дар зоти мо иғвогар набуд, ту аз куҷо ин “ҳунарро” ёд гирифтӣ?!

Салим бо фиғон аз ҳавлӣ берун рафт.

— Чӯпон... чӯпон... гуфт, ки... ту чи хел пионерӣ... ин сагча а-а.... барои рамаи колхоз...

Ман худро сафед кардан хостам, вале падар гӯш кардан нахостанд.

— Ноҷинс!.. Гум шав, афтата набинам!.. Агар дӯстатро фурӯхта бошӣ, ягон рӯз модаратро ҳам мефурӯшӣ!..

Падар ба рӯйи ман чунон бо қаҳру нафрат нигаристанд, ки агар ин лаҳза замини зери поям кафад, рост худро ба роғи он меандохтам. Ҳурмати нон, қасам ба ҷони ҷавонам, агар як не, даҳ торсакӣ зананд, аз ин хел нигаристанашон сад раҳ авлотар буд. Чунин нигоҳи падарро ман дигар ҳаргиз надидам. То ба ҳол, агар нигоҳи ҳамонрӯзинаи он касро ба хотир оварам, баданам виҷиррос мезанад.

Баъд аз ин воқеа ман як ҳақиқати оддиро дарк кардам: табаҳкориро бо нияти нек пардапӯш кардан кори беҳуда будаст. Аз ин мебарояд, онҳое, ки мулкеро хароб карда, мо онро наҷот додем, мегӯянд, як рӯз не, як рӯз рӯсияҳӣ мекашанд.

***Соли 1976.***

## БЕРАҲМ

Амаки ман дар кӯҳсор, дар деҳаи кӯҳнаамон иқомат доранд. Ҳама ба водӣ кӯчиданд, аммо он кас бо хонадони худ дар кӯҳсори камзамину ноободмонданд. Дар хонаашон ҳанӯз ҳам чароғи электр нест, роҳи мошингузар ҳам надоранд. Бо вуҷуди ин, мегӯянд, ки водӣ ба ман чӯт намедиҳад. Боре ман сабаби ба он кас чӯт надодани водиро пурсидаму амакам буруташонро молида-молида гуфтанд:

— Аз бозе ки ақлама шинохтам, ман — галабон... Дар водӣ чӣ кор мекунам? Одамизод обу нон катӣ зинда не, додарам, кор катӣ, касбу амалаш катӣ зинда аст.

— Дар водӣ ҳам асп ҳаст, гала ҳаст. Марғзори дарёбодаш аз гирди алафзори Фазилмон намемонад.

— Э-э, чор аспи яғири боркаш катӣ гала мешавад?! — тамасхур карданд амакам. Сонӣ пайрави гуфтаҳояшон шарҳ доданд: — Аввало ҳавои водӣ гарм аст, ба асп созгор не. Сониян, ҷое, ки пахтакорӣ мекунанд, ба гала ва дигар соҳа кам эътибор медиҳанд.

— Асри мо асри мошин аст, амак, даври кибернетика! — таъкид кардам ман. — Асп хоҳу нохоҳ аз даҳон монд.

— Ҳолӣ барои дар кӯҳистон гаштан мошин набароварданд, киштукори кӯҳпоя бе барзагову асп намешавад. Худат мегӯӣ, наваду се фоизи республикаи мо кӯҳсор аст...

Чунон ки муаллими адабиётамон, агар доири китобҳои ягон нависанда ҳикоя кунад, рағбати касро афзун месозаду рӯзи дигар ҳама аз паи китоб ба китобхона метозанд, амакам ҳам агар аз аспу гала ҳикоя кунанд, дар дили ман майли аспparварӣ пайдо мешавад.

Ба дурустӣ агар гӯям, ҳикояю саргузаштҳои амакам са-



баб шуду ман таътилро дар ин кӯҳсори камодам мегузаронам.

Аммо қаблан бояд иқрор кунам, ки ман бо гургу гургбачаҳо саргарм шудаму гала фаромӯшам гашт. Воқеа ин тавр рух зад: ба кӯҳсор омадаму рӯзи дигар ҳамроҳи амакам

галаро хабаргирӣ рафтам.

— Як байталамон ҳаст, номаш Дулдул, пистон фуровардагӣ буд. Агар зоида бошад, бучулат хест — қимизхӯрӣ мекунӣ, — гуфтанд амакам ба дасти ман лаҷоми аспи самандеро дода.

— Барои чӣ номаш Дулдул? Дулдул чӣ маънӣ дорад? — Ин номро аз ин пеш шунида бошам ҳам, аз рӯи тақозои табиатам саволборон кардам. Медонам, ки одати маро калонсолон ҳеҷ хуш намекунанд, "вазнин бош, вақту соаташ расад, худат мефаҳмӣ" гӯён борҳо маломат карда бошанд ҳам, тарки одат маҳол будаст.

— Маъниаша кӣ медонад... — зери лаб ғурунгос заданд амакам. Ингуна кунҷковӣ ба он кас ҳам хуш наомаданаш маълум буд. Аммо лаҳзае дигар гузашту гуфтанд: — Дар ривоят гуфтаанд, ки аспи домоди Муҳаммад-пайғамбарамон Алӣ Дулдул ном доштаст...

Ба рикоби асп поям нарасиду ба ҳалқаи тасмаи рикоб поямро гузарондам ва лаҷомро ба дасти чап гирифта, тозиёнаро дар ҳаво чавлон додам. Асп якбора чароғпоя шуд, баъд лаҷомро суст кардаму бо реза чорпо ба роҳ даромад.

— Ба майлаш мон, — таъкид карданд амакам. Оҳанги суханашон аз он далолат мекард, ки аз ин кори ман норозианд. Баъд ба рикоби аспи ман нигариста гуфтанд: — Поятро аз рикоб барор.

— Барои чӣ? — Ҳайрон шудам ман.

— Нағз не.

Амакам гӯё бо ҳамин як сухан саволи маро ҷавоби қаноатбахш дода бошанд, хомӯш, чашм ба манзараҳои атроф дар роҳ давом карданду ман баъди лаҳзае саволамро такрор пурсидам.

— Бача пояшро ба рикоб намегузаронад, нағз не мегӯянд, — гуфтанду боз хомӯш гаштанд...

Ҳамин ҳам ҷавоб шуд?! Нағз набудааст!.. Сабаби нағз набуданаш ҳаст ё не? Агар надонанд, чаро намедонам намегӯянд, ман ҳайронам. Суқрот бо ҳамон қадар донишмандиаш гуфта будааст, ки ман ҳамин қадарашро медонам, ки ҳеҷ чизро намедонам. Аммо ин кас, фақат ин кас ҳам не, додом ҳам, муаллимон, директор — ҳама аз намедонам гуфтан чунон метарсанд, ки...

— Барои чӣ "нағз не"? Сабабашро намедонед? — Ба ночор ман боз савол кардам.

Амакам дар тааҷҷуб ба рӯи ман маънидор нигаристанду хомӯш гаштанд. Намедонам дар дил чиҳо мегуфтанд, ман ба рӯяшон нигариста дар чашмонашон асари андешаи амиқ ва завқу шавқ дидаму андаке хотирҷамъ гаштам.

— Раҳматӣ бобот, ту он касро намедонӣ, агар аз пеши гӯристон гузаранд, ҳатман пояшонро аз рикоб мебароварданд. Сабабашро пурсида будам, гуфта буданд: "Дар пеши ин қадар азизон пой дар рикоб будан аломати ғурур ва калонгирӣ аст". Солҳои ҷавонию миёнсолӣ дар назди гӯристон аз асп фуромада, пиёда мегузаштанд. Ҳурмати гузаштагон-дия... Ҳозир поятро аз рикоб барор гуфтанам, маънии дигар дорад: агар асп туро партояду поят дар рикоб набошад, ба замин меафтӣ, замин мебардорад. Хайр даст-пастат шиканад ҳам дарди бахайр аст. Агар поят дар рикоб бошаду аз асп биафтӣ, асп мегурезад, ту кашола мешавӣ.

Мағзи гуфтаҳоро андешида хеле муддат хомӯш будам.

Гала дар марғзори баланкӯҳ, дар атрофи кӯли шаффофи Фазилмон мечарид. Мо Дулдулро аз гала дар канор дар пояи зов ёфтем. Байтал моро дида шеҳа кашиду пештар омада бо

аспҳои мо бӯй-бӯй карда, ба расми аспӣ ҳолҷӯӣ намуд. Амакам байталро диданду “сабилмонда бачаатро чӣ кардӣ?!” гӯён саросема худро аз зин ба замин партофтанд. Сонӣ манро дар он мавзеъ мондан, саҳеҳтараш амакам маро фаромӯш карданду пиёда миёни шаху зовҳо нопадид гаштанд. Ман аз ин вазъи парешони он кас рамуз гирифтам, ки нохушие рӯй додааст.

Баъди соате амакам дамоғошуфта баргаштанд.

— Ба гумонам бачаашро гург хӯрдааст... Ту чарх зада гард, ман тахи ҳамин зова як раҳ нигарам.

Амакам аз шах ба шах ҷаҳида дар як зум миёни харсангҳо нопадид гаштанд.

Марғзори баландкӯҳ дар он ҷо доман барчида, теғаҳои махуфу ваҳмангез ибтидо меёфтанд. Дар теғаҳои аз ҳама боло монанди абрӯи Золи Зар[1] ҳошияи барфӣ чашмро мебарад. На садое, на дудеву ғуборе. Ба дилам гузашт, ки дар аввал, пеш аз он, ин ҷамъияти инсонҳо ба вуҷуд ояд, табиат дар ҳама рӯи замин ба ҳамин сурат будагист. Агар барои таҷриба имрӯз ҳам ягон гӯшаи сайёраро аз мудохилаи одамон эмин месохтанд, балки ба ҳамин сурат мебуд...

Ман аз дилтангӣ акнун худ ба худ ба маломати амакам оғоз карда будам, ки он кас аз паси харсангҳо берун омаданду хомӯш савора шуданд ва “рафтем” гӯён ба шиками асп бо пошнаи мӯзаашон нихта карда, раҳакӣ гаштанд.

Азбаски аз ин сафар ҳеҷ қаноатманд набудам, ман аламнок ва ситезахӯй мерафтам, мехостам ба амакам ягон сухани нешдор ё густохона гуфта, буғзи диламро барорам.

— Фардо боз меоем, — гуфтанд амакам баъди хеле роҳро гузаштан ғолибан авзои маро пай бурда. — Хонаи гургро

[1] Золи Зар – падари Рустам, ки аз тасвири “Шоҳнома” сафедмӯй будааст.

ёфтам... Панҷ бачааш кати... Сагбачаҳои якмоҳа барин... Нав чашмашон кушода гаштагӣ.

— Барои чӣ ба ман нагуфтед?... Як бор медидам, намехӯрдам-ку... — гуфтам ман озурдахотир аз ин гуна рафтори амакам.

— Туфанг надорем. Агар гург хабар ёбад, аз ҳеҷ бало намегардад. Фардо камон мегирему ду-се кас меоем.

— Ман ҳам меоям?

— Бешак.

Баъди хӯроки шом амакам ҳамсояҳояшон — Ёрӣ ва Зориро даъват карда маслиҳат андохтанд. Ин ду додару бародар моли резаи колхозро бонӣ мекарданд.

Дар назари ман чунин намуд, ки чӯпонон азбаски дар ёбонҳо ҳамсӯҳбате надоранду хеле кам сухан мегӯянд, қадри суханро аз ҳар инсоне бештар медонанд. Онҳо ҳар чи мегуфтанд, ҳама бамаънӣ, даркорӣ ва мухтасар буд. Аз ваҷҳи гургбачаҳо ақидаи онҳо ба якдигар мухолиф омад:

— Нест кардан даркор, вассалом, — мегуфт якзайл бародари калонӣ Зорӣ, ки биниаш ба мисли минқори уқоб хам задагӣ буду чашмонаш, балки на фақат чашмонаш, тамоми ваҷоҳаташ ба уқоб монандие дошт.

— Не, куштан даркор не. Муфаттишу комиссияҳои аз марказ омадагӣ надонанд ҳам, ману шумо медонем, ки солҳои охир гурги бечора ҳаргиз ба рама наздик намешавад. Тухми ҳамин ҷонвара нест кардан ба кӣ даркор аст?! — гуфт узромез Ёрӣ.

— Охир ҳар сол ҳисобот медиҳед, ки... — тамасхуромез сухан оғоз карданд амакам.

— Ун гусфандора гургони дупо мехӯранд, — гуфт Ёрӣ

пайрави суханаш.

— Пор як барраи касалӣ аз рама қафо мондааст, гург аст ё шағол хӯрдааст. Нишонаҳояшро ёфтам. Мудири ферма тан нагирифт. “Моли колхоза, додар, гург намехӯрад, дониста мон, моли колхоз ҳаром намемурад...” гуфтан додарро тақвият дод Зорӣ.

— Бачаи байталатонро гург нахӯрдааст, — қатъӣ ҳукм кард Ёрӣ. — Гург дар он мавзее, ки хона дорад, ҳаргиз сайд намекунад. Сониян, бачаи байталро ҳаргиз гирифта наметавонад.

— Чӣ мехӯрад? — бо навбат ба чашми ҳар ду бародар нигаристанд амакам. — Бачааш нест-ку!

— Байтал бачаашро зер карда мекушад... Ё дардманд мезояд ё мурда... — тахминҳои худро гуфт Зорӣ. — Лекин бачаи гурга нест кардан лозим аст.

— Ба ман диҳед, ман калон мекунам, — гуфтам ман. Аз ибтидои сӯҳбат ман фурсат мепоидам, то ин хоҳиши худро бигӯям. — Нигоҳубин мекунам, ром мешаванд.

— Бачаи гург ром намешавад. Магар ки чашмаш кушода нагашта бигирӣ. Инро Ёрӣ гуфт.

— Ба ҳар ҳол аввал қапқон монда гургро гирифтан лозим. Ё парронед. — Ҳамчун сарчӯпон дар ақидаи худ қатъият зоҳир мекард Зорӣ.

— Э, монед, — гуфт Ёрӣ, ба як навъ оҳанги номуайян. — Бачаи ҷонвара куштан убол аст.

— Ёрӣ дуруст мегӯяд, бачаашро меорем, ана, додарчаамон машғул мешавад. Агар ром гардад, балки саги нағз мешавад.



Аз ин илтифоти амакам, ки хоҳиши маро инобат карданд, ман бениҳоят хушнуд будам. Ёрию Зорӣ, ҳар яке аз рӯи ақидаи худ, ба ин кӯшиши ман муқобил буданд, аммо амакам хоҳиши худро гузаронданд.

— Агар гургро гирифтан натавонем ҳам, ҳеҷ гап не, ба гала зарар расонда наметавонад. Бачаҳояшро ба деҳа овар-данамонро пай намебарад, масофа хеле дур аст. Аз кӯли Фазилмон дар масофаи ду-се фарсанг раҳ як деҳаи мо нест.

* * *

Субҳи рӯзи дигар мо — се тан ба се асп савор ҷониби кӯли Фазилмон роҳ гирифтем. Амакам камони думилаашон-ро ба китф овехта дар зин чунон озод ва бошукӯҳ менишас-танд, ки ман бо ҳавас гаштаю баргашта ба он кас менигарис-там. Аспи нағз ва туфанг ба мард чи салобате мебахшад!.. Аммо амакам тимсоли ҳавасангези худро, шояд, сирф пай намебурдандy бо Ёрӣ аз ваҷҳи майда-чуйдаҳои зиндагиашон сӯҳбат доштанд. Ақидаи ман ин буд, ки инсон бояд дар ин сурату ваҷоҳат фақат аз диловарию шуҷоатмандиҳо сухан гӯяд, на аз танқисии читу калӯш ё чойнику пиёла.

Мо аз он ҷое, ки дирӯз қарор карда будем, дусад қадам барин гузашта, дар зов таваққуф намудем.

— Амак, ман ҳам меравам, хонаи гургро бинам... — пештар аз он ки фармони интизорӣ бигарам, хоҳиши худро гуфтам.

— Хайр... Ин тавр бошад, аспҳоро ишкел кардан лозим.

Ёрию амакам зуд ду пои пеши аспҳоро ба арғамчини дар нӯги лаҷомаш бастагӣ ишкел карданд, ки ҷонварон акнун ба сахтӣ ҷаҳида-ҷаҳида ҳаракат мекарданду дур рафта намета-

вонистанд.

Хонаи гург дуртар аз ин ҷо, дар камари ғормонанди зови баланде воқеъ будаст. Мо дуртар аз хонаи дарранда, дар паси харсанге камин гирифтему хеле вақт атрофро мушоҳида кардем. Ёрӣ дурбинашро ба чашм монду кӯҳу пуштаҳоро палмосида дида гуфт:

— Пашша пар намезанад.

Сипас амакам гӯё галаро меронданӣ бошанд, ҳай-ҳай зада фарёд кашиданд.Боз хомӯшӣ. Фақат акси садои он кас дар кӯҳу дара ғулғула афканду гузашт. Боз ҳаёҳу карданд.

— Гург нест. — гуфтанд амакам.

Ёрӣ ҳам аз чашмаш дурбинро гирифта ин суханро такрор кард.

Мо ба сӯи хонаи гург ҳаракат кардем. Ёрӣ камон дар даст посбон монду ману амакам ҷуволу қапқонҳоро гирифта ба камари зов даромадем. Дар пешгоҳи тираи камар панҷ гургбача ғишинг-ғишинг садо мебароварданд. Гургбачаҳо моро дар рӯ ба рӯ дида, ба чор сӯ гурезон шуданд.

— Даҳони ҷуволро дор.

Амакам чортои гургбачаҳоро аз пушти гарданашон гирифта ба ҷувол андохтанд, ду даҳони онро бастанд, сонӣ дар таҳдари хонаи гург се қапқонро пай дар пай хаспӯш карда дар замин ниҳоданд. Занҷири қапқонҳоро ба роғи харсангҳо сахт андармон карданд, ҷое, ки имкон буд, мехи оҳанинашро ба замин кӯфтанд.

* * *

Он рӯз гузашт, шабаш ҳам дар деҳаи камодам сукунат барқарор буд. Рӯзи дигар ман амакамро ташвиқ кардам то қапқонро хабаргирӣ биравем, вале он кас чӣ чизеро сабаб

оварданду гуфтанд, ки рӯзи дигар меравем.

Шаби дуюм торикӣ фуромада-нафуромада мол ҳам, сагон ҳам безобита буданд. Сагон гоҳ ба боми пасти оғилҳо баромада аккос мезаданду гоҳ пешу қафоии молхонаҳоро гирдогирд давида беқарор нула мекашиданд. Модаговҳо бесабаб баос мезаданд, ҳатто аз ҳамешагӣ он шаб камтар шир доданд. Моли реза тӯда гашта гӯшҳояшро сих карда дар кунҷи бехавфтари қӯтан пойкӯбӣ мекарду бинниафшонӣ дошт.

Чӯпонҳо сараввал ба ин нишони безобитагии мол эътибор накарданд. Ҳеҷ гумон надоштанд, ки гург дар атрофи манзили онон мегардад. Сонӣ тамоми шаб сагон валвала карданду молҳо рамида имкони осуда хобидан надоданду онҳо фаҳмиданд, ки гап чисту кор чист.

Саҳари солеҳон Зорӣ амакамро бедор карду гуфт:

— Илоҳи барака ёбед акаҷон, гургбачаҳоро аз он ҷо гирифта бошед, ба ҳамон ҷо бурда монед, ки модаргург катӣ шӯхӣ карда намешавад. Ман аз як чӯпон шунида будам, ки ин исқот аз ҳеҷ бало намегардад.

— Ку, имрӯз рафта қапқона хабар гирам, — гуфтанд амакам чашмонашонро молида-молида. — Модаргург ба қапқон дармондагист...

— Ҳей, аз болои шутур алаф надараведу як бор нигаред, мол шаби дароз хоб накард. Ягон зарар нарасонда дафъ кунед...

Амакам бегоҳӣ дар ғояти парешонӣ аз чарогоҳ баргаштанд. Гург бо чӣ ҳунаре аз ҳамон тангои зов бачаи ягонаашро гирифта бурдаст. Галаро чаридан намондаст. Як аспи беморро танг карда бурда дар ҷорӣ ғалтонда чок кардаст.

Амакам бо Ёрию Зорӣ хеле маслиҳат карданду сипас бегоҳии говгум Ёрӣ куттиеро, ки гургбачаҳоро дар он

андохта будем, бардошта аз манзил дуртар бурда монда омад. Дар ин миён амакаму Зорӣ ҳамаи сагҳоро занҷирбанд карданд.

— Пеш аз хуфтан раҳо мекунем, — гуфтанд амакам дар ҷавоби пурсиши ман. Мон гург бачаҳояшро бараду моро ором гузорад.

— Ба чӣ усул мебарад? Гургбачаҳо дуруст раҳ рафта наметавонанд-ку? — пурсидам.

— Мебарад. Аз болои се қапқон гузаронида бурд-ку! Ҳамаашро ба як бор газида мебарад исқот...

Сонӣ гӯё худ ба худ иқрор мекарда бошад, гуфтанд:

— Беандеша кор кардам...

***Соли 1977.***

## ҚАСОСИ МОРИ АЙНАКӢ

Ин воқеа дар кӯҳсори дур ба вуқӯъ пайваст.

Мани навкорро ҳеҷ кас назару писанд намекард. Аммо баъди ин воқеа яку якбора ман ба чашми ҳамкорон намоён шудам, ҳар рӯз чандин бор аз забони онҳо номамро мешунидам. Пеш аз он ҳамту, “Ҳой, бача” будам, ҳатто табъашон хира ё димоғашон сӯхтагӣ бошад, номи ман “Гаранг” ва ё “Президент” буд. Сабаби баъзе номҳои ман додагиашонро гуфта, суханро кашол намекунаму ба сари мақсад меоям: Аҳмад-акаро мор газиду ман гумон накунед, ҳама медонанд, агар пурсед, ба як овоз тасдиқ мекунанд.

Гурӯҳи маъданҷӯёни мо шабона ба дараи Ҳаводара расиданду саросема дар соҳили рӯд хаймаҳоро кашидем.

— Ба об наздик... — гуфт сардорамон Дарвешев норозиёна сар ҷунбонда.

— Як шаб ҳазор шаб не. Пагоҳ ягон ҷои соз меёбем, — сардорро хотирҷамъ кард Барака.

Вай нӯги ресмони чодирро ба сангу буттаҳо саросема мебасту зудтар бистар партофта, бафароғат дароз кашидан мехост. Ҳазл не, сию чор километр роҳи кӯҳистонро пиёда гузашта омадем. Аспҳо пурбор буданд, ҳатто Сиҳат-амаки солдида ҳам бо азоб пиёда омад. Албатта, гурусна ҳам будем, аммо хастагӣ бештар моро ба бистар мекашид.

— Дар соҳили рӯд хайма задан мумкин? — баъди он ки Дарвешев гузашта рафт, ман аз Барака пурсидам. Мавқеи ин саволҳо набуд магар, вай ба ҷои ҷавоб ба тундӣ амр кард:

— Рав, аили аспҳора суст кун, тӯрбара гиру ҷав те!

Як одати Аҳмад-акаро бояд гӯшрас намоям: вай ҳамеша

барвақт ба бистари хоб медаромаду субҳи зуд аз хоб баланд мешуд. Шабҳо ҳамкоронаш гирди чароғи фонус таҷаммӯъ гардида китоб мехонданд, саргузаштгӯӣ ва баҳсу талош карда қартаю домино бозӣ мекарданд ва гоҳ-гоҳе бо пули майда қиморбозӣ ҳам сурат мегирифт, аммо Аҳмад-ака аз ин нишастҳо дар канор монда рӯ ба осмон баланд-баланд хуррок кашида мехобид. Агар гирдиҳамоӣ ба шӯру ғавғо табдил мегашту ба хоби ӯ халал мерасонд, бедор шуда дӯғу пӯписа мекард:

— Ҳой, хап мешаве ё ҳамин чароға бигираму ба сой андозум?! Чида як мусалмона намемоне хов бикуна?! Ба доду фарёд медарое, талхакафуш мкне!

Агар манбаи сарсадо ягон ҷавони дандони Аҳмад мегузаштагӣ бошад, вай аз дашном ва лағадзанӣ ҳам худдорӣ намекард. Ҳамон шаб санг барин шах гашта хобидам.

Вай одатан, бомдод барвақт аз хоб бархоста дасту рӯ мешуст, баъд ба сари чашма рафта, ба қавли Барака “молу мулкашро хабар мегирифт”. Аҳмад гӯшту равғани суғур ва дигар маҳсули аз Ҷари Дарида ҷамъ кардаашро ба шаҳр фиристода бошад ҳам, дар ин ҷо боз як чиз-ним чиз ҷамъ оварда буд.

Саҳарӣ тамоми сокинони бошишгоҳ билофосила аз бистари хоб бо бонги ҷонхароши Аҳмад бедор шуданду бо либоси таҳ ба тарафи сарсадо давиданд. Лаҳзае ман ҳам аз бистар нахеста, ба овози онҳо гӯш додам: аксарияти гурӯҳ дар назди хаймаи мо ғун шудагӣ барин. Ҳодисаеро гарму ҷӯшон муҳокима мекунанд. Ман саросема аз даруни халтабистар баромада либосамро ба бар кардаму худро ба берун задам.

Аҳмад-ака шип-шилта тар, аз сару либосаш об мерехт, рангаш кандагӣ, дарақ-дарақ ларзида ба ҳозирон воқеаро ҳикоя мекард. Ман рафта ба ҳалқаи шунавандагон ҳамроҳ шудаму ҳикояти вай ҳам поён ёфт ва ҳамкорон ба муҳокимаи

воқеа сар карданд ва ман аз суханони онҳо тафсилоти ҳодисаро зуд сарфаҳм нарафта дилтанг будам. Ба ҳар касе, ки рӯ оварам, “мор” мегуфту чӣ ҳодиса рӯй доданашро намегуфт. Ба мо маъданҷӯён мор дар ҳар сари қадам дучор мешавад, барои мор ин хел саҳар катӣ ғун намешаванд-ку! Аҳмад-ака чаро ба об афтодаст?

— Э, ту дар куҷо будӣ? Охир ҳамин қадар гуфта истодаанд-ку, мор!

— Мор, мор... Ҳама мегӯяд — мор! Охир мор киро газид?

— Э, худо нигоҳ дорад! Ин мор агар газад, медонӣ, асп ҷо бар ҷо пояша дароз накарда ҷон медиҳад. Мори айнакӣ мегӯянд!

— Хайр, чӣ шуд? Барои чӣ Аҳмад-ака ба об афтод? Чаро алав заданд?

Ман дар гурӯҳи маъданҷӯён одами нав будам, ҳамагӣ ду моҳ боз кор мекунам. Бинобар он маънии бисёр гапу кори онҳоро зуд намефаҳмам. Онҳо ҳам агар ба ман коре фармуданӣ бошанд, аз одати муқаррариашон дигархелтар, фаҳмотар карда гап мезананд.

Воқеа ба тариқи зайл будаст: Аҳмад-ака, аз рӯи одаташ саҳарии барвақт аз хоб бархеста, атрофро давр мезанад. Аз дари чодари мо даҳ метр он сӯтар рӯд, оби зулол ҷорӣ. Ба лаби об сари ду по нишаста ба дастурӯйшӯӣ машғул мегардад. Ба гӯшаш садои фашшос задани чизе мерасад, аммо эътибор намедиҳад. “Бачаҳо дар чодир хоб буданд, гумонам хурроккашии онҳо бошад”, гуфтааст. Замоне нагузашта боз садоро наздики гӯшаш мешунаваду чӯбу чахси зери пояш ҳам ғиж-ғиж кардагӣ барин мешавад. Баргашта нигарад — мори айнакӣ! Мор лунҷашро мисли бодкунак бод дода, дар баробари гӯши вай қомат рост намуда фашшос мезадаст. Ин

ҳолро дида, Аҳмад-ака фарёди ҷонкоҳе кашида, чунон хез задааст, ки қариб чор-панҷ метр дуртар ҷаҳида рост ба мобайни рӯд рафта меафтад. Ҳамкорон хобу хоболуд аз чодирҳо тохта мебароянд, ки Аҳмад-ака дар мобайни дарёча...

— Лунҷуш ана, ҳамита пуфак борӣ! — мегуфт Аҳмад бо дасташ сохти пуфакро карда.

— Хушиқбол будӣ, мори айнакӣ будаст, — гуфт Сиҳат-амак, — агар гурза дучор мешуд, ин замон ҷо ба ҷо пой дароз мекардӣ. Вай исқот кордор нашавӣ ҳам, аз дур худаша ба ту мезанад. Мори айнакӣ — ҷонвари беозор.

— Гумонам, ту моҳӣ медорӣ, — мегуфт Лёшаи бинидарида, ки бо рацияи вайронаш дар як хаймаи алоҳида буд.

— Не, ман гумон кардаам, ки барои регшӯӣ даромада, ягон сих тилло ёфтӣ.

— Ман хаёл кардам якбора дахта гуроз ба чодират зада даромадаст...

Ҳамкорон бо ҳамин гуна ҳазлу мазоҳ ба сӯи хаймаҳои худ рафтанду Аҳмад-ака дар сари оташ танҳо монд.

— Ба таги ҳамин харсанг рафт? — наздиктар рафта пурсидам ман.

Вай дар ҷавоб ба аломати тасдиқ сар ҷунбонду ҳеҷ чиз нагуфт. Ҳис кардам, ки вай маро ба ҳамсӯҳбатӣ лоиқ намешумурад. Бо вуҷуди ин боз пурсидам:

— Сӯхта мемурад ё мебарояд?

Вай ин дафъа ба тарафи ман нигоҳ накарда, китф дарҳам кашиду боз маводи сӯзандаи чобаро гирдогирди он харсанге, ки мор даруни хасу хори атрофи он пинҳон гашта буд, рехт.

Харсанги бузург дар коми оташ монда буд. Лаҳзаи дигар аз миён гузашту хасу хори хушк ва буттаҳои гирди харсанг сӯхта тамом шуд ва оташ паст гашт.

Мор чӣ хел аз таги харсанг берун ҷаҳид, ман надида мондам Аҳмад-ака якбора аз ҷо парида бо чӯбдасташ ба вай ҳамла карданашро дидам.

— Э-э... Ана-ана! Гурехт!

Аҳмаду Барака аз паси мор ба он сӯ тохтанд ва лаҳзае нагузашта онҳо мори аз оташ ҷон ба саломат бурдаро сангборон карда куштанд.

— Як қулоч, зиёдай, кам не, — гуфт Аҳмад бо даҳшат.

— Газад ҳам, Аҳмадбой, очатона медидед!

— Ута нагу, ута нагу ҷура. Нияти нек бикун, ки худо худуш нига дорад.

— Дар куҷо дидӣ, ки мори айнакӣ одама газид?! — бо истеҳзо ба вай пичинг кард Сиҳат-амак. — Думаша зер кардӣ, мор фишшос зада, туро бохабар кардаст. Эҳ, ту... — даст афшонд саркор.

Аҳмад беэътино ба суханони саркор мори мурдаро бо чӯбе бардошта ба қуттии консерв андохт. Баъд дар кӯри алави самовар гӯр кард.

— Мори айнакӣ Аҳмад барин номард аст чӣ? — қавоқашро гирифта гуфт Дарвешев.

Ман бо ҳайрат ва даҳани во ба рӯи сардор хира шудам, ки чаро вай ин хел мегӯяд. Ӯ тааҷҷуби маро фаҳмид магар, суханашро шарҳ дод:

— Дар куҷо дидед, ки мори айнакӣ ба одам заҳр задаст?! А?.. Агар гурза мебуд, аз даҳ метр дуртар хапакак меҷаҳиду кората тамом мекард.Мори айнакӣ то маҷбур нашава, намегазад, — сипас вай аз бӯи ноформи мори сӯхтагӣ рӯ турш карду даст афшонда ба роҳаш рафт.

Баъд аз рафтани вай Аҳмад-ака маро ҳам нафоронду аз наздаш ронд:

— Канӣ, аробета каш!.. Маймун бозӣ доронда истодагем не!

Ман бо дили нохоҳам дур шудам. Аммо хушбахтона, хаймаи мо дур набуд. Ба хайма даромадаму аз дари кушодаи он кори ӯро тамошо кардам. Вай мори пухтагиашро, ки ба як чӯбчаи хушку қоқ мубаддал гашта буд, ба шишае андохта даҳонашро руст карду ҳамроҳаш бурд ва бо ин кораш маро боз бештар ҳайрон кард.

Аз ин воқеа як ҳафта гузашту ман онро қариб фаромӯш кардам. Фаромӯш накарда бошам ҳам, дигар ба ёд ҳам намеовардам. Лекин дар байни ҳамкорон гап-гап шуд, ки Аҳмад-акаро як мори айнакӣ таъқиб мекардааст. Саравваал ба ин гап бовар накарданд, вале онҳое, ки ҳамроҳи ӯ дар як хайма мезистанд, тасдиқ карданд, ки ду-се бор аз хайма баромада он морро дучор кардаанд. Мор ҳамин ки онҳоро дид, ба даруни буттазор гурехта аз назар панаҳ мегаштааст. Ҳама мегуфтанд, ки мор қасоси ҷуфташро гирифтанӣ. Аҳмад-ака дигар танҳо намегаштагӣ шуд. Ба дарёча дастурӯйшӯӣ рафтанӣ бошад ҳам, аввал пеши раҳашро сангчаборон мекард. Ба дари чодараш хорпуштакеро бо ресмони дароз баста монд. Ман сабаби ин кори ӯро аз Барака пурсидам, гуфт, ки ҷое, ки хорпуштак ҳаст, мор наздик намешавад. Баъзе ҳамкорон ба Аҳмад-ака маслиҳат доданд, ки ба гурӯҳи дигар ба кор равад.

— Ин мор ба ту сахт қасд кардаст, Аҳмад, — мегуфтанд онҳо. — Ягон моҳ ба бригадаи Обиди Рӯзӣ рав. То як моҳ ҳам кори ин ҷоро тамом карда, ба тарафи Оби Хингов меравем.

Аммо Аҳмад-ака аз чӣ бошад, ба маслиҳати онҳо розӣ нашуд. Барои чӣ розӣ нашуд, ман аниқ намедонам. Худ ба худ мегӯям, аҷаб не нангу номус гиребонашро гирифт. Як умр ин насақ ба номи вай мемонад, ки аз мор гурехта рафт.

Мардум ин ҳодисаро то қиёмат аз ёд намебароранд.

— Ҳой, Аҳмадбой, ҳамун сабилмонда мори сӯхтагетона



гум кунед, — гоҳе фиғон мебаровард Барака, — мор бӯи ҳамуна гирифта меояд. Аз барои савоб шабу нимишаб ба берун баромадан ҳам метарсам: Аҳмад гӯён бархато ба гардани ман напечад! — бедардона механдид вай.

— Э, вай мори сӯхтагира шишаба андохта дар лаби об гӯр кардам, — мегуфт Аҳмад-ака малул ва хотирпареш.

Баъд ман оҳиста аз Барака пурсидам, ки чаро мори сӯхтагиро ба шиша андохта гӯр кардаанд. Бино ба гуфти Барака мори сӯхтагӣ ба бисёр маризиҳои бедаво даво будаст. “Ягон кас ба Аҳмад-ака фармудагӣ, вай дар ивази он пули нағзакак мегирад, — гуфт вай дар фуроварди суханаш. — Наъли хари мурдаро кофта мегирад ин Аҳмад”.

— Хоҳ-нохоҳ як бор рӯ ба рӯ мешавӣ, Аҳмад, — таъкид кард Дарвешев таъқиби морро шунида. — Нағзаш — аз ин ҷо рав. Вагарна ё ту вайа мекушӣ, ё вай туро. Ин мор сахт аз паят афтодагӣ барин.

Аҳмад-ака нарафт. Барои ҳамин ҷасораташ ман ӯро этиром мекардагӣ шудам. Пештар барои дуруштию дағалиаш дар дилам аз вай малолате бошад ҳам, фаромӯш гашт.

Сухани сардор рост омад. Баъди ду рӯз мору Аҳмад-ака рӯ ба рӯ шуданд. Ҳарчанд ки ин мард рӯзҳои охир аз дасташ чӯбдасташро намемонд, ҳеҷ кор карда натавонист. Ман шоҳиди ин воқеа будам.

Чоштгоҳ буд. Ману Аҳмад-ака бо ду асп барои динамит бурдан аз кӯҳ ба бошишгоҳ омадем. Аҳмад ба борхалтааш динамитро ҷой карду барои як назар афкандан ба “анбори сари чашмааш” рафт. Ман аз ҷайбам “Чор дарвеш”-ро бароварда ба хондан андармон гаштам. Даҳ дақиқа гузашт ё нагузашт, Аҳмад-ака “воҳ!” гуфта фарёд зад. Ман парида аз ҷоям бархестаму давида рафтам. Ӯ дар замин хобида буду ба мӯзаи

пои чапаш ишора мекард. Аллакай тангии нафас гирифта, сиёҳии чашмонаш ба дарун мерафт. Ман чӣ тавр мӯзаи пои моргазидаи ӯро кашида, чигуна пои шалворро чок кардам, худам ҳам намедонам. Кордчаи таҳшудаашро боз кардаму чашмонамро баста ҷои моргазидаро аз се ҷо се бор бурриш додам. Хун фаввора зад. Сипас тасмаи камарбандамро кашидаму пои моргазидаи ӯро аз рон болотар бо фишор бастам, то ки хуни заҳролуд ба узвҳои дигари бадан паҳн нагардад. Дар як лаҳза лабонаш кабуд шуда, чашмонаш беҷо гаштанд. Чунон тарсидам, ки ҳеҷ монед. Саросема пои хуншорро молиш дода ва баъдан ба тарафи чодир тохтам. Дӯлчаро овардаму аз чашма об гирифта ба даҳони Аҳмад-акаи тақрибан беҳуш паёпай об рехтам. Аз даҳони маҷрӯҳ кафк медамид. Пас аз он ки ба вай чаҳор дӯлча обро хурондам, сари ӯро ба поён хам кардам, то қайкунӣ ба маҷрӯҳ осонтар бошад. Ҳамин ки қайкунӣ қатъ шуд, ба вай боз об медодам. Баъди се-чор навбат обхӯрию қайкунӣ, Аҳмад-ака андаке ба худ омаду чашмашро боз кард ва фурсате нагузашта пуштора карда ба чодир бурдам ва ӯро дар ҷогаҳаш хобондам.

Пас аз замоне зӯр ба зӯр ба худ омад.

— Ҷуфти ҳамон мор будаст? — пурсидам.

— Э, ай куҷо донум!.. — нолиш кард Аҳмад.

— Ба Ангор равам, духтур ҷеғ зананд?

— Рация вайронай... Володя ҳам дар сари кор.

— Чи кунем?.. А?.. ба асп савор шуда метавонед? Ба ягон деҳоти наздик мебарам?

— Эҳ-ҳе... Ду рӯз даркорай... ҷон — нолон-нолон гуфт Аҳмад.

Илҳом сухани нарм ва “ҷон” гуфтани ӯро бори аввал мешунид. Вай ба зери пои хуншори Аҳмад халтаи коғазиеро ниҳоду ба пеши ӯ як сатил обу дӯлчаро оварда монд.

— Об хӯред... тез-тез об хӯрдан гиред, — таъкид кардам.

Аҳмад-ака оҳиста сар ҷунбонд.

Ман аз хайма берун омадаму ба кадом сӯ рафтанамро ва чӣ кор карданамро надонистам, боз лаҳзае андешидам, ки боз ҳоли вай агар бадтар шавад, чӣ кор мекунам? Дар бошишгоҳ касе нест, ки ба ман ёрӣ кунад. Хун пои сермӯи ӯро шип-шилта карда, ба рӯи коғаз мешорид.Хуне, ки аз пои вай рафт, заҳри морро берун кард. Хуни бисёр рафт, чунон бисёр рафт, ки дар охир тарсидам: мабодо аз хунравӣ ягон кору ҳол нашавад... Не, бегоҳӣ сардор омада маро таъриф кард, асосан корат дуруст гуфт.

Баъдан ба ёд овардам, ки касони ба шароити баландкӯҳ одат кардагӣ ба марази сироятӣ, таъсири заҳр ва радиация тобовар мешаванд. Дар китоб айнан, ҳамин тавр навиштагӣ буд... Пеш аз он, ки ба ин сӯ ба кор биёям, оид ба кору зиндагӣ дар баландкӯҳ китобчае хонда будам ва ҳоло саҳифаҳои онро дар лавҳи хотирам дигарбора равшан намуд.

Замоне, ки одам дар оғӯши кӯҳҳо бошад, аз рӯи одат баъзан фаромӯш мекунад, ки поёнтар аз ӯ ҳам кӯҳу теғаҳои баланду осмонхарош вуҷуд доранд. Инсон ҳамеша ба пеш менигарад ва аҷаб не, аз ҳамин сабаб асосан, кӯҳҳои аз худ баландтарро кӯҳ медонаду бас. Албатта, ингуна ҳисси ғалат дар оғӯши табиат безиён аст, аммо ҳайф аст агар одам дар зиндагӣ, дар муносибат бо мардум ҳам аз қайди ингуна кӯтоҳназарӣ берун наравад.

***Соли 1976.***

## КАБКҶАНГ

Нимрӯзи саратон буд. Барги дарахт намеҷунбид.

Мо дар чойхона, дар лаби як чорпояи ба фаввора наздиктар нишаста, чойи кабуд мехӯрдему ба гунҷишконе, ки аз гармои тоқатшикан гурехта, лаҳза ба лаҳза аз шохи дарахтон фуруд меомаданду дар зери фаввора нишаста фароғат доштанд, бо ҳасад менигаристем. “Кошкӣ, як ғел зада гунҷишк шавию лаҳзае дар зери ин борони маҳин истода роҳат кунӣ!” — Чунин андеша ин замон аз дили ҳар яке мегузашт.

Чойхонадор рӯмоли гардиро дар оби ҳавз тар карду ба рӯи қафаси кабк пӯшонд. Мурғаки асир аз шиддати гармо болҳояшро поён партофта ҳалқақ мезад.

— Ҷангӣ барин, — гуфт ҳамсӯҳбатам.

Пай бурдам, ки вай кабкшинос будани худро фаҳмонданӣ.

Ман ба ҷои ҷавоб китф дарҳам кашидам. Сипас, чи хел як моҳ пеш аз ин тасодуфан дар роҳ аз болои кабкҷанг баромаданам ба хотир расиду гуфтам:

— Ҷанги кабкро дидаму суратгирӣ намонданд. Суратгиракро бароварда, қариб ба бало мондам.

— И-и, чиба? — бе рағбат савол кард он ҳамсӯҳбати ман, ки бо ҳам тасодуфан дар як чорпоя нишаста ҳамгап будем.

— Рӯз-рӯзи якшанбе буд. Чоштгоҳӣ аз шаҳр баромада, ба тарафи дараи Варзоб равон шудам. Бо роҳи поён, аз хиёбони Ҳофиз қад-қади дарьё мерафтам, дар қариби деҳаи Хоҷа Анбиё, дуртар аз роҳ дар як майдони холӣ ҷамоатеро дидам: ба тахмин 60-70 нафар мардон, чор-панҷ мошини сабукрав. Мардум зич ба як ҷо ҷамъ шудагӣ. Ягон қатра асал ба замин чакад, ба даври он чӣ хел мӯрча ғун мешавад,

дидагистед? Ана, ҳамон тавр. Мошинро дар сари роҳ қарор додаму ба тарафи он ҷамоат рафтам. Мардум давра гирифта, кабкҳоро ҷанг меандохтанд. Ман аз ин пеш дар хусуси кабкҷанг шунида бошам ҳам, ба чашмам надида будам. Лаҳзае ҳайрон нигариста истодаму барои суратгиракро овардан ба сӯи мошин тохтам. Аммо ба суратгирӣ намонданд. Давраи қиморбозон будаст, ман бехабар. Аввал тарсиданд. Сонӣ, ҳамту, раҳгузар буданамро фаҳмида, қариб ки кӯбанд... Э, ин ҷонвар ҳамин хел ҷангара будаст!.. Якдигарашро суп-сурх гӯшт кард-е! Раҳмам омад.

— Қимори калон дар сари кабкҷанг-да, — гуфт ҳамроҳам. — Якта кабки ҷангира як одам ба ҳафтод сӯм харид. Як моҳ нагузашта, ягон бор ҷанг наандохта аз қафас гурба бурд, фиғонаш баромад.

— Ман ҷангашро сурат гирифтанӣ... Намедонам, чӣ хел гирам?

— Дастгоҳи рустӣ катӣ... шиқ-шиқ номаълум.

— Ман як суратгири ҳаваскор, дастгоҳи рустиро аз куҷо меёбам! — гуфтам ман лоқайд ба чораи ҳамроҳам пешкаш кардагӣ даст афшонда. Сипас, суханро боз ба сари ҷанги кабк бурдам: — Лекин сахт ҷанг мекардаст! Вай, вай, вай... Ҷонвар хастагиро намедонад-е! Ба фикрам, кабки ёбоӣ ин хел ҷанг намекардагист? А?

— Албатта.

— Дар қафас ҷангара мешавад-чӣ?

— Дар қафас ҷангара намешаваду... маст мекунандаш. Нона ба арақ тар карда мехӯронанд.

— Наход?! Инро намедонистам, — бо тааҷҷуб иқрор кардам ман.

— Шумо ҳам ҳавас доштед-да? — марди ба зоҳир

миёнсоле, ки дар он тарафи чорпояи мо менишаст, ба сӯҳбат ҳамроҳ шуду лаълии нону ангурашро ба тарафи мо лағчонда, ба хӯрдан ишора кард.

— Ҳаваси чӣ, ҳамту, — гуфтам ман, дар ҷавоби мурооти у ба нишони ташаккур даст ба сина бурда.

— Пага бозӣ мешавад, бед, — ногаҳон пешниҳод кард ӯ. — Аз Хуҷанду Қӯқанд, Ӯротеппа, аз Самарқанду Шаҳрисабз меҳмон омадагӣ. Чунон кабкҳои ҷангара омадагӣ! Синааша дида, шаҳбоз мегӯед! Мегӯянд, ки якташа ба як асп нादодаст! Аспи бекора не, аспе, ки нархаш — “Жигули”. Бозии зур мешудагӣ барин.

— Дар ҳамон ҷои пештара? — пурсидам ман агарчӣ ҳанӯз фикри рафтан ҳам надоштам.

— Не. Дафъаи гузашта, ҳӯ, дар теппа, пеши боғи “Ғалаба” ғун шуданд, милиса намонд... Ин дафъа дуртар мераванд. Аҷаб не, ба тарафи Лучоб раванд. Ба гӯшам ҳамин хел расид.

— Мо ёфта метавонем-чӣ?

— Мабодо милиса шумора ҳам қиморӣ гӯён бигирад, — гуфт ба оҳанги содавоҳима ҳамсӯҳбати аввалӣ.

— Э, ба шумо чӣ? Ҳамту, тамошобин. Қиморбозӣ намекунед-ку? — маро хотирҷамъ кардан хост он мард. Баъд гуфт: — Агар рафтанӣ бошед, ана рост ба ҳамин чойхона бед, ҳамроҳ меравем. Ҳама аз ҳамин ҷо такси катӣ мераванд.

— Ман мошини худам катӣ...

— Мошинатон бошад, боз беҳтар. Соати нӯҳ ба ҳамин ҷо бед, шумора худам мебарам. Тамошои зӯр мешавад, ҳеҷ пушаймон намешавед.

Баъд вай як пиёла чой рехта ба ман дароз карду наздик нишаста аз саргузашти кабкбозон ва кабкҳои ҷангӣ хеле ҳикоят кард ва дар байни сухан баъзе лаҳзаҳои зиндагии

худро низ гуфт. Аз рӯи гапаш, вай шаш сол боз нафақахӯр бошад ҳам, кор мекардаст. Боз барои ман аҷобаташ ин буд, ки ӯ сию ҳафт сол боз мошин ҳай мекардаст. Як хислати ғалатии шиноси нави ман ҳамин буд, ки таътил гуфтанӣ гапро намедонистаст. Кай вақте мошинашро ба таъмир диҳад, то соз шудани он истироҳат мекардасту бас. Ман сабабашро пурсидам.

— Ба мошин дилам намешавад, писар, — гуфт вай кимчӣ хел хиҷолат кашидагӣ барин. — Як бор, аз ин бист сол пеш мошина мондаму ба таътил рафтам. "Уралзис" ҳай мекардам. Ҳамин хел мошин буд. Ман дар истироҳат, мошинама ду ҳафтаякак каси дигар ҳай кардаст. Ҳамчунон хароб карда партофтаст, ки ду моҳи расо худам таъмир кардаму боз ҳам асли аввалаш барин нашуд, ки нашуд! Ҳамагӣ дар ду ҳафта! — бо таъкид ду ангушти дасти росташро нишон дод вай. — Аммо мошини чӣ, расво кардаст, — даст афшонд вай. — Ана, аз ҳамон вақт исун аз баҳри истироҳат баромадам. Агар зиқ накунанд, кор катӣ одам касал намешавад.

Ҳама медонанд, ки аксари мардуми кабкбоз ҳатман қиморбоз аст ва қиморбозон ба кору бори дигар дилбастагӣ надоранд. Бинобар он, ба гуфтаҳои он марди кабкбоз, махсусан, доир ба мошинронию мошиндориаш нобоварона гӯш медодаму хаёлам дар ким-куҷоҳо сайр мекард Як-ду бор ба суханаш беэътиноиамро худи ӯ фаҳмад ҳам, пинакамро вайрон накардам.

Мард аз он синне, ки гуфт, ҷавонтар метофт. Қадаш аз миёна болотар, монанди ҳамаи пирони коркун қоматаш рост, зиндадил, ҳазлдӯст, бовиқор буд.

Рӯзи дигар дар соати ваъдагӣ мошинамро дар назди чойхона қарор додам. Амаки Муҳаммадраҷаб ҳамроҳи ду нафари

дигар чой мехӯрд. Ӯ маро диду ба ишора ба наздаш хонд.

— Ҳозир меравем, шинед, ана, як пиёла чой, — вай баъди саломуалек аз паҳлуи худ ба ман ҷой доду як пиёла чой дароз кард.

Ҳамроҳони вай — яке марди ҳамсинни худаш, вале баръакси вай лоғарандом, пеш аз вақт қоматаш хамидагӣ, дигаре як ҷавони аз муйсафед ҳам миҷмориғи нӯги бинниаш дарафш барин тез, ки як панҷа мӯи сиёҳаш аз як тарафи пешонӣ ба болои чашми росташ афтода, дили касро танг мекард, ба ман зиёда эътибор надоданд.

— Акнун ба мо иҷозат, — ҳазломез шумхандае намуду ба ҳамроҳонаш рӯ овард амаки Муҳаммадраҷаб. — Ман мошини ин кас катӣ меравам. Худо раҳи мора кушояд, шумо ҳам таксӣ-пaксӣ ёфта расида мерафтагистед.

— Э, намуред, шумо, чиба барвақттар намегӯед? — ғайриихтиёр аз ҷояш бархост ҷавон ва саволомез ба чашми гӯянда баъд ба ман нигарист. — Ин каса нигаред, мора ба гап андармон карда шиштиянд-е!

— Ба мошинатон мо ҳам меғунҷидагистем?! — пиракии қадхамида як бор ба чашми ман, як бор ба чашми амаки Муҳаммадраҷаб нигарист.

— Бемалол, — гуфтам ман.

— Кисетона мековед-дия, — гуфт амаки Муҳаммадраҷаб ба шариконаш хитобан. — Ҳозир бензин қиммат, запчасть — ноёб.

— Ҳеҷ гап не...

— Шумо барин бойако бошаду мо пул барорем, айб аст.

Аз дилам гузашт: “Ин амаки Муҳаммадраҷаб қиморбоз бошад ҳам, қиморбози гузаро барин. Даҳанкалониаш, ба атрофиён озод, бетакаллуф сухан гуфтанаш, худбоварӣ ва

баъзе хислатҳои дигараш ба ҳамин далолат мекунанд".

Онҳоро ба мошин шинонда равон гаштаму дилам ғаш кард, ки омада-омада хизмати ду-се қиморбозро ба зимма гирифтам. Рост-дия, қиморбозонро ба қиморҷой мебарам. Боз ин гарморо бинед, даруни мошин тануri тафсон барин.

Рӯзҳои охир аз чи бошад, оби мошини ман зуд ба ҷӯшидан наздик мерасад. Сабабашро наёфта ҳайрон будам. Вақте ки мо аз шаҳр баромада ба тарафи Лучоб рост шудем, оби радиатор ҷӯшид. Ман ночор мошинро қарор додам. Ақрабаки ҳароратнамо ба сад расид. Сарпӯши моторро кушодам.

— Наҷӯшиданаш даркор, — гуфт амак бо эҳтиёт даст ба радиатор бурда ҳарорати онро санҷида. — Термостат соз. — Сонӣ пурсид: — Мили ток чӣ хел? Тез-тез ҳаллос мезанад ё доимиаш барин?

— Ҳаллос мезанад... Вақтҳои охир...

Амаки Муҳаммадраҷаб дигар ба сухани ман гӯш надода гузашту тасмаи бодбезакро зер кард.

— Шуд, ёфтам. Калита тед! Тасмаи чархи бодбезак суст шудагӣ. Албатта, об меҷӯшад-да!

Ду кас дар панҷ дақиқа генераторро лағжонда, тасмаи бодбезакро сахт кашидем.

"Ғалатӣ, — мегуфтам ба дил аз мошиндонии пиракӣ тааҷҷубам афзуда, — қиморрбоз куҷою техника?! Аз афти кор, ман бехабар қиморбозҳо ҳам қиморбозони пешин нестанд. Дарвоқеъ, баробари давру замон ин тоифа ҳам бояд усули корашро дигар кунад... Ба ҳар ҳол, ин одам дигар хел. Ку, қиморбозиашро ҳам бинам".

Роҳи мо қад-қади рӯди Лучоб ба даруни ин дараи дар ҳақиқат ба номаш мувофиқ — лучу урьён мерафт. Баъди аз

деҳа гузаштан, дар як майдони офтобрӯи соҳили рӯд, ки се-чор бех тути камшоху барг дошт, тӯдаи одамон ва мошинҳоро дида, аз роҳ истодем. Ҳамроҳони ман зуд бо шиносҳояшон вохӯрӣ карда, саргарми ҳазлу мутоиба, ҳолчӯию ҳолпурсӣ маро фаромӯш карданд.

— Ҳамин ҷа ҳам ҷо шуд?! Э, қоил, кӣ ин ҷора ёфт-а? — мегуфт амаки Муҳаммадраҷаб бо овози баланд ба ошноҳояш.

— Э, напурсед "Дӯзахи тап-тайёр", — фиғон мекард як марди солдидаи зиёинамо.

— Ҳеҷ гап не, аз чашм дур... хотирҷамъ... — таскин медод дигаре.

Бо амри саркорон ду-се нафар ҷавонон аз деҳа белу каланд оварданду зери як бех тути нисбатан серсояро ҳамвор кардан гирифтанд.

Ҳаво метафсид. Аз сару рӯи ҳама арақ мешорид. Дар шохи тути канорӣ ду қафаси руйпӯшида овезон буд. Ҳамроҳи мо — ҷавони бинитез бо амаки Муҳаммадраҷаб пичир-пичир карду сипас ба қафо гаштаравон гуфт:

— Ҳозир, оҳиста мебинем...

— Ҳой, гард! — амак дар қаҳр ӯро аз роҳаш гардонд. — Ҷӯра, ақлат ба ҷояш ё?.. Мон, беғавғо шинем.

— Ҳамту, як мебинам. Намехӯрам-ку! — аз раҳаш гашта омада, ғут-ғут кард бинитез.

— Ҳама гап дар сари ҳамин як дидан, — амак калимаи "як"-ро бо задаи махсус таъкид кард. — Вақти ба бозӣ мондан, чӣ хел аввал ту кушо, сонӣ ман гуфта, талош мекунанд, намебинӣ?!

Амак бо шиносҳояш дар хусуси кабку кабкдорӣ ба гап даромад. Ман аз паи обхӯрӣ ба тарафи рӯд рафтам. Дар қад-қади наҳр аз якдигар дур-дур боз се-чаҳор нафарро дидам, ки

дар пешашон қафасҳои болопӯшидаи кабк буд. Дар поёнтар гармчашма воқеъ буд, беморон лӯнги баста дар оби гарми он оббозӣ мекарданд.

Ман замоне баргашта омадам, ки дар зери тут як дархона барин заминро тахт карда, дар гирдогирди он ду қатор, баъзе ҷойҳо се қатор одам давра гирифта менишастанд.

Пеш аз он ки кабкҳоро ба ҷанг монанд, ду тан саркарда, ки дар маъракаи аввалбор дидагиам ҳам тӯдакаш буданд, бо якдигар баҳсу хархаша оғоз карданд. Боиси хархаша, аз афти кор, нотандеҳии кадоме дар бозии гузашта буд. Аниқашро ман чандон батафсил нафаҳмидам. Яке аз саркардаҳо марди ургутии ғалчае буд, ки калимаҳои тоҷикиро бо лаҳни узбекӣ паҳн талаффуз мекард. Номи ӯро Мерган-ака мегуфтанд. Ӯро ман аксар дар магазини бозор медидам, аз афташ, мудири магазин буд. Ҳоло вай дасташро шоф карда, калимаҳои тоҷикию узбекиро ба ҳам омехта мегуфт:

— Ман худам каклик надорам. Ана, гӯянд, — вай бо даст ба атрофиёнаш ишора мекард. — Каклики дигаро. Агар мард истӣ — бозӣ. Ман тарап надорам! — аз чӣ бошад, вай калимаи “тараф”-ро “тарап” мегуфт.

Саркардаи дигар Сайфӣ ном ҷавонмарди 35-40 солаи кулобӣ буд, ки пои росташ мелангид. Вай чашмони хаёлангез ва табассуми дилкаше дошт. Пеш аз он ки кабкро ба ҷанг монад, гӯё чашмашро раҳ мебурд, лабонаш ба табассум моил, нигоҳаш ба нуқтае номаълум гиреҳ мехӯрду дуру дароз хаёл мекард.

Амаки Муҳаммадраҷаб ҳанӯз бетараф, ба он талошҳо беалоқа менигарист. Аз дилам гузашт, ки ин одамон баъд аз ин агар маро дар шаҳр бинанд, шарики қиморбози худ мешуморанд... Ин андеша чунон малул ва дилгиру бефараҳам

кард, ки саҳл монд, бархоста равам.

Оқибат, баъди кашокаши зиёде ҳар ду тараф ба иттифоқ омаданд: гарав — 175 сӯм. Саркардаҳо аз ҷо бархоста, аз давра дуртар тарафдорони худро ғун карда, ин маблағро ҷамъ карданд. Сипас, ҳар ду дар ду канори давра муқобили ҳам нишастанду ба назди ҳар яке як қафаси кабкро оварданд.

— Тайёрӣ? — пурсид Мераган-ака баъди он ки оҳиста банди қафасро кушода рӯмоли болопӯши онро саҳл бардошту кабкро дид.

— Ана, — як тарафи рӯмолро саҳл бардошт Мерган-ака. — Канӣ, ту худат бардор!.. Ин бардоштанат намешавад! Ҳалол бозӣ кун!

Баъди чандинбора "кушоюю бардор" ва ваҷаб-ваҷаб пеш рондани қафасҳо онҳо баробар кабкҳоро раҳо карданд. Кабкҳо аз қафас озод гашта, сараввал якборӣ худро афшонданд, сипас яке хокро нул зад, дигаре нармакак ҷеғ зад, баъд ба сӯи якдигар тохтанд ва ба ҷанг сар карданд.

— Барои чӣ руст мекунанд?.. А? — оҳиста, бештар бо ишорат пурсидам аз амаки Муҳаммадраҷаб, ки паҳлу ба паҳлу менишастем.

— Нигаред, нигаред, — гуфт вай аз кабкҳои ба гардани якдигар овезон чашм наканда. Яке аз кабкҳо ба ҳарифи худ сахт даровехта буд. Он дар ҳолате, ки аз гардани кабки дигар газида буд, худро аз болои рақиб ба сӯи дигар андохта ба замин муаллақ афтод. Минқораш ба гардани рақибаш як бор тоб хӯрд, аммо раҳо накард. — Агар кабк якдигарашона бинанд, сонӣ ба бозӣ намемонанд-да, — фаҳмонд амаки Муҳаммадраҷаб. — Ҳамин ки дид, кабки вай зӯр барин, дарров ин ҳам кабки зӯртар мемонад.

Ду кабк бо навбат ба сару гардани якдигар нӯл зада,

кашола мекарданд, пату пари якдигарро беамон меканданд ва аз нашъаи ғалаба мастона чеғ зада, минқори худро ба хок суда пок мекарданд. Алҳол онҳо бо навбат — як бор яке ҳамла карда нӯл мезад, бори дигар — дигаре.

Аз ҳар ду тараф лаҳза ба лаҳза овозҳо баланд мегашт:

— Даҳ сӯм рафтам. Кӣ ҳаст?.. Кӣ даҳ сӯмба?

Агар аз тарафи муқобил ба ғалабаи кабки худашон дилпур касе бошад, овоз мебаровард:

— Кӣ даҳ сӯм? Ту? Ман рафтам. Парто, ҷамъ кунем.

Ҳар ду гаравбоз даҳсӯмӣ бологаравро бароварда, ду пулро якҷоя мекарданду онро яке аз онҳо дар даст нигоҳ медошт. Кабки кадоме ғолиб гардад, ин пулро ҳамон кас мегирифт.

Баъзан фарьёду ғалоғулаи ин бологаравиён чунон боло мегирифт, ки саркардагон маҷбур мешуданд, шӯри онҳоро пасанда кунанд:

— Ҳой, як бор ҷор андохтӣ, ду бор ҷор андохтӣ, бас-да! Талабгор бошад, овоз медиҳад.

Аз миён чоряк соат барин вакт гузашт. Ду кабки маст беамон ба якдигар нӯл мезаданд, пару пати якдигарро меканданд. Гардани яке луч шуд, хуни сурхи он пару боли ҳар дуро ҳам рангин сохт. Ба ман чунин намуд, ки минқор ва ҳалқаҳои чашми кабкҳо аслан сурх набуда, аз қаҳру ғазаб хунашон ҷӯшида сурх гаштааст.

Амаки Муҳаммадраҷаб хомӯш буд. Гӯё вай ба пулу қимор беалоқа барин, ба як тарзи сӯфиёна аз кабкҳо чашм наканда нишастаст. Ин ҳол маро худ ба худ дилтанг мекард. Барои чӣ ман ӯро дар сари қиморбозӣ диданиам, худам ҳам намедонам. Вай тасаввуроти аввалини маро зеру забар карданӣ, ҳукми маро ба дурӯғ баровароданӣ. Дили ман ба ин тан

намедиҳад. Одати одамизод ҳамин аст — ҳамеша дар ақидаи худ пойдор мондан мехоҳад. Сими печ додагӣ барин ҳарчанд кашем, боз ба вазъи аввали худ майл мекунад.

Кам-кам кабки Мерган-ака ба гурехтан сар карду ҳар ду тараф ҳам дамашонро ба дарун кашида, оқибати ҷангро нигарон шуданд. Кабки мағлуби ба хун ҷулида давраро чарх зада, рахнае мекофт, то ки гурезад, аммо ҳозирон ба якдигар ҷафс шуда, ба кабк роҳ намедоданд. Ҷонвар чору ночор боз ба ҷанг медаромад, сипас боз роҳи гурез меҷуст. Дили ман мехост кабк наздам ояду онро раҳо кунам, то ки аз уқубат наҷот ёбад. Аммо кабк ба назди ман намеомад. Кабки Сайфӣ паёпай ҳамла мекарду ҳар боре аз кабки Мерган-ака як қабза пар ҷудо мешуд. Кабки зӯр минқорашро ба хок пок карда, ғи-ғикунон боз аз паси ҳарифи худ медавид. Баъзеҳо норозиёна ғут-ғут мекарданд:

— Шуд-да, ин қадар ҷонвара азоб метиӣ!

— Ҳа, кайҳо гурехтагӣ буд...

Ҳазлгӯию шӯтқариҳо ҳам буданд:

— Гурехтагеш не, одати ин кабк ҳамин хел.

— Рост, рост, феълаш ҳамин хел будаст.

Оқибат Мерган-ака аз ҷо бархоста, ба болои кабкаш қафасро ниҳоду ман як нафаси сабук кашидам. Лаҳзае ғавар-ғавур, гап-гап, пулҳои қиморбозон радду бадал шуд ва сипас боз ҳама ба ҷойҳои худ нишастанд.

Ман зудтар ҷанги кабкҳоро ба сурат гирифта аз ин тамошои нофор гурехтан мехостам.

— Аз мошин суратгирак биёрам? — оҳиста пурсидам аз амаки Муҳаммадраҷаб.

— Не... сонӣ.

Дар сари маблағи кабкҷанги дигар боз баҳсу хархаша

карданд.

— Як кабк будаст, соҳибаш чорсад мепурсад, — гуфт Сайфӣ чашмонашро кашида, ба тарафи Мерган-ака айёрона табассум карда. Вай дар ин гуна мавридҳо як чашмашро пӯшида, бо як чашм ба ҳарифи худ менигарист.

— Чорсадба каклик ҳаст? — баъди ин гап Мерган-ака ба тарафдорони худ рӯ оварда мепурсид. Сипас бо пичир-пичиру имою ишора маслиҳат мекарданд. — Дусад... Агар хоп гӯед, ба дусад каклик ҳаст, мегуфт вай калимаҳои узбекию тоҷикиро ба ҳам омехта.

— Дусад... — пешониашро хорида, бо нохунаш ба замни хат мекашид Сайфӣ. Баъд ба ҳамроҳонаш рӯ меовард: — Дусадба чӣ мегӯед?

Оқибат ҳар ду тараф гаравро ба сесад сӯм фуроварда, пул ғун карданду кабкҳоро ба ҷанг монданд. Вақте ки кабкҳоро аз қафас раҳо карданд, ҳама якбора, "ваҳ" гӯён тааҷҷуб намуданд. Гӯё ба найистон якбора шамол вазида бошад, аз ҷамоат шибир-шибир бархост. Сонӣ овозҳо ҳам баланд шуда:

— Э, ин якташ — филу дигараш — муш-ку!

— Кавкчӯҷаро ба бозӣ мондаст-е!

Як кабки калони шонапаҳн ва як кабки хурдакаки чолок ин дам беамон якдигарро парканӣ мекарданд. Кабки калонҷуссаи синафарох бештар дилпурона ва базарба ҳарба дошт. Аммо ҷасорат ва ғайрати кабки хурд, ки ба рақиби бузургҷусса ва ҷангдида беҳарос муқобилат мекард, аксариятро ба худ моил намуд ва ё ҳиссиёти маъмул — тарафдори хурду оҷиз будан дар дили ин одамон бедор гашта буд. Ман ҳам аз дилу ҷон хоҳони ғалабаи кабки хурд будам: ҳар як нӯле, ки кабки калон ба сару гардани вай мезад, гӯё ба

синаи ман мерасид.

Ногаҳон кабкҳо ҷеғ зада аз якдигар ҷудо шуданд ва тохта ҳар ду ба ду канори давра — ба одамон наздиктар рафтанду чашмонашонро ба боло бардошта, каҷ-каҷ ба осмон менигаристанд.

— Калхот!.. Калхот! — чанд тан якбора аз ҷо бархостанд.

Дар тори сари одамон, дар осмони баланд монанди нуқта паррандае чарх мегашт. Ду тан аз ҷавонон аз давра дуртар рафта ба сӯи он нуқтаи осмонӣ санг андохта, бо таҳдиду ташдид даҳшат карданду он аз болои сар дур шуд.

Кабкҳо якдигарро ба минқор газида чунон баланд меҷаҳиданд, ки баъзан таппас зада пуштнокӣ ба замин меафтоданд. Мардон дар як вазъи ба зоҳир сангин ва беҳис ба ҷанги кабкҳо нигариста шах шудаанд. Дар чеҳраи Сайфӣ табассуми мор гӯё нақш баста. Гардани чӯҷакабк парканда, болотари дум ва паҳлуҳои ҷиғилдонаш ҳам гӯшт гаштаст.

Ман агар аз кабкҷанги аввалӣ дилтанг будам, аз ин ҷанги нобаробар ғазабам меҷӯшид. Аслан, ду ҷонвари бегуноҳро ба ин тариқ ҷанг андохта, парканию чашмкании онҳоро тамошо кардан ва гарав бастан чӣ беақлист! Одамонро ҳам аслан барои ҳамин хел нияту матлаби ночизе ба ҷанги якдигаркушӣ меандозанд, кишварҳоро хароб мекунанд.

Дигар ба суратгирӣ шавқам набуд, вале боз як бор савол кардам:

— Амаки Муҳаммадраҷаб, суратгиракро биёрам?

— Монед... Сонӣ. Ягон рӯз шуморо ба хона мебарам. Ду кабк дорам, ба ҷанг мемонам, сураташро мегиред. Инҳо... — вай лаби поёнашро газида сар ҷунбонд, ки маънояш авзои инҳо вайрон аст гуфтани ӯ буд. Сонӣ хам шуда ба гӯшам

пичиррос зад: — Ҳозир чашмашонро хун гирифтагӣ. Қимор... Бишинед камтар, сонӣ меравем, — гуфт вай дили маро фаҳмидагӣ барин.

Ман бовар кардам, ки ӯ қиморбоз нест ва бар асари нидои виҷдон ба рӯи ӯ нигариста натавониста хомӯш мондам. Равшан буд, ки вай ба майли ман нигариста рафтанӣ аст.

— Шумо то охир тамошо кунед, ман меравам. Дар бозгашт чӣ мекунед? Мошин мешавад ё биёям?

— Беташвиш бошед, такси зиёд меояд, бемалол меравам.

— Хуб, ташаккур амак, — гуфтам ман оҳиста бархоста.

Барои чӣ ташаккур гуфтам, худам намедонам. Балки барои улфатию раҳбаладӣ ё барои узри бадгумониам... Не, ягон бор ба худашон узр мегӯям.

***Соли 1976.***

## ШАҲРӢ

Ҳамагӣ як моҳ шуд, ки ман дар шаҳр. Ба имтиҳоноти қабули донишгоҳи тиббӣ тайёрӣ мебинам. Тамоми рӯз дар айвони оинабанди хонаи апаам нишаста, масъала ҳал мекунам, иншо менависам… Монанди баъзе бодичаҳо кори ман хондан аст гӯён, даст пеш, даст пеш гирифта, намешинам. Дар рӯзгор ба апаам дастёрӣ мекунам. Ҷиянам Шаҳриро ба боғча бурда овардан — ба ӯҳдаи ман. Акнун язнааму апаам ба корашон ҳар пагоҳӣ, ба қавли худашон, “саросема нашуда, одам барин ношто шикаста” мераванд.

Ман боз баъзе корҳои майда-чуйдаи рӯзгорро ба зимма гирифтаам, ки дар бораи онҳо мавридаш ояд, ҳикоя мекунам. Ҳоло сухан дар бораи Шаҳрӣ. Ҷиянам шашсола аст. Духтарчаи нозукандом бошад ҳам, серҳаракату пуркор. Як нафас ором нишаста наметавонад. Боз чунон гапдон аст, ки дар як лаҳза майнаамро афшонда, ба дастам медиҳад. Дар шаҳр бачаҳо ҳамин хел гапдон мешаванд-дия, дар деҳа ин тавр не. Ман ба ҳамин синн даромада, ин хел духтарчаро надидаам. Мо юнучқаро чӣ хел медаравем, ана, ҳамон тавр гапро даравида, ғарам мекунад!.. Гоҳе ба суханонаш гӯш медиҳаму ҳайрон мешавам: вай, ба назарам, аввал як бор калон шуда, баъд боз хурд шудагӣ барин. Чунон суханоне мегӯяд, ки ҳуш аз сари кас мепарад. Боре дар сари дастархони шом дастам ба биниам расидаст ё не, “тағо, хезед, дастатона шуста бед” гуфт. Бо қаҳр аз сари дастархон бархестаму рафта, китобамро варақ зада нишастам. Гапа ёд додаанд, аммо нафаҳмондаанд, ки изои мӯъмин ҳаром аст. Адаб ҳам даркор аст-дия! Дар деҳа агар кӯдак калонро изо диҳад, ҳамон замон як торсакӣ мехурад…

Шаҳрӣ ба гапу кори калонҳо тақлид мекунад. Рӯзи шанбе, ки боғчаи бачагон таътил аст ҷиянчаам ҳамроҳи ман дар хона буд. Дар айвон нишаста, китоби физикарро кушода, мавзӯи “Ҷараёни моеъ дар қубур” -ро мехондам. Шаҳрӣ дар хонаи дигар зочабозӣ мекард. Ӯ ба зочаҳояш ҳар гуна таъинот медод, сарзаниш мекард. Ногоҳ ба гӯшам расид, ки “тағош, тағош” мегӯяд. Гӯш додам. Шаҳрӣ кадом як зочаашро маломат мекард: “Дандоната нашустӣ, рӯята чор саг лесад, ҳар чортоаш ҳам сер мешавад. Мӯята шона назадӣ, намат шудаст, намат!.. Духтар ҳам чиз будаст! Ана, якташ худам. Бечора падару модар дилхун гашта калон карданду чӣ барака ёфтанд?!.” Ин суханонро дар асл, ба худи ҷиян гуфтаанд. Сипас, навбати маломатшунавии “тағо” расид: “Доим чирки рӯи кафшата пок карда гард. Кафшата пок куну баъд ба хона даро. Ба тартиб, озода либос пӯшидана ёд гир. Бин, ту баринҳо чӣ хел либос мепӯшанд. Ҳаваси кас меравад. Сарулибоси тура дида, шармам меояд. Доим куртаву шимат як тарафаш овезон, як тарафаш гурезон...” Хайр, ин суханҳоро апаам фақат ба ман мегӯяд. Дар назди бача гуфтан даркор набудаст.

Мегӯянд, ки дар хонаи бачадор ғайбат намешавад. Ин хулосаи дуруст ва озмуда аст. Лекин гӯянд, ки дар хонаи бачадор сирри махфӣ намешавад, ин ҳукм ҳам саҳеҳ аст. Дар воқеъ ҳам, дар хонае, ки бачаҳо давутоз доранд, ба дигар гапу корҳои майда-чуйда хуши кас намеояд...

Як пагоҳ ба сӯи боғча шитоб доштем.

— Тағо, шумо ҳам мошин мехаред? — пурсид Шаҳрӣ ногаҳон. Он солҳо ҳама ба дарди мошинхарӣ мубтало гашта буданд.

— Не, ман пул надорам.

— Шумо ҳам пулатона ба амонаткасса монед-дия!

— Пул надорам, хока монам?! — ба тундӣ овозамро баланд кардам.

— Пули дадаам дар амонаткасса. Ба амонаткасса пул монда, баъд мошин мехаранд. Баъд… Баъд ҳамаамон ба мошин савор шуда, ба сайру тамошо меравем, ба сирк меравем. Тағо, шумо аҷоибхонаро надидед? А? Шумо ҳеҷ чиза намедонед-а?

Дар роҳ бо як ҷавони шинос, ки мисли ман ба донишгоҳи тиббӣ ҳуҷҷат супорида, довталабӣ дошт, дучор шуда, ҳолпурсӣ кардем.

— Ба хона биё. Бо саволу ҷавоб мавзӯъҳоро такрор мекунем, — гуфт вай дар охир.

— Тағо, — Шаҳрӣ бо илтиҷо ба ман менигарист, — шумо аз хонаи мо наравед, хуб? Ҳеҷ наравед! А?

— Хуб шудаст. Намеравам. Тезтар по мон.

— Очаҷонам ҳамин хел гуфтанд... Очаҷонам медонанд...

— Тезтар қадам мон, Шаҳрӣ. Дер монӣ, Тӯтӣ-холаат ба боғча намегирад.

— Ҳичӣ! Ман ҳам ба боғчаашон намеравам. Ганда. Аз Тӯтӣ-хола ҳам безор шудам… Дина ба кунҷак рост монданд. Ман Шаҳрӣ — нағз, Шаҳрӣ — бамаънӣ, ҳи-ҳи-ҳи, ҳи-ҳи-ҳи... Намеравам!.. Гирья кардам… Боз очаҷон биёянд, ла-ла-ла, ла-ла-ла...

Шаҳрӣ аз роҳгардӣ бозистоду ба чашмони ман нигариста, хомӯш шуд. Ман аз дасти ӯ гирифтаму ба инҷиқиаш эътибор надода, ба роҳ даромадам.

Вай бо димоғи сӯхта ва қавоқи гирифта ба боғча даромад. Мураббӣ Тӯтӣ-хола ва як зан ба ман бегона уребчаи ҳалдореро пасу пеш гардонида, баҳои онро мепурсид ё ба он зани харидор пешкаш мекард, ба ман маълум нашуд. Умуман, ман

аксар вақт ӯро дар сари савдо мебинам. Омадани ману Шаҳриро вай пай набурд. Ҷиянам рост истода монд. Ман ӯро саҳл тела дода, “ба пеши бачаҳо рав”, гуфтаму ба роҳам пас гаштам. Ду-се қадам монда будам, Шаҳрӣ боз як бор баргашта ба ман нигарист, аммо ҳеҷ чиз нагуфт. Нохунашро канда, дар ҳамон ҷо истода монд. Тӯтӣ-хола баъди ӯро дидан ҳам илтифоте нанамуд.

Дар ин мобайн апаам аз зина лағжида, пояшон лат хӯрду ба қавли худашон, аз боғчаи Шаҳрӣ тамом бехабар монданд.

Шаҳрӣ аз боғча барояд, чунон хурсанд мешуд, ки ҳеҷ монед. Аз дасти ман дошта метохт, меҷаҳид, механдид. Баъд арзи муддао мекард:

— Фардо ба боғча намеравам. Тамом, кушед ҳам, намеравам... Тағоҷон, шумо ба додому очаам гӯед, ман дар хона монам. Мегӯед? Ман дар хона ҳама корашонро мекунам. Хуб?

— Ҷаро ба боғча намеравӣ?

— Тӯтӣ-хола ҷанг мекунанд. Фақат ҷанг, фақат ҷанг… Бачаҳо мезананд... Имрӯз мана Акмалу Пӯлод боз заданд

— Ҷаро ҷанг мекунанд? Чӣ гуноҳ кардӣ?

— Ҳамту, ҳамаро ҷанг мекунанд. Ба кунҷак рост мемонанд. Баъд, зоча ҳам намедиҳанд. Ба ҳалучак фақат Зумраду Шаҳлоро мешинонанд. Зочаро ҳам фақат ба ҳамонҳо медиҳанд… Тағо, тағо, хӯрок хӯрдан ҳам намемонанд, — гуфт вай, гӯё ягон сири махфиро мекушода бошад, бо овози пастар ба чашми ман нигариста. Бас акнун, тез хур буд, — гӯён табақамро мегирад. Писарҳо хӯроки духтарҳора кашида гирифта лап-лап мехӯранд.

— Дурӯғ нагӯй, Шаҳрӣ.

— Не-е, ана диламро бинед! — вай шикамашро ба ман нишон медиҳад. — “Тезтар хӯр! Ба ту нигоҳ карда намешинам.

Бас!” — гуфта Тӯтӣ-хола даррав табақама гирифта мебаранд. Имрӯз ба ман ғулунгоб нарасид. Таґо, ман гушна, ягонта самбӯса харида тед.

Шаҳрӣ рӯз аз рӯз, бедимоғ ва инҷиқ мегашт. Ҳар пагоҳӣ ба боғча намеравам, гӯён, хархаша мебардошт.

Апаам инҷиқиҳои духтарашонро медиданду маънидорона ба язнаам менигаристанд. Язнаам дилтангона даст меафшонданд. Маълум буд, ки ин хархашаҳо тамом дилгирашон кардааст.

Ман ба қарибӣ аз деҳа ба шаҳр омадагӣ. Маънии бисёр нигоҳу дастафшонии онҳоро равшан намефаҳмам. Умуман, ба бисьёр корҳои онҳо дуруст сарфаҳм намеравам. Аз ҳамин сабаб баъзан ба дилам ҳар хел гап меояд, хаёлам ба ҳазор кӯй меравад. Рости гап, ин хел рафтору гуфтор ва рамзу киноя катӣ изҳори матлаб кардани инҳо баъзан маро ҳам дилтанг мекунад, хаёлам ба ҳазор кӯй меравад. Дар шаҳр зиндагӣ кардан осон набудааст. Дар ҷойҳои мо одамон гапашонро пӯст канда мегӯянд. Хайр, имтиҳонро супурда, ба донишкада дохил шавам, шуд, ба хобгоҳ меравам, деҳотиёна зиндагӣ мекунам — якро як мегӯяму дуро ду, вассалом.

Як пагоҳӣ Шаҳриро апаам ба боғча бурданӣ шуданд. Ин корашон маро боз бештар ҳайрон кард: аз ман чӣ кӯтоҳӣ гузашта бошад, гӯён фикр карда мондам, зуд сабабашро донистам.

Тараддуди апаам хеле тӯл ёфт. Ниҳоят як кӯлбори пуропур ба даст равон шуданд. Аз дар баромаданду аз раҳашон гашта боз даромаданд.

— Қариб фаромӯш кунам, аз ҳамон афлесуни язнаат аз Москав овардагӣ чор дона руст карда монда будам. Дар яхдон коғазпеч аст, гирифта те, — гуфтанд апаам шитобон дар

таҳи дар истода.

Афлесунро дида, Шаҳрӣ ба пойкӯбӣ даромад. Бо сухан ором кардан хостанд, нашуд. Гиря кард. Апаам ба қаҳр ду-се шаппотӣ заданду дар як даст кӯлбор бо дасти дигар Шаҳриро кашола карда, аз хона баромаданд. Осон не, дар таҳи дари боғча қаламу дафтар кати меистанд, ҳар кас бачаашро дер биёрад, номашро нависта мегардонанд, қабул намекунанд. Гӯё Шаҳрӣ дер монад, ягон дастгоҳ бекор мемонда бошад...

Азбаски ба ҳоли ҷиянчаам хеле дилам сӯхт, ҳамон рӯз барои аз боғча гирифтани вай барвақттар рафтам. Бачаро ҳар қадар хоҳед, барвакт аз боғча гирифтан мумкин аст.

Бачаҳо дар зери дарахтон давутоз доштанд. Тӯтӣ-хола ва як зани дигар дар оби водопровод усмаи абруяшонро мешустанд. Онҳо... Ногаҳон, ё пирам... ҳа, бале, ба эҳтироми ман аз ҷо хестанд!.. Бале, Тӯтӣ-холае, ки ҳаргиз ба тарафи ман назари эътибор намефиканд, ин дафъа бо табассуми латиф, гарму часпон ҳолпурсӣ карду сари маро гаранг карда монд. Баъд сарулибоси Шаҳриро афшонда, ба тартиб овард, ин ҳама кам набуд, ки боз сари духтаракро сила карда, аз рӯяш бӯсида "хайр" гуфт.

Он рӯз хушнудии Шаҳрӣ ҳадду канор надошт.

— Тӯтӣ-холаам ҳамин хел нағз! — Шаҳрӣ ба таърифи мураббия ҳеҷ сухан намеёфт. — Шаҳло ман катӣ ҷанг кард. Тӯтӣ-хола вайя ба кунҷак рост монданд. Ба ман ду стакан ғӯлингоб доданд. Ҷовча нахӯрд, аз они вайро ҳам ба ман...

— Модарат пагоҳӣ афлесунро ба куҷо бурданд? — намедонам барои чӣ аз Шаҳрӣ инро пурсидаму сонӣ аз ин кунҷковии бемаврид, балки беақлонаи худ ботинан изо кашидам, худро маломат кардам.

— Ба Тӯтӣ-хола доданд… Шумо намедонед. Боз себу

анор, шакалот, атр, ҳар чӣ-ҳар чӣ доданд. Тӯтӣ-хола ба сумкааш андохт, сумкааш пур-пур шуд… Таѓо, таѓо, ба ман нигаред, Тӯтӣ-хола якта афлесуна даррав пӯст канда, хӯрд. Чунон ширин будаст... — ӯ лабонашро лесида монд.

— Ба ту ҳам дод?

— Не.

— Пас, аз куҷо донистӣ, ки он ширин аст?

— Ман пӯсташа гирифта дидам… Нахӯрдаам, ҳамту, бӯй кашидам, — таъкид кард вай. — Зӯҳрову Мурод ҳам гирифта бӯ карданд. Ман гуфтам, ки ин афлесуни мо! Модари ман ба Тӯтӣ-хола дод. Ина дадаам аз Маскав оварданд. Зафар мегӯяд, ки модараш ба Тӯтӣ-хола норанҷӣ овардаст. Дурӯғ мегӯяд! Норанҷӣ ҳозир нест-а, таѓо? Норанҷӣ ҳоло напухтааст.

Апаам табъи болидаи духтарашонро дида, мамнун сар ҷунбонданду зери лаб “Сабил монад, рӯи чиз ин қадар гарм аст…” гуфтанд. Гапашонро шунавед, — “рӯи чиз гарм будаст!..” Баракс, дар ҷойҳои мо “рӯи одам гарм аст” мегӯянд. Апаам ҳам нағз медонанд, шунидаанд, аммо ҳозир шаҳрӣ гашта гапу кори моро аз ёдашон баровардагӣ. Дар шаҳр рӯи чиз гарм-дия... Охири охирон одамони деҳа ҳам ҳамин хел шаванд, сонӣ чӣ мешавад? А?..

Ман ду-се рӯз ба мисоли минае, ки танобаш месӯзаду ҳолӣ ҳозир ба таркидан наздик аст, бо азоб дамамро ба дарун гирифта гаштам. “Бемаънигӣ... Савдогарӣ ба ҷиҳати тарбия ба тарбияи фарзанд… Ибрати нохуш, зарарнок…” дар ин боб ҳамаи осори мутолиа кардагиамро ба ёд оварда, худ ба худ норизогӣ доштам, бо ким-киҳо нархаша менамудам...

Баъди ин як воқеачаи хурди аслан ба гуфтан ҳам намеарзидагӣ рӯй доду аз чӣ бошад, ҳаври дили ман хеле пасанда гашт. Намедонам, балки ман ҳам ба зиндагии шаҳр

кам-кам омӯхта мешавам, кӣ медонад.

Ҳамон пагоҳӣ, мисли ҳамеша ману Шаҳрӣ роҳи боғчаро пеш гирифтем. Дар роҳ чашми духтарча ба қалами зебои ман афтод, ки дар кисачаи сари синаам халондагӣ буд ва ба назарам, диққати ҳар як раҳгузарро ҷалб мекард. Ин қалами худнавис, ки ба чандин ранг менавишт, раҳоварди амакам аз хизмати ҳарбӣ дар Германия буд ва онро хеле азиз медоштам. Ин хел қалам ҳанӯз дар мо набуд. Ба андешаи он, ки ҷиянчаам каламро тамошо карда, боз медиҳад, ман бо ифтихор онро ба дасташ додам.

Ба боғча даромадем. Вале Шаҳрӣ аз қалами бошукӯҳ дил канда натавонист. Аз дасташ гирифтан хостам, каламро ба мушташ сахт фишурда дасташро ба пушташ бурд. Агар бигирам, гиря карданаш маълум буд.

— Хуб, нигаҳ дор, гум накун, — гуфтам бо ночор. — Агар гум кунӣ… ману ту қаҳрӣ!.. — таъкид кардам ман. Қаҳрӣ будан ба Шаҳрӣ таъсири зиёд дошт; вай ба ногапӣ ҳеҷ хушаш набуд ва зуд тоқаташ тоқ мегашт.

— Не… Ман қалами дадама гум накардам-ку…

Гашти рӯз буд, аз дарвозаи боғча ворид гаштаму ҷиянчаам тозон омада аз дастам гирифт.

— Таѓо… Таѓоҷон… Қалам нест… — вай ду дасташро ба ду тараф кушода, гунаҳкорона ба чашмам менигарист. Баъд бо овози дардноке, ки ба гиристан наздик будани гӯяндаро далолат мекард, оҳиста гуфт: — Тутӣ-хола гирифтанд...

Бо Шаҳрӣ даст ба даст назди мураббия рафтам.

— Дар дасти Шаҳрӣ қалами ман монда буд…

— Ҳа, дар дасташ як қалам буд… — вай чунон вонамуд мекард, ки аранг ёд дорад. — Барои он кашокаш карданд… Сонӣ ман гирифта ба болои ҷевон мондам. Аз ёдам

баромадаст. Сонӣ нигарам — нест. Кадомаш гирифтаст. Чашми ино як чиза набинад…

Чун аз боғча баромадем, Шаҳриро маломат кардам. Аммо саҳеҳтар андешидаму ба вай дилам сӯхт. Баъд ба ҳамаи ин бачаҳо раҳмам омад. Аслан, агар саҳеҳтар андешед, мураббӣ ҳам бечора… Не, аз афти кор, ман кам-кам ба шаҳр хӯ мегирам. Одат накарда ҳам мешавад?! Силсилаи иммунии ҷисми ман ҳам кор мекунад, аз ҳамлаи микроорганизмҳои бегона ҳушьёрона маро ҳифз мекунад... Ана ҳамон иммун дар роҳи муҳофизат созгорӣ ҳам мекунад... Вагарна ҷисми инсон нобуд мешавад. Офарин ба гипофиз, ба гипоталамус! Ба тартибовардагони адаптация!

***Соли 1975.***

## ШИКАСТ

Файзалиро ба ҷои як нафар муаллими ба хизмати ҳарбӣ рафтагӣ ба мактаби деҳа ба кор фиристоданд. Директори мактаб, нархи сабзию пиёзро напурсида, "тайёрӣ бинед, пага ба дарс медароед", гуфт. Файзалӣ ҳарчанд узр овард, ки китобу дафтар ва дигар чизу чора наовардааст, гӯш накард.

— Ҳеҷ гап не, сонӣ рӯзи истироҳат рафта чизу чораатонро мебиёред. Соати дарс сӯхта наравад, дароед, — гуфт.

Дар паҳлуи биноӣ мактаб барои иқоматаш як ҳуҷрача доданду вай дар он ҷо ҳамон бегоҳӣ бо талабаи синфи ҳаштум Рашид ҳамсӯҳбат шуд. Рашид писари боғбони мактаб будааст. Файзалӣ дар хусуси мардуми деҳа, мактаб ва талабагону муаллимон аз ӯ хеле гапҳоро дониста гирифт. Дар хусуси маҳмадонои синфи ҳаштум — Назир писарак ҳавасангез, бо фахр ҳикоя кард.

— Э-э вай, Назир а директир ҳам наметарса, ай мудир ҳам... Хайр, чӣ отааш раиси матлуботай! Малим ҳам, директир ҳам, раис ҳам бо ӯ баробар намеша. Дута мошин доранд!.. Э-э, агар ба хонааш дароӣ, ба ғайри ҷони одам, ҳама чиз ҳастай. Як рӯз костюми наппа нави ҷинсра чағ-чағ дарронду партофт... Вай гап назана, ки гап мезана?! Дар хонааш як қуттӣ лаб-лаб тули дорад, ҳамааш хориҷӣ. Як рӯз якеша кӯҳна гӯён ба як бача дод. Кайф карда пӯшида гаштаст. Чӣ хел малим биёд, вай мот мекунад! Порсол ҳам аз шаҳр як маллимаи хушрӯ омад, фасонаш ана ҳамту! — Рашид сарангушташро бардошта таъкид кард. — Рӯзи аввал ба синф даромаду Назир уна як савол катӣ басту партофт, "Мурғ пеш пайдо шудай ё тухм?" — мега. Малима ҳеҷ чӣ гуфта натавонист. Муаллими физикаро чӣ, ҳаму рӯз директир таъриф карда, ба синф дар-

оварда монду Назир як савол катӣ басту партофт, мот шуд. Калонтарин алмосай ё брилиант намедонам, чиққа мега. Малим надонист. Сонӣ худаш гуфта дод. “Куллинай” мега. Се ҳазор кило будай!.. А куҷо ин чизора медонад, ҳама ҳайрон. Бо худаш пинакаша вайрон намекунад-е! “Ҳеҷ гап не, малим, шимо инстита хундагӣ, мо аз паи гову гусола гаштем”, — мега. Гапа ёфтанаша бин.

— Се ҳазор кило не, қирот будагист, — дар охир бо табассуми латиф сухани ӯро ислоҳ кард Файзалӣ. — Алмос ва дигар сангҳои нодиррор бо қирот андоза мекунанд. Як қирот медонӣ чанд грамм аст?

— Чум, — бепарво китф боло кашид Рашид ва шармида табассум кард.

— Як қирот 0,195 грамм аст.

— Шумо аз адабиёт дарс медиҳед? — пурсид Рашид боз бо табассуми бемаъно ба рӯи вай нигариста.

Файзалӣ пай бурд, ки писаракро одат гаштаст, ки агар ба сухан лаб кушояд, ғайриихтиёр табассум мекунад.

— Бале.

Рашид бо чӯбчаи дасташ машғули ба замин хаткашӣ хомӯш монд. Файзалӣ пай бурд, ки ӯ мусоҳибаи фардоинаи вайро бо маҳмадонои синф — Назир пеши назар меорад.

— Хуб, Мулло Рашид, бигӯ, ки аз адабиёт бори охир муаллим ба шумо кадом мавзӯъро гузашта буд? — савол кард Файзалӣ ва ба умеди ҷавоби бача ба чашми ӯ чашм дӯхт.

Рашид ба ҷои ҷавоб бемаъно табассум мекард.

— Дар ёд надорӣ?

— Ҳамаи ин гапҳо дар ёди кӣ меистад?! Вакти дарсда китоба бикушом, ба хотирам мерасад... Китобамро биёрам?

— Не, лозим не... Хуб, ку аз Рӯдакӣ ё Фирдавсӣ ягон

шеър бихон.

Рашид сар хорида, хеле зӯр зад, то шеъреро ба ёд оварад, аммо натавонист ва бо табассум лабонашро инҷ карда, ба рӯи Файзалӣ нигариста печутоб хӯрдан гирифт.

— Аз синфи чорум инҷониб ҳар сол Рӯдакиву Фирдавсиро мехонӣ, наход як порча шеър надонӣ?! Чанд қирот будани алмоси “Куллинай”-ро донистанат нағз, аммо панди аҷдоди худро донистан зарууртар аст, агар инро надонӣ, айб аст, додар. Мо бо забони Рӯдакиву Фирдавсӣ сухан мекунем...

— Назир ҳам намедонад, — гуфт Рашид баъди хеле сукут сар бардошта ба рӯи Файзалӣ нигариста. Ба назар чунин менамуд, ки вай барои сафед кардани гуноҳаш санади мӯътабаре пайдо кардааст.

— Намедонам. Назир чиро медонаду чиро не, аммо ту бояд бидонӣ. Калон мешавӣ дигар ба Фирдавсихонӣ фурсат намеёбӣ, китоби бисёре бояд хонӣ, бисёр илмҳоро бояд бидонӣ...

— Назир ҳеҷ китоб намехонад...

— ...Аммо муаллимро баст!.. Ҳамин тавр гуфтан мехостӣ? Агар китоб нахонад, Назир дониш надорад. Он гапҳое, ки ӯ бо он муаллимонро баст мегӯӣ, даъвои беасоси мардуми аз илму ҳунар бехабар. Баъзе чизҳое, ки ту аз он ҳайрон мешавӣ, аз ягон намоиши телевизион ба гӯшаш даромадагист. Пор дoff ири хазинаи алмос намоише буд. Калонтарин алмос ба гӯшаш даромадааст, аммо ман аминам ду сол боз физикаю химия хонад, ҳам вай таркиби алмос аз чӣ иборат аст, намедонад.

— Алмос аз чӣ иборат аст, шумо медонед? — ногаҳон савол кард Рашид. Файзалӣ зери лаб бихандиду ба рӯи вай нигарист.

— Донистану надонистани маро чӣ мекунӣ?

— Ба ман гӯед... Ман Назирро як бор бандам. Вай ҳамаро мебандам гӯён маст шудаст...

Аз суханони Рашид Файзалӣ хулоса баровард, ки фардо Назир ӯро ҳам мот карданӣ аст. Вай ба Рашид фаҳмонд, ки рафтори Назир аз беақлию камхирадӣ аст. Муаллим одами ҳамадон нест, барои дар хусуси ҳама чиз маълумот додан қомуси махсус ҳаст. Аммо ҳис кард, ки бо ин хел суханон таъсири Назирро аз дили вай сутурдан мушкил аст. Гӯё муаллимон ҳам, мудиру директор ҳам аз Назир метарсидаанд.

Файзалиро мудири илмӣ ба хонандагони синф муаррифӣ кард. Вай суханони ҳар бор ҳангоми шиносо кардани муаллими нав мегуфтагиашро боз гуфт:

— Имсол ба шумо аз адабиёт муаллими ҷавон...

Талабагон сухани ӯро гӯш намекарданд, ба як бор нигоҳи ҳама ба сар то пои Файзалӣ дӯхта шуда буд. Баъд байни шогирдон пичир-пичир, сарҷунбонӣ, китф болокашӣ ва лаббурмакунӣ... Баъзеҳо бо шавқ ба нишони дорулфунун менигаранд... “Ай биниш бикашӣ, ҷонуш мебарод-ку!” Ин суханро Назир гуфт. Ҳа, худи худаш. Файзалӣ аз рӯи тавсифи Рашид бо фаросат ӯро шинохт. Дурусттараш, аз ваҷоҳати кибрнокаш шинохт. Файзалӣ ин хел андоми сангин, нигоҳи тамасхуромез ва пучро фақат дар башараи баъзе навмансабҳо дида буду бас. Ба ин ҷавони гӯлу гумроҳ чӣ хел сироят кардани ин мараз ӯро ҳайрон мекард. Балки ба хонааш аз ҳамин тоифа одамон бисёр омаду рав доранд...

Мудир суханашро ба поён расонда, ба Файзалӣ барор хосту рафт. Файзалӣ лаҳзае хомӯш ба дару девори синф, тахтаю партаҳо, суратҳо, лавҳаҳо, шишаи тирезҳо, сонӣ ягон-ягон ба рӯи талабагон бо табассум нигариста хонаро гашта

баромад. Табассуми вай ҳамту аз ошноӣ, аз мамнунияти шиносоӣ буд. Аз талабагон оҳиста кадоме ҳуштак кашид. Муаллим гӯё онро нашунида бошад, баргашта нанигарист, бепарво рафту журнали синфро кушод. Ӯ ному фамилияи 23 нафар талабагони синфро тез-тез хонда, якборӣ ба рӯи ҳар яке нигарист ва баъд бархосту сухан сар кард.

— Дар рафти дарсҳо бафурҷа ба ҳам ошно мешавем. Ман ният дорам, ба хонаводаи ҳамаатон рафта, бо падару модар ва дигар наздикони шумо ҳам шиносо гардам.

— Як савол? — ангушти ишорати дасти росташро саҳл бардошту сухани ӯро бурид Назир.

Файзалӣ ба вай бо ишора "сонӣ" гуфту доир ба тартиби мавзӯъҳо, китобҳои зарурӣ суханашро идома кард.

Баъди якчанд дақиқа Назир даст бардошту бо овози баландтар, ҳатто андаке асабонӣ сухани ӯро бурид:

— Аввал, ба саволи мо ҷавоб битед!

Файзалӣ хомӯш гашту лаҳзае чашм ба рӯи Назир дӯхт.

— Шумо ба мо гӯед, ки Рӯдакӣ кӯрай ё бино?

— Дигар гап надоред?

Файзалӣ дубора ба рӯи талаба зеҳн монд. Ӯ чунон менигарист, ки гӯё Назир ҳозир аз рӯи ягон кашфиёти гӯшношунидае парда мебардошта бошад.

— Не, — гуфт Назир содалавҳона, дар ҳолате, ки чашмонашро калон кушода бо ҳайрат ба муаллим менигарист.

— Ин тавр бошад, андаке босабру батамкин бошед, вақте ки ҳаёти Рӯдакиро мехонем, ман мегӯям, ки ӯ кӯр буд ё бино.

Гӯё ин суханон ба Назир дахле надошта бошанд, ӯ тару часпон гуфт:

— Мора мебахшед, лекин одами кӯр китоб хонда, шеър

навишта наметавона! Ё ягон каси дига навишта додай?

— Гапи беҳударо монед, вақтро нагиред, — қатъӣ сухани ӯро бурид Файзалӣ. — Ба фикрам, ман возеҳу равшан ба шумо гуфтам. Ё сухани маро нафаҳмидед?

— Не, бо инхел гапо... намеша. Ба мо ҷавоб битед! — исрор мекард Назир.

— Доир ба Рӯдакӣ чанд соати алоҳида дорем. Ҳамон вақт мефаҳмонам.

— Не, медонистагӣ одам ҳозир мегӯяду мемона...

— Хуб, дар танаффус ба назди ман оед, — гуфт Файзалӣ бо шиддаттар овозашро сар дода.

Файзалӣ инро гуфту оид ба тарзи иншоҳое, ки имсол бояд талабагон нависанд, сухан сар кард. Бачаҳо аз ҳар тараф ба сӯи Назир ишораҳои гуногун доштанд, баъзе чунон пичиррос мезаданд, ки Файзалӣ дар миёни суханаш равшан мешунид:

— Натарс...

— Суст набиё...

— Чап дода, халос шуданиай.

— Намонуш. Ба қапқон бигир!

— Ҳа, сонӣ мегум ки гуфт, намедона.

Аз миён панҷ дақиқа вақт гузашт ё не, Назир боз аз ҷо бархоста, сухани Файзалиро қатъ кард:

— Шумо аввал ба саволи мо ҷавоб битен, итари "сонӣ мегум", намеша. Агар намедунистагӣ бошед, рӯирост "намедонум" гӯед.

Оҳанги ситезаноки сухани Назир ба муаллим сахт расид магар, лаҳзае бо тааҷҷуб ба рӯи ӯ нигарист.

— Ту ба дарс халал расондӣ, бача! Аз ин хел беадабиат падару модарат хабар доранд ё не? Агар тоқат надорӣ, дар та-

наффус ҷӯраҳоят катӣ наздам биё. Дар бораи Рӯдакӣ ҳанӯз шумо маълумоти казоӣ надоред. Филм ё спектаклашро дидаед, баҳси кӯр ё биноиаш ба гӯшатон расидааст, халос. Доир ба кӯри модарзодиаш ҳам, дар хусуси кӯр карданашон ҳам далелҳо бисёранд. Ҳеҷ ҷои аҷобат не, дар таърих шоирони нобино кам нестанд. Ана, Ҳомери юнониён, шоири араб Ал-Мааррӣ...

— Гапро ба дигар нагардонеду аниқ гӯед: ё "ҳа" ё "не", — Назир имкон надод, ки муаллим суханашро ба поён расонад. Баъд бо ҳайрат ба рӯи вай нигариста монанди муаллим ӯро ноҳинҷор сохт магар, ба атрофиёнаш нигариста, ғолибона хандид. Атрофиён ба расми ҳамовозӣ ба ханда ҳамроҳ шуданд. Фақат духтарон бетараф хомӯш монданд. Назир аз дастгирии рафиқонаш шердил гашту гуфт:

— Ҳамааш дурӯғ! Исбот карда наметонед. Шеъри шоири дигара Рӯдакӣ меганд. Рӯдакӣ гуфтагӣ шоир нестай. Кинош ҳам дурӯғ. Афсона! Набошад, исбот кунед! Ҳа?

Бачаҳо бо таҳсин ва мафтунӣ ба вай менигаристанд. Аз нигоҳи онҳо чунин маънӣ метаровид: "Офарин, ана ҳамин хел боб кун! Ин гапҳоро аз куҷо медонӣ ту? Муаллим намедонад, ана гаранг шуд..."

—Сонитар ин мавзӯъро мегузарем, ман ҳамон вақт ҳамаашро мефаҳмонам... То он вақт шумо китоби шеъри шоирро хонед.Ягон байт шеъри ӯро нахонда, надониста, аз ваҷҳи кӯр ё биноиаш баҳс кардан маънӣ надорад. Ба саволҳоятон ҳамон вақт ҷавоб медиҳам, майлаш? — гуфт муаллим бо табассуми ороми худ Назирро бештар оташин карда.

— Одами медонистагӣ шаф-шаф нагуфта мегӯяд...

— Бас! — мизро мушт зада якбора фарёд зад Файзалӣ. Шогирдон як қад париданд. Духтарон безобита гаштанд.

Вале ӯ ҳамоно аз тундии бемавридаш пушаймон гашта худро ба даст гирифт.

— Ин чӣ беадабӣ? Ин ҷо бозор не, мактаб аст. Бозорчиён ин хел дағалбозӣ мекунанд, ҷави худро гандум аст, гӯён фурӯхтанӣ мешаванд... Додарам, нодонии туро дар ҳузури ҷӯраҳоят фош кардани ман мушкил не! Беҳтараш ту он хаёли хомро аз сарат берун кун. Фаҳмидӣ!

— Дӯғ назанед! — аз шасташ гаштани муаллимро ҳис карду аз ҷои нишасташ шӯрид Назир. — Шумо муаллим бошед, ба савол ҷавоб битед. Мо ин хел нишон задагиҳора бисёр дидем.

— Боз ҳамон гап!.. Э, ту расо шилқин будӣ!.. Ман мегӯям, аммо ту аз гуфтаҳои ман ҳеҷ чиз намефаҳмӣ, зеро китоб нахондаӣ, бисёр чизҳоро намедонӣ

— Агар надонед, шумо ҳам намедонам гӯед-дия, чӣ сари мора маранг мекунед! Шумо мора фиреб медиҳед, ин беадабӣ нестай?!

Файзалӣ фаҳмид, ки бо авомфиреб ва демогоги ҷавон, худписанди то имрӯз шохношикастае сару кор дорад. Оҳиста ба соаташ нигаристу гуфт:

— Хуб, майлаш. Ҳоло аз хусуси Рӯдакӣ ҳикоят мекунам. Агар бори дигар ба ин тариқ дарсро вайрон кунӣ, ман туро ба синф роҳ намедиҳам. То даме, ки падарат ба мактаб наояду гапзанон накунем...

— Мебинем, — зери лаб ғурунгос зад Назир.

Сипас Файзалӣ дар бобати шеъри Рӯдакӣ, ахбороти шоирону тазкиранависони ҳамзамони ӯ ва давраҳои сонӣ, аз хусуси ривоятҳои мухталифи таърих оид ба ҳаёти шоир ва осори вай, тадқиқоти олимони ҷаҳон муфассал ҳикоя кард. Даҳҳо байт, шеър, санадҳои таърихӣ ва ғайра маълумотро ба якди-

гар таққос кард, тахминҳо зад, хулосаҳо баровард... Шогирдон ин ҳикояти ӯро аз ҳаёти маликкушшуарои асри даҳ чунон бо шавқ ва диққати тамом гӯш карданд, чунон ки дар синф агар магас мепарид, садои онро шунидан мумкин буд.

— Ана, ба ҳамин тариқ шоирону тазкиранависони баъди Рӯдакӣ ӯро нобинои модарзод ё ба ҳар ҳол, дар бачагӣ кӯр гашта мегӯянд, аммо муаррихони сонӣ баъди қариб панҷсад соли вафоташ, аз Давлатшоҳ сар карда, дар охири умр кӯр карданд, гуфтаанд. Акнун худатон хулоса гиред...

Файзалӣ ҳикояти худро ба поён расониду гӯё боз давоми саргузашти шоирро қисса мекарда бошад, як даста дафтарро аз рӯи миз ба даст гирифт.

— Иншоеро, ки ҳафтаи гузашта навишта будед, муаллими пешинаатон фурсати тафтиш наёфта, монда рафтаанд, ман санҷидам. Ба ду нафар баҳои се мондам, дигарҳо ҳама ду гирифтанд. Ана нақли ту, — Файзалӣ ба Назир хитоб карду яке аз дафтарҳоро кушод. — Ба диққат мулоҳиза кун, ба ҷӯраҳоят, ба падару модар нишон деҳ, маслиҳат кун. Агар шарм дорию нишон надиҳӣ, манбаъд саҳватро ислоҳ карда наметавонӣ. Бубин, саросар аз китоби дарсӣ рӯнавис карда бошӣ ҳам, бисту ду ғалати имло. Вай дафтари бо ранги сурх ислоҳ кардаашро кушода нишон дод. — Ҳатто дар имлои ному фомилият ҳам ғалат кардаӣ. Бачаи саводнок, фақат хушсавод донишманд мешавад. Дар дунё ягон донишманди кӯрсаводро дидӣ?

Занги дарс заданд. Файзалӣ портфели кӯҳнаи донишҷӯиашро гирифта аз синфхона баромад. Ба эҳтироми вай ҳама баробар аз ҷо хестанд.

Он рӯз бори аввал ҳамсинфон Назирро баъди мунозира табрик накарданд, “боб кардӣ” нагуфтанд.

***Соли 1977.***

## ҲАМСАФАРОН

Автобуси Душанбе — Вахш дарҳояшро пӯшиду ба роҳ даромад. Охирин мусофире, ки ба мошин ворид гашт, дар таҳи дар истода, ба фазои дохилии автобус менигаристу ҷои холӣ меҷуст. Ӯ як лаҳза диққати ҳамаро ба худ кашид: ба сару рӯи ин марди тахминан 55-сола нигариста намешуд — сураташ куллан сӯхтагӣ, сӯрох-сӯрох буридагию дӯхтагӣ, боз ҳар гуна доғҳо. Гӯё ба рӯяш нахӯд кӯфта бошанд.

Нишастҷои холӣ набуд. Марди сӯхтагирӯй ҳамаро чашм давонда баромаду ба сӯи Сайфиддин-амаку писараш, ки дар радифи дуюм менишастанд, ду-се бор зуд-зуд нигарист, сипас худ ба худ табассум намуду хаёлаш ба куҷоҳое парвоз кард. Нигоҳ ва табассуми вай аз назари Сайфиддин-амак, ки дар як даст ду асобағалашро дошта меомад, пинҳон намонд. Буруту абрӯвони мошубиринҷашро панҷа зада аз зери чашм ба он мард менигаристу саҳифаи ҳофизаашро варақгардрон мекард, ки дар ҷое бо ин мард шинос ё ҳамсӯҳбат нашудааст? Не, вай дар умраш чунин одами сӯхтагиро бори аввал мебинад. Вай оҳиста бо оринҷаш писарашро, ки саргарми китобхонӣ буд, такон дод ва бо имо фаҳмонд, ки ба марди сӯхтагӣ ҷой диҳад. Ҷавон монанди пружин ҷаҳида аз ҷояш бархосту он мардро таклифи нишастан кард:

— Бед, амак, бед, бед, бишинед. Бахшиш, нигоҳ накардаам, — ҷавон ӯро ба ҷои худ шинонда, ҳазломез илова кард: — Интур баландтар сурфа намекунед-чӣ?!

— Э, ҳазор раҳмат, писар, ранги падарат пири бадавлат шаву… сонӣ ёру дӯстатро аз ёд набарор, — гуфт сӯхтагӣ бо овози дурушт, ки ба шӯхии нигоҳаш номувофиқ буд. Баъд вай бо Сайфиддин-амак гарму ҷӯшон вохӯрӣ кард.

— Бед, бародар, шинед-е! Акнун навбати нишастани ману шумо-да, — Сайфиддин-амак дигарбора ба сару рӯи сӯхтагии ӯ назар давонд. Лаҳзае ҳар ду ба чашми якдигар нигариста табассум карданд.

Табассуми марди сӯхтагӣ ҳамчу гуфтораш лабханди оддӣ не, маънидор барин, асрорангез менамуд... Вай ба пой ва асобағали ҳамроҳаш гаштаю баргашта менигарист.

— Ҳаво ҳам даргирифт-а? — Сайфиддин-амак арақи сару рӯяшро бо рӯмолча пок карду то ки сухане гуфта, дари сӯҳбатро кушояд, ба рӯи ҳамнишинаш нигарист. — Чилу се дарача мегӯянд. Чилу се дарача дар соя, дар офтоб-чӣ? Хусусан, дар офтоби Ёвон!

— Ин гармиҳо ҳеҷ гап не, тақсир. Офтоби Вахшро намедонед-чӣ? Вай ҷавоби саволашро мунтазир нашуда, боз пурсид: — Куҷо равонед? Вахш?

— Ҳа, ба Вахш… Пурсидан айб не, сару рӯятонро сӯхта будед ё?..

— Э, напурсед, тақсир. Зинда монданамонба сад шукр.

— Э-э, дар ҷанг? Мо ҳам, ана як пойро монда омадем, — Сайфиддин-амак ба пои аз зону болотар буридагиаш ишора кард. — Дар наздикии…

— Истед, ки кай боз ба чашмам гарм метобеду… — ба рӯи ҳамсӯҳбаташ зеҳн монда, сухани ӯро бурид марди сӯхтагӣ. — Агар хато накунам, дар куҷое ман шуморо дидагӣ… Аз куҷоед?

— А Ёвон. Ёвонием, бародар.

— Дар фронт[2]-ку якдигара надидаем? Дар куҷоҳо ҷанг кардед?

— Мо дар фронти Волхуф будем. Ду бор тир зад, як ҳаф-

[2] Фронт – ҷабҳа. Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ солҳои 1939-1945.( аз забони русӣ)

та-ним ҳафта хоб рафта, боз аз қатор намонда ба майдони ҷанг мерафтем. Сонӣ зери бомбаборон мондему як пойро дар он муҳориба канда партофт. Аз ҳуш рафтаам. Як вақте чашм кушоям, дар дасти немисам. Ана, ҳамин катӣ саргардонию азобу уқубати мо сар шуд.

— Мо дар Исталинград[3] ҷанг кардем. Порсол ҷеғ заданд, рафтам, — зуд лаҷоми суханро гирифт марди сӯхтагӣ. — Ана вай генералашро боб карда гирифта, сонӣ дам нагирифта пеш рафтем. Рафтем-рафтему боз аборонаба[4] истодаем. То худи ҳамин вақти сол буд, дар Курск[5] гуфтагӣ ҷояш як ҷанге шуд, ҳеҷ монед! Э, қиёмат… Хаёл кардам, замин ҳамин замон мекафад. Танки мора дар ҳамон ҷо заданд. Сӯхт. Ду кас ба як азобе зинда мондем. Умр боқӣ будааст, набошад, аз он ҷаҳаннам одам зинда намебарод. Беҳуда намегуфтаанд, ки чил сол аҷал борад ҳам, аҷалаш расидагӣ мемурад. Истед, ки ба кучҷои Вахш меравед?

— Намедонам, ҳозир чӣ ном дорад, пеш аз ҷанг колхози “Зарбдор” мегуфтанд.

— Э-э… ба хонаи кӣ меравед?.. Пештара “Зарбдор”, ин колхози мо, — якбора ба ваҷд омад марди сӯхтагӣ.

— Як-ду шиносҳои кӯҳна доштем… Як ҷойҳои ҷавонира бинем…

— Номатон Сайфиддин-не? — аз рӯи ҳамроҳаш чашм наканда пурсид марди сӯхтагӣ.

— Бале... Хӯш, мора аз куҷо мешиносед? — пурсид Сайфиддин-амак бо тааҷҷубу табассуми хиҷолатомез ҳанӯз ҳам аз сару рӯи ҳамсӯҳбаташ чашм наканда.

---

[3] Исталинград – Волгоград (исми қаблиаш Сталинград), шаҳр дар Руссия
[4] Аборона – Ҳимоя (аз забони русӣ: оборона)
[5] Курск – шаҳр дар Руссия

— Ҳим-м… — марди сӯхтагӣ худ ба худ табассум мекарду сар меҷунбонд. — Оббо… Ҳоло ман Сайфиддин гӯед?

— Шумо... Шумо кӣ? Охир, исми шарифатонро гӯед, балки шиносам.

— Чил сол шуд-а! Ана, ҳамин писаратон барин будем, — вай ба ҷавони бархоста ба ӯ ҷой дода ишора карду суханашро давом дод: — Чени ҳамин будем. Оббо, Сайфиддин-е нашинохтед?

Лаҳзае ҳар ду ба рӯи якдигар зеҳн монданд.

— Э-э… — Сайфиддин-амак дар ҷои нишастагиаш ҳамсӯҳбати худро оғӯш карду рӯяшро ба гардани ӯ монд. — Исломбой!.. Исломбой!.. Э, худоро гардам, дидорбинӣ будаст-е! — Овозаш ларзону гашту беихтиёр оби чашм кард вай.

Мусофирони автобус бо тааҷҷуб ба сӯи онҳо мутаваҷҷеҳ шуданд. Сайфиддин-амак дасташро аз китфи Исломи Хидир намегирифту аз рӯи вай чашм намебардошт.

Онҳо дуру дароз аз ҳолу аҳволи якдигар, фарзандону пайвандон, шиносу дӯстон пурсон шуданд. Бештар Сайфиддин-амак савол мекарду Исломи Хидир ҷавоб мегуфт. Вай аз ҳар хусус гап мезад. Вале дар бобати Асал, ҳамон соҳибҷамоли зарбдор, ки аз сӯзи ишқи вай Сайфиддини маъюб баъди ҷанг ба Вахш наомада ба Ёвон рафт, даҳон намекушод.

— Фақат ман гап занам ё шумо ҳам ягон чиз мегӯед? — гуфт оқибат Исломи Хидир. — Канӣ гап занед, ин риша кай сафед кардед? Ё ба осиё баромада омадед?!

— Э дӯстам, азобҳои маро напурсед! Шумо, ана, сӯхтагӣ бошед ҳам, ба дасти одамони худӣ афтодед… Рӯятон сӯхтагӣ бошад ҳам, сурх, саратон баланд гашта омадед... — Сайфиддин-амак лаҳзае хомӯш монду ба талу теппаҳои дуродур чашм дӯхт. Алафи теппазорҳо кайҳо сӯхта, хоки сурхчатоби

онҳо дар офтоб медурахшид. — Мора немис аз майдон чинда гирифту ба кучҳоое набурд, чӣ азобҳое надод!.. Хуб гуфтанд:

Лаънат ба касе, ки ай ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.

Ҷанг тамом шуд, гуфтанд, ман хурсанд, ҳаракати ба ватан баргаштан кардам. Омадам, ки… э, напурсед… Тафтиш... тафтиш... Ҳам бо фашист ҷанг кардам, ҳам пойро он ҷо гум кардам, ҳам сахтию гушнагии асириро дидам, ҳам боз гунаҳкор, ки чиро асир шудам... кош мемурдам мегуфтам, аз ин хел асир шудана... Хайр, оқибат соф шуда омадам. Ба вокзали Душанбе фуромадаму ба хонаи хоҳарам рафтанӣ шудам. Вай дар шаҳр зиндагӣ мекунад. Не, рухсат нашуд. Дар шаҳр истодани мо баринҳо одаморо вайрон мекардааст... мумкин набудааст... Ба Вахш мерафтаму… лекин аз фронт ба як духтари камтар дилам об хӯрдагӣ хат навишта фаҳмидам, ки дилаш ба каси дигар аст, — Сайфиддин-амак саргарми хотира тағйири ваҷоҳати ҳамсӯҳбаташро пай набурд. — Суханони нағз навиштаст. Сиҳат-саломат биё, дар ин ҷо ба ҳар тори мӯят як духтар мерасад, гуфта дилбардорӣ кардааст. Лекин нарафтам. Як пой нест. Боз аз асирӣ омадагиам. Тинҷ мешавам ё не, кӣ медонад. Ба Ёвон рафтам. Дар ҳамон ҷо ҳам тинҷӣ набуд... Муаллим будам. Ба ту муаллимӣ мумкин не, гӯён ғид-ғид карданд, аз баҳри ҳамин касбу кор ҳам баромадаму дар хона шишта, кӯҳнадӯзӣ кардам. Гоҳе нағз, гоҳе бад рӯз мегузаштаст, бачаҳоро калон кардем. Ана, писарам, — Сайфиддин-амак ба писараш, ки ҳоло дар он сӯтар дастаи курсиро дошта рост меистод, ишора кард. — Хулласи калом, имрӯз ҳамроҳ як Вахш равем, ёру ошноҳоро бинем, гӯён ба роҳ баромадем… Асалро медонед? Ҳамон ба кӣ расид? А? — Вай боз ба саволаш зуд ҷавоб нагирифту андаке хиҷолат кашид магар, ба

тавзеҳи суханаш сар кард. — Э-э, талабгораш зиёд буд. Хайр, бачаҳо аксараш ба ҷанг рафта гашта наомаданд. Ба кӣ насиб карда бошад ҳам, хушбахт бошад, шуд.

— Қиссаи Асал ҳам ғалатӣ, Мулло Сайфиддин, — оқибат бо табассум ба гап сар кард Исломи Хидир. — Росташ, вай аз ман умедвор буд. Ба фронт ҳам хат менавишт. Баъди сӯхта ин хел шуданам, хуб фикр кардам: Ба деҳа рафта чӣ кор мекунам?! Гирам гӯям, ба духтар ҷабр мешавад... Худат медонӣ, ҳусну малоҳати вай чӣ хел буд! Киҳо ба вай талабгор нашуданд! Нагирам, як умр доғаш аз дил намеравад. Вақте ки аз ҷанг баргаштаму ба ҳавлӣ даромадам, додою очаам нашинохтан-е! Бовар мекунед?! Ба Асал рӯирост гуфтам, ки ман лоиқи ту не. Номардӣ мешавад, ҳама гап мезананд. Ту гул барин, ман-чӣ?! Ба заношӯии мо ҳама механданд. Ту ҳам орзую ҳавасатро бин, ба ман кӯр аст ё кал, мувофиқи худам будагист. Ман аз худам безору ту маро чӣ мекунӣ? Вай зорӣ кард, лекин ман эътибор надодам, "дилбардорӣ медиҳад-да" гуфтаам. Сонӣ пушаймон шудам… Алқисса, падару модар маро хонадор карданӣ шуданд. Гуфтам, ки ихтиёр доред, хостагиатонро кунед, ман розӣ. Армони ман дар дилам мурд, акнун додою очаам дилхоҳашонро арӯс карда, армонашон шиканад, се-чор рӯз дар зиндагӣ арӯс хизматашонро кунад, гуфтам. Як духтарро аз тӯби худамон нон шикастанд. Ҳоло маслиҳати тӯй ҳам набуд, ки Асал ба худаш карасин[6] рехта алав зад… Ба беморхона бурдаанд. Давида рафтам. Як моҳ то ба пой рост гаштанаш ҳар рӯз дар таҳдари беморхона будам гӯям, дурӯғ намешудагист. Сонӣ, ҷавоби вай духтарро узраш катӣ гуфтему Асалро ба ман никоҳ карданд. Ҳар ду ҳам ана, ҳамин хел ба-

[6] Карасин -- маҳсуле аз нафт, сӯзишворист

шараи сӯхтагӣ катӣ мондем, — Исломи Хидир ба андоми сӯхтагиаш ишора кард. — Писару духтарҳо шукр, калон шуданд.

— Калониаш писар аст ё духтар? — пурсид Сайфиддин-амак.

— Калониаш писар. — Аз хизмати ҳарбӣ шофёр[7] шуда омад. Зан додем, хонаашро ҷудо кардем. Дуюму сеюмаш — духтар. Ҳар ду пасопеш, шукр, ба қад расид. Кенҷааш — писар.

Автобус талу теппаҳоро гузашта, аз байни пахтазору мевазорҳои водии Вахш медавид. Сайфиддин-амак ба ду тарафи роҳ менигаристу заминҳои замоне аз қамишзору ҷангалзор порча-порча кушодаашонро ҳоло намешинохт. Айёми ҷавонӣ, ходими фаъоли комсомол... Каналковию қӯруққушоиҳо, дилбастагиаш ба Асал, бехобиҳо, шабу нимишаб сари роҳу гирди ҳавлии ӯро давр зада гаштан, оқибат ду даҳан рози дилашро гуфта натавонистану ба фронт рафтанаш — ҳама як ба як аз пеши назараш гузаштанд. “Аслаш, чӣ шуд, ки ман ба вай дил бастам-а? — худ аз худ мепурсид вай. — Ҳа, ҳамон рӯзе сар шуд, ки бо талабаҳо қамишзорро тоза мекардем, поямро дос заду колхозчиҳо ғун шуданд... Вай ҳам омад. Зуд рӯймоли сарашро дод, то ки ҷароҳати маро банданд. Сонӣ, ба ивази уребчааш рӯмоли нави шоҳӣ тӯҳфа карданӣ будам, аммо духтар нагирифт. Уребчаи хунинро руст карда, дар ҷанг ҳам бо худ гирифта гаштам… Гоҳе менигаристаму ба рӯйҳоям мемолидам… Асал, Асал! Худаш ҳам духтар не, як паризод буд-е! Ҳусну малоҳаташ як тараф, хушхулқиашро намегӯед! Меҳрубониаш, одамгариаш ҳамаро ҷазб мекард. Ана фарзандонаш калон шудаанд…”

— Мулло Ислом?

---

[7] Шофёр – ронанда (русӣ)

— Лаббай, тақсир?

— Ҳамин… Ман мегум… Писари моро дидед?

Исломи Хидир ба ҷониби ҷавон як назар партофта бо табассум гуфт:

— Худо умрашро диҳад, нусхаи худатон-е! Пеш аз ҷанг ранги ҳамин писаратон будед. Ӯро дида, ман шумора шинох-там.

— Ҳамин мегум, Мулло Ислом, писарам бачаи бамаънӣ: арақ намехӯрад, сигор намекашад, даҳансахтию ба рӯи кас да-виданаш нест. Хӯш, ки бошад, институтро ҳам тамом кард, духтур. Ман маълумот дорам, гуфта баъзеҳо барин пешхезӣ намекунад. Ҳамин мегум, агар тақдир рафтагӣ бошад, хешу табор шавем?.. Ман ҳозир рост ба хонаи шумо равам. Хайр, аз худатон гап намемонад. Кӯҳ ба кӯҳ намерасад, одам ба одам мерасад, мегӯянд… Ҷавонҳо як назар якдигарро бинанд…

— И-и, охир ин чӣ хел мешавад, тақсир? — Исломи Хидир ба ин таклифи ногаҳонӣ чӣ гуфтанашро надониста ҳай-рон монд. — Албатта, духтар диҳем, ба писари шумо барин ҷавон медодагистем-да. Лекин гап ба ин не… Чӣ хел мешавад, ин ман худам хостгор барам… Мардум чӣ мегӯянд? А?

— Албатта, Мулло Ислом, худи ҳозир нон шиканед гуфтагем не-ку! Боз чарх зада, алоҳида мебиёем-да. Мо ҳам дар байни алаф рӯидагемо не, шукр, хешу табор дорем, тӯбу тухма дорем. А, чӣ мегӯед, ҷӯра?

— Надонам. Хайр, меҳмон шавед… Он тарафаш кори тақдир, тақсир.

— Ҳа, албатта. Боз қадрдонҳои пештара катӣ хешу табор шуда, наздик будан мехоҳам, ҷӯра.

Ду марди маъюб бо меҳр ба рӯи ҳамдигар менигарис-танд. Ашк чашмони ҳар дуро метаровид...

***Соли 1976.***

## ОҒОЗ

***Ишқро оғоз ҳаст, анҷом нест.***
***Саъдӣ.***

Офтоб акнун як қади найза баланд гашта буд.

Ромиш гӯсолаҳоро ба марғзори канори дарёча овард. Ҳоло онҳо аз алафи тоза сар намебардоштанд. Вай ба болои тахтасанге нишасту ба соҳили муқобил чашм андохт: болои талу теппаҳоро ҷангали анбӯҳ пӯшида буд. Фақат аз ҳар ҷо-ҳар ҷои ин махмали сабз шаху зовҳо сар бароварда буданд. Ана харгӯшаке аз ҷангал давида баромаду дар сабзамайдони соҳили рӯд лаҳзае бозистод, ба ду пои қафояш рост шуда ба атроф назар кард… Ларзидани пойҳои онро Ромиш равшан дид. Бозе худро ба дарахти канори рӯд заду дар чангаш гунҷишкеро чириққос занонда парида рафт.

Ромиш имрӯз танҳо аст. Субҳидам ҳамкораш Сабо хоҳиш кард:

— Имрӯз ман рафта наметавонам. Кори зарур дорам… Як худат ӯҳда мекунӣ?.. Ҳеҷ набошад, то пешин? А?

— Э, рафтан гир, хавотир нашав. Хурд нестам-ку! — гуфт вай дар ҷавоби ӯ.

Сабои чашмсабз ва Ромиш дар мактаб ҳам ба якдигар меҳрубон ва наздик буданд. Баъзе бачаҳо мазоҳ мекарданд, духтарон таъна менамуданд, аммо ба дӯстии онҳо хеҷ чиз халал расонда наметавонист. Сабо духтари хушрӯй не, аммо бенур ҳам не. Лекин ба Ромиш ҳусни вай не, ҳамту худаш маъқул. Баъди ба омӯзишгоҳи наққошӣ рафтанаш Ромиш аҳд кард, ки ба Сабо мактуб навишта, рози қалбашро боз кунад,

аммо ҳеҷ ҷуръат накард. Сонӣ тасмим гирифт, ки ба таътили тобистона меояду албатта розашро ба Сабо мегӯяд, дигар таъхир кардан мумкин не. Сабо аз вай ноумед гашта бо як ҷавони дигар қавлу қасам карданаш мумкин. Ана, таътилот ҳам шурӯъ шуду вай ба деҳа омад. Аммо ҳоло фурсати ин ҳарфҳо не — модараш маризанд. Сабо чӣ фикр мекунад: дар хона модараш бемору ин ҷавон чӣ хаёлҳое дорад! Сонӣ… ҳоло барвақт… вақти ин гапҳо не, — мегуфт вай худ ба худ. Ман акнун ҳабдаҳро пур кардам. Сабо аз ман як сол хурд… Эҳ, тезтар очаам сиҳат шуда, ба по мехестанд. Ҳозир апаам нигоҳубин мекунанду ман ба ҷои вай Сабо катӣ гӯсолабонӣ мекунам. Таътил ба охир расад, баъдан чӣ мешавад?

Ӯро дар деҳа ҳоло ҳамчун домпизишк мешинохтанд. Воқеае рух доду Ромишро ба ин касб муаррифӣ кард: Нағмагари думоҳа аз юнучқаи нав сер шуда, варам карду қариб, ки мурад. Ромиш ба тарафи молпарваришгоҳ давид, аммо дар он ҷо гуфтанд, ки байтор нест. “Гӯсола дар ҳоли мурдан аст, чӣ кор кунам?” гӯяд, мудир китф дарҳам кашида гуфт: “Аз дасти ман чӣ меояд, писар, ман духтур набошам”. Ромиш ба хунсардии вай ҳайрон шуд. Ба молу мулки колхоз баъзеҳо бепарвоӣ мекунанд, вале то ин ҳад фориғбол буданро надида буд. Баъдан вай шитобон ба сари гӯсола расид. Нағмагар дар дами ҳалок буд. Ҳамроҳи Сабо зуд оташ равшан карду дами кордашро ба он дошта, аз уфунат пок сохт ва шиками варамидаи гӯсоларо шикоф кард. Бодро бароварду ҳам шикамба ва ҳам пӯсти Нағмагарро бо сӯзани ба алав доштаи Сабо бо риштаи оддӣ дӯхт. Сипас гӯсоларо то шом баста нигоҳ дошт, то ки такон нахурад. Ғайриимкон, вале гӯсола сиҳат ёфт. Ҳоло дар русто аз наққошии ӯ ҳарф занед, даст меафшонанд, аммо дар хусуси ҷарроҳии вай хурду бузург ба таҳсин лаб кушода, “дасташ

сабук будаст, худо умраша диҳад” мегӯянд.

Ромиш баъди он ки нишаста, андаке нафас рост кард, бархосту марғзорро давр зада донистан хост, ки ҷару ҷӯи гӯсолаҳо ногаҳон афтода маъюб мешуда набошад. Дар пеш — сой, ду тараф бо шаху зов — қалъабанд. Гӯсолаҳо аз ин марғзор фақат қафо гашта берун рафта метавонанду бас. Вай ана ҳамин роҳи қафоро гирифта, дар сояи зарбед қарор гирифт. Асбобу анҷоми рассомиро кушода, бо сиёҳқалам ба кашидан шурӯъ кард. Ҳоло дар маҷмӯаи наққошиҳои ӯ хеле лаҳзаҳои дилчаспи чарогоҳ акс ёфтааст. Вай соли аввали омӯзишгоҳро ба итмом расонида, алъон донишомӯзи соли дуввум ҳаст. Албатта, тасвирҳояш ҳанӯз хом, мазмунан рангин ва амиқ не. Шояд замоне рассоми моҳир шавад, шӯхии ин гӯсолачаҳои шайтонро мукаммал тасвир мекунад. Чунон наққошӣ кунад, ки ҳар кас бинад, ба димоғаш бӯи марғзорояд, баоси гӯсолаҳоро баръало шунавад.

Бо таҳдид ба Алмос пуфу куф кардани Майдаяки думсафедро тамошо кунед! Саг монанди баҳодуре, ки шӯхию густохии кӯдакро тамошо дорад, бо як ваҷоҳати аҷиб ба гӯсолача нигариста ғур-ғур мекунад. Ғурриши саг дар ин гуна мавридҳо таҳдидомез нест, балки мисли оҳанги лабханд ва ё ҳазлу навозиш дошта аст. Ана, Олуфта шабеҳи аспи пойга гирдогирди марғзор метозад. Одати вай ҳамин тавр аст, баъзан худ аз худ бесабаб, баъзан ягон ғурмагас газад, аз аламаш ба тохтан сар мекунад. Олуфта ном гирифтани вай беасос нест: ҳамеша худро покиза нигоҳ медорад, танашро лесидагеш — лесидагӣ. Сағриҳояш ҳамеша шона задагӣ барин.

Наздики нисфирӯзӣ сояе рӯи қоғаз лағжиду Ромиш сар бардошта Саборо дар канораш дид.

— Оҳиста омада, тарсондан мехостӣ?

— Дилу гурдаата фаҳмам гуфтам… Уф-ф… Накофтагӣ ҷой намонд, — Сабо оҳиста ба рӯи харсанг нишаст. — Нохост ба ёдам расид, ки ҳамин ҷора таъриф мекардӣ. Ин қадар барвақт баровардӣ? Гуфтам-ку баъди дуртар рафтани пода барор, — мисли мошини чокдӯзӣ тез-тез ба ҳарф даромад Сабо.

— Ҳаво тасфад, гӯсолаҳо алаф намехӯранд.

— Ромиш, самбӯса мехӯрӣ? Гир, самбӯсаи кадугӣ, — Сабо як даста самбӯсаи қоғазпечро ба рӯи санг монду наздиктар омада, ба расми кашидаи ҷавон зеҳн монд.

— Сонӣ… — Ромиш бо лаҳне гуфт, ки мисле ба корам дахолат накун, буд.

Сабо гӯсолаҳоро аз офтоб ба соя, ба ҷониби бедҳои соҳили рӯд ронд.

— Тезтар! Ба соя гузар! Офтоб мезанаду мемурӣ! — бо гӯсолачаҳо гуфтугӯ мекард вай. Алмос хомӯш думболи вай мерафт.

— Меомадам, дар роҳ Зафара дидам, — баргашта омада ба сухан даромад Сабо. — Вай имсол мактаба тамом кард, акнун ба шаҳр рафта хонданӣ. Мегӯяд, ки кошки ба ҷои Ромиш бо ягон баҳонае ман ҳамроҳат кор мекардам. Гуфтам, ки Ромиш бо ягон баҳона не, ба кори зарурӣ банд аст. “Э, медонем, — мегӯяд, — кор — баҳона”. Бачаи аҷоиб-а? Камтар худаша таъриф кард, росту дурӯғи шунидаашро ба худаш часпонда хеле гап зад, “ҳа-ҳа” гӯён гӯш кардам. — Сабо ба авзои писарак зимнан зеҳн монда, менигарист. Ӯ мехост бифаҳмад, ки ҳарфҳои ӯ ба Ромиш чи гуна таъсир дорад.

Ромиш чизе нагуфт. Ӯ тарҳи марғзор, кӯҳ ва гӯсолачаҳои бозингарро рӯи қоғаз меовард. Сабо гоҳ ба наққошии Ромиш ва гоҳе ба чеҳраи ҷавон нигариста, беист ҳарф мезад.

— Имтиҳони шумо ҳам сахт будагист-а? Ту аз ҳамааш

аъло гирифтӣ ё чор ҳам дорӣ?

— Дорам, — аз кораш сар набардошта ғурунгос зад Ромиш.

— Ман ҳам дута чор дорам, — яктааш аз физика, дигараш аз нақшакашӣ… Ромиш, ту баъди омӯзишгоҳ ба Академияи рассомӣ меравӣ-а?

— Намедонам.

— Меравам гӯй, ин қадар хоксорӣ накун!

— Модарам — бемор… Дасттанҳо. Кор карданиам. Агар илоҷаш мебуд, ғоибона мехондам.

— Хайр, сиҳат мешаванд, нигарон набош, — монанди бузургсолон дилбардорӣ кард Сабо. Баъди сонияе аз ҷои дигар ҳарф шурӯъ кард: — Зафар ба институти политехникӣ ҳуҷҷат супоридаст. Як шиносашон будаст, ваъда кардаст, ки кумак мекунад.

— Шарм накарда ҳамин хел гуфт? — Ромиш бо таассуф сар ҷунбонд. Вале ин дам аз дилаш гузашт, ки мардум вақтҳои охир аз ин қабил корҳо хиҷил не, баръакс, ифтихор мекунанд.

“Агар ба Ромиш малол нашавад, гашти рӯз, тафси ҳаво гардад, чарх зада, ба наздатон меравам”, гуфт. Ман гуфтам, ки биё, омадан гир.

— Аҷоиб, барои чӣ ман аз омадани вай малол мешудаам?!

— Намедонам. — Кӯтоҳ ҷавоб дод Сабо. Сипас зуд аз боби дигар сухан сар кард: — Ман ҳоло ба як қарор наомадаам. Намедонам ба хондан равам, ё дар ферма кор кунам?.. Агар ту дар шаҳр бошӣ, ман ҳам рафтанӣ.

— Аҷоиб… — абрувонашро чин кард Ромиш, вале дигар ҳарфе назаду худ ба худ китф дарҳам кашид.

Ҳоло вай дар рӯи қоғаз бо сиёҳқалам акси сагро

мекашид. Агарчи Алмос ин дам дар канори рӯд гаштугузор дошт, Ромиш сурати онро дар рӯи харсанг, чашму гӯшаш ба ҷониби гӯсолаҳо тасвир мекард. Саг гӯшҳои кӯтоҳ буридагиашро сих карда, гӯё хатареро эҳсос карда бошад, ба ҳамла омода буд. Аммо авзояш, хушҳол барин.

— Саги хатар пай бурда ин хел намешавад.

— Ҳа-а… — Ромиш як чашмашро нимкоф карда ба акси кашидааш бо диққат нигаристу сар такон дод.

Баъд ба islоҳи тасвир шурӯъ намуд.

— Очаатро духтур дид охир? — пурсид духтар баъди шумурдани гӯсолаҳо.

— Чӣ гуфт? — баъди он, ки Ромиш бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд, боз савол кард Сабо.

— Ба қарибӣ аз ноҳия духтурҳои калон меомадаанд. Онҳо бинанд, сонӣ ба беморхонаи шаҳр мефиристонем, гуфтанд.

Ба миён сукут афтод. Абрувони борику тегдори духтар гиреҳ шуд, дар чашмонаш асари андӯҳ падидор гашту дилтангона оҳе кашид.

— Очама мебаранду таҳсили ман ҳам сар мешавад… Апаам, танҳо, — гуфт Ромиш.

— Шабҳо ман ба наздаш рафта хоб мекунам.

— Ба гуфтан осон. Додою очаат иҷозат медиҳанд-чӣ?

— Мемонанд.

Аммо аз оҳанги суханаш фаҳмидан душвор набуд, ки барои иҷозати волидайн мебояд хеле талош кунад.

Сабо бархосту гӯсолаҳоро аз назар кард.

Се гӯсолача ба болои шахи баланде баромада «мерақсиданд». Сумҳояшонро сахт-сахт ба санг кӯфта, думҳоро сих карда, гоҳ ба навбат, гоҳе ҳар се баробар ҷастухез кардани

онҳоро дида, беихтиёр хандаи кас меомад. Ба таври худ гӯё мусобиқа мекарданду дар рақсу ҷастухез маҳорати худро намоиш медоданд. Боз саҳнаи ёфтаашонро бинед! Як шахи баланде, ки рӯяш ба қадри як суфа ҳаст ё не! “Ҳамин лаҳза яктоаш парида меафтаду маъюб мешавад”, дар дил гуфт Сабо ва бархоста ба он сӯ рафт. Алмос ҳам хомӯш аз қафои вай равон гашт.

Сабо аз тарафи боло ба гӯсолаҳо наздик мешуд, ки ин дам Ромиш ӯро боздошт.

— Аз боло нарав! Аз ту рамида худаша ба поин меандозад. Аз поин ҳай кун, — маслиҳат дод вай.

Сабо ба таҳи зов рафту дастонашро афшонда “чу-чу” гуфт, Алмос бо таҳдид “ак-ак” карду гӯсолачаҳо бо раҳи баромадаашон аз шах фуромаданд.

Қурси офтоб рост ба фарқи сар меомад. Гармии рӯз ба авҷаш расида буд. Гӯсолаҳо тӯда-тӯда гашта, худро ба соя мезananд. Шайтонаку Қашқа соя наёфта, сарашонро ба панаҳи санг ҷо карданд. Алмос бо даҳони бозу забони овезон ҳалқак мезад.

Ромиш ва Сабо гӯсолаҳоро ба тарафи болооби рӯд, ки дарахтони соя дошт, ронданд.

* * *

Баъди пешин онҳо гӯсолаҳоро ба ангори назди Кафтархона бурданд. Азбаски замини ин ҷо обӣ аст, баъди дарави гандум ангор серпечак, вoту лаби ҷӯйҳо алафзор буд.

— Сабо, ҳушьёр шав, — таъкид кард Ромиш, — поёни ин ангор нахӯдзор будаст. Нохудогоҳ гӯсолаҳо гузашта, нахӯди пухта расидаро ба замин яксон накунанд.

Сабо аз ӯ дуртар сари санг нишасту таронаеро бо овози

паст тараннум мекард:

Дарьё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад?

Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?..

Насим мӯйҳои аз зери уребча ҳалқа зада баромадаи ӯро ларзонда бозӣ медоронд. Вай имрӯз кокулонашро ҷамъ карда, бо уребча ба пушти сараш баста буд, ки дар натиҷа рӯяш пурра бо тамоми латофат дар назар ҷилва мекард. “Пӯсти сафеди рӯяш дар офтоб ҳам сиёҳ намешавад, — худ ба худ гуфт Ромиш. — Аҷабо, чашмонаш шишаи сабз барин кап-кабуд. Умуман, дар деҳаи мо кабудчашмон бисьёранд. Мӯяшон хурмоию чашмонашон ё сабз, ё обӣ… Ҳафтаи гузашта, шаби ба осиё гандум бурданам, Сабо ба хонаи мо омада, ҳамроҳи апаам ҷомашӯӣ кардаст. Соатҳои дувоздаҳи шаб аз осиё омада, табъам хира шуд. Ҳаминаш кам буд! Бачаҳо фаҳманд, чӣ мегӯянд?! Зафар баринҳо шунаванд, “э, вай занаш барин, шабҳо рафта хоб ҳам мекунад», мегӯянд. Шояд, барои ин кор аз додою очааш гап шунидагӣ барин… Ба ҷои апаам ман ба гӯсолабонӣ бароям, чӣ қадар ғур-ғур карданд, ҳатто ба молхона рафтанд… Кадом аз рӯзҳо аз дасташ пиёлаҳоро ба ҷӯй сар додаст, очаш ҷанг кардаанд, гуфтаанд, ки ҳуши ту духтар дар ҷояш не, бирав ба хонаи ҳамун бача дароюю шин…”

* * *

— Ромиш, барои чӣ сурати мана намекашӣ? Фақат кӯҳу дарахт, сагу гӯсола… Ягон бор акси мана каш. Ё намехоҳӣ? А?.. Эҳ, агар ман рассом мебудам…

— Чӣ кор мекардӣ?

— Сурати тую Алои Хаппака дар як ҷо мекашидам. Ҳар ду ба ҳам монанд, дамдуздед.

— Ягон рӯз наққошӣ мекунам… Усто шавам, — Ромиш инро гуфту гӯё нафареро фиреб карда бошад, худ ба худ хиҷолат кашида сурх шуд. Сониян аз мавзӯи дигар ҳарф боз кард: — Момои Гулсум ҳоло ҳам танҳо зиндагӣ мекунанд-а?

— Ҳа. Колхоз ёрӣ мекунад. Худашон ҳам бақувват, рӯзаш катӣ дар полизашон ҷунбуҷӯл мекунанд. Ҳосили сабзию пиёзашон чунон нағз!

— Ҳазл не, модари Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ!

— Мардум ба шӯхӣ худи он каса қаҳрамон мегӯянд.

— Ман ягон бор рафта, сураташона кашиданӣ. “Модари қаҳрамон” ном мемонам… Аммо шарм медорам.

— Ту аз ҳама чиз шарм медорӣ. Намедонам, агар ягон духтара дӯст дорӣ, чӣ кор мекунӣ? — Сабо аз сухани гуфтагиаш хиҷолат кашида, рӯяшро бо дастонаш пӯшида хандид.

— Агар нағз бинам, сураташа мекашам, — гуфт Ромиш рӯяшро аз вай гардонда, машғули рангомезӣ. Баъд илова кард: — Шояд наққошӣ карда бошам…

— Канӣ, ба ман як намой, — хоҳиш кард Сабо бо шӯхӣ. — Гӯй, вай кӣ худаш? А? Сурати кира кашидӣ?

— Инаш — сир… Ба ҳеҷ кас намегӯям.

— Хайр, гӯй, илтимос. То нагӯӣ, намемонам, — бархоста наздик омад Сабо.

— Э, рав-е! Шухӣ кардам! Ҳазлро намедонӣ?

— Қасам мехӯрам: ба ягон кас гӯям, ҳар чӣ шавам!

— Ҳеҷ кас не! Фаҳмидӣ? Сурати момои Гулсума мекашам.

— Не, росташа гӯй, боз кира? — Сабо ба асаби вай расида, мӯқаламро аз дасташ гирифт. — Аввал гӯй…



— Бас кун, ман ҳазл кардам, — Ромиш зарфи шишаиро гирифту оби рангини онро холӣ кард ва барои оби тоза овардан ба тарафи рӯд равон шуд.

Сабо аз қафои вай нигариста, дар хаёл монд.

— Рӯзе сурати худата мекашам, — дуртар рафта гуфт Ромиш. Вай бо як табассуми шармгинона асроромез ба духтар нигаристу қадамашро қавитар гузошт.

— Ман рухсат надиҳам-чӣ? — гуфт Сабо ишваомез, аммо Ромиш сухани ӯро нашунид ва ё фаҳмида бошад ҳам, ҷавобе надода ба раҳаш идома дод.

Ӯ зарфи шишаиро шуста ба он оби тоза гирифту ангорро давр зада ба тарафи нахӯдзор гузашт. Се-чор гӯсолаи ба нахӯдзор наздик рафтаро қафо ронду худ ба тамошои нахӯди навпухта саргарм шуд.

Сабо ба саргармии ӯ нигариста, тааҷҷуб мекард: “Гӯё нахӯдро дар умраш бори аввал медида бошад, зеҳн мондани уна нигаред”, — тааҷҷуб мекард духтар.

Аз он тарафи сой ду нафар бачаи қад-қади об дар даву тозро дида, сараввал Сабо эътибор надод. Бачаҳо дар рӯ ба рӯи Сабо қарор гирифтанду ба болои харсанге баромада бо ҳар гуна ишораҳо фарьёд карданд:

— О-о-ми-и-н!

Чӣ гуфтани онҳоро фаҳмидан намешуд.

Баъди он ки чанд бор сайъ карда, матлаби худро фаҳмонда натавонистанд, бачаҳо маслиҳат карданду баробар фарьёд заданд:

— Ро-о-ми-ишш!

Ромиш бо изтироб пештар давида рафт.

— Ҳо-о-о!.. Чӣ гап?..

— Баландтар фарьёд кун, — саросема шуд Сабо.

— Чӣ-ӣ? — Ромиш боз пештар рафт.

— Очаат… данд… — бод ба гӯши онҳо чанд ҳиҷои нотамомро овард.

— Чӣ-и?

Бачаҳо бо маслиҳат “як-ду-се” гӯён, баробар фарьёд карданду матлаб равшан гашт.

— Биё-ё-ё!.. Очаатро мебаранд! — Бачаҳо ин се калимаро такрор ба такрор мегуфтанд.

— Сабо, аз гӯсолаҳо бохабар шав!

Ҳанӯз Сабо ба сухан даҳон боз накарда буд, ки Ромиш дур рафта буд. Вай аз сангу буттаҳо ҷаҳида, мисли бод ба ҷониби деҳа мерафт. Бачаҳо ҳанӯз ҳам фарьёд доштанд. Сабо муддате аз думболи вай нигариста истод. Сипас як оҳи сангине кашиду гӯсолаҳои ба ҳар тараф парешон гаштаро ғун кардан гирифт.

Гӯсолаҳоро ҷамъ карду ба соя рафта муддате ғамгин нишаста буд, ки Зафар пайдо шуд. Сабо аз омадани вай мамнун, мушкили ба сари Ромиш омадаро гуфт.

— Хеле ҳам ҷои хилватро ёфтед, — сухани Сабоdefault аз хусуси бемории модари Ромиш ва имрӯз ба бемористони ноҳия бурданашонро бурид Зафар. — Сабо, ту, ба назарам, рӯз аз рӯз хушрӯтар мешавӣ!.. Ё ба чашми ман аз ҳама хушрӯй менамоӣ, намедонам… Ягон сир ҳаст… Ман худам ҳам ҳайрон… — Зафар бо ин суханон ба Сабо ҷафстар нишаст.

— Ин чӣ қилиқ?!. Чӣ гап?.. Э-э… — ҳайрон шуд ва дасту по хӯрд Сабо. — Усунтар шин! Шарм намедорӣ?!

— Шармаш чӣ?.. Ҳиъ… Шарм дар бозори чарм…

— Ҳой, маст-пастӣ-чӣ? — чашмони Сабо калон-калон гаштанд. — Хез, дуртар шин!.. Э-э, шарм… — Сабо бархоста, аз ӯ дуртар нишастанӣ шуд, аммо Зафар аз дастӣ ӯ гирифт.

— Ромиш катӣ… Ромиш катӣ шарм намедорӣ?! Чӣ, ман аз вай камам?

— Ин чӣ гуфтагет?

— Э-э, худатро ба нодонӣ назан!.. Кӯр не ман, ҳамааша медонам.

— Чира медонӣ?! — ранги рӯи Сабо мисли дока сап-сафед шуд.

— Ҳа, хайр, мон… Ман ту катӣ ҷанг карданӣ наомадаам. Баръакс… Биё… аз ман наранҷ… Сабоҷони хушрӯ… — вай боз ба духтар наздик рафт.

— Ҳа-а… Ана, гап чӣ!.. — чашмони Сабо кашида шуданд.

— Ба дилат нагир. Ман… тура нағз мебинам… Барои ҳамин… Худат медонӣ, — Зафар сари роҳи Сабоpo гирифту бо дастонаш аз ду дасти духтар маҳкам дошт.

— Сар те! — бо ғазаб теғ кашида, ба вай нигарист Сабо.

Зафар даҳонашро боз карда, табассум карду дасти ӯро сахттар фишурд.

— Сар те!.. Дод мегӯям! — Сабо худро такон дода, дасташро аз дасти ҷавон раҳо кардан хост.

— Дод гӯй… Худат шарманда мешавӣ, — хунсард табассум карда дасти ӯро раҳо намекард Зафар. — Хайр, биё мешинем, — ӯ Сабоpo оғӯш карданӣ шуд, аммо духтар ӯро тела дод.

— Алмос!.. Алмос! — фарьёд кард вай.

Саг дар як сония аз куҷое ҳозир шуду бо нигоҳи савол ба чашми духтар нигариста думашро такон медод ва гӯё гуфтан мехост: “Бифармо, чӣ хизмат?” Зафар аз тарс худро ба қафои Сабо гирифта буд. Ҳарчанд, ки саг ба вай беэътибор буд,

ҷавон аз саги бузургҷусса ҳаросид ва дастони духтарро раҳо кард.

— Канӣ, тезтар! — Сабо ба вай амр кард. — Бо кадом раҳ омада бошӣ, ҳамон раҳ катӣ… думата хода кун!

Сабо баъди рафтани Зафар хеле вақт хомӯшу пакар ва бедимоғ нишаст. Қалбаш ноором ва авзояш хиратабъ буд, чӣ кор карданашро намедонист.

Вақте ки рӯз гашт карду вай чизу чораашро ғундошта, асбобҳои Ромишро ҷамъ мекард, лаҳзае наққошиҳои ӯ диққаташро кашид. Ногаҳон… Ин чӣ? Дар байни наққошиҳо акси худи вай… Хандида менигарад… Як гесӯяш ба пеш афтодагӣ… Дар чашмони Сабо ашк таровид. “Дӯст медорад”, гуфт вай зери лаб бо чашмони ашколуд табассум карда.

***Соли 1977.***

## АККАҲОИ ДУЗД

Боре аккаи ало чормағзи ба рег гӯр кардагии маро дуздид ва чанд рӯзе ба тақозои кунҷковӣ аз паи ин паррандаи зираку чолок афтодам.

Ҳунари аккаи ало ё чунон ки дар баъзе маҳалҳо мегӯянд алошақшақа бо ин адо намешавад. Ака дар аксари маҳалҳо ба дуздӣ низ машҳур аст. Мегӯянд, ки вай чунон мурғи бефаҳм аст, ки ҳар чизи ба чангаш афтодагиро, хоҳ ба вай даркор бошад, хоҳ не, медуздад. Аз ростӣ, дар болои бом қурут хушк кунем, акка ҳатман аз он насибашро мебарад. Қурути туршу шӯрро чӣ мекунад, ҳеҷ намефаҳмам. Хӯрданашро надидаам, вале дар нӯлаш қурут аз бомамон париданашро чандин бор дидам. Балки мехӯрдагист, кӣ медонад. Мақол ҳаст-ку, дили акка оши турш мехоҳад. Бештар дар ҳаққи касони хомтамаъ ҳамин хел мегӯянд. Хайр, бигирем, ки акка қурутро мехӯрад ва ё барои зимистон захира мекунад, аммо аккаи ало чумчаи чӯбинро чӣ мекунад, ҳеҷ кас намедонад. Ман ҳам намедонам. Дар боғамон як дарахти азими мурӯд буд. Дар шохи баланди мурӯд хонаи акка мудом диққати маро ба худ мекашид. Боре бо азоб ба он шох баромадам, дар байни чӯбҳои лонааш як чумчаро ҳам дида будам. Ман чумча дуздиданашро ҳам ба чашми худам дидагӣ. Ҳавлиҳои деҳаи мо, агар дида бошед, дар ёнаи кӯҳ, зинапоя барин боми яке ба дигаре дархона аст. Дархонаи мо боми зинхонаамон. Шолча густурда шабу саҳар дар он ҷо менишинем, хӯрок мехӯрем, хоб мекунем.

Як пагоҳӣ ман косаи ширчойи очаам пухтагиро тез-тез хӯрдаму аз паи коре саросема ба хонаам даромадам. Гашта бароям, ду акка аз сари дастархон парид. Дар нӯли яке — чумча!

— Оча, оча! — тохта ба ошхона ба назди очаам рафтам. — Акка чумча мехӯрад-чӣ? Ман аз хона бароям, чумчаи ширчойро гирифта парид.

— Сад бор гуфтам, хӯрокатро хӯру дастархонро печон. Аз дасти ин исқот дар рӯзгор чумча намонд, — гуфтанд модарам.

— Акка чумчаро чӣ мекунад? Мехӯрад? А?

— Кӣ медонад чӣ мекунад, — аз паи кори худ буданд модарам.

— Хайр, барои чӣ мебарад-а, оча?

— Мебарад исқот, намедонам вассачӯби гӯраш месозад...

Ман сонитар аз бачаҳо фаҳмидам, ки аккаҳо баъзе чизҳои дигарро ҳам медуздидаанд, ки ҳаргиз ба онҳо даркор нест. Яке аз ҷӯраҳои ман қасам хӯрд, ки бо чашмаш бурдани носкадуи бобояшро дидааст. Дигаре гуфт, ки сумкаи укочаашро ба офтоб монанд, акка гирифта гурехт.

Шавқмандии аккаҳо ба ашёи рӯзгори одамон маро ҳайрон мекард. Аз ҳама бештар духтари имом — Хадича моро тарсонд:

— Акка барои ҳамин хел duздиаш ба дуои бади кадом як азизу авлиё гирифтор шудагӣ, — гуфт вай боре исроромез овозашро паст карда. — Он кас дар сари қаҳр гуфтаанд, ки "э, тухмат аз даҳанат ояд!" Барои ҳамин акка аз даҳонаш тухм мезояд.

— Акка тухми паррандаҳоро дигарро дуздида мехӯрад. Ту аҷаб не, дар нӯлаш тухмро дида... — ба ҳар ҳол эътироз кардам.

Миёни бачаҳо аз ин хусус баҳс бархосту мо ба ду гурӯҳ тақсим шудем ва оқибат бо даъвои худ ба назди муаллим рафтем. Муаллими зоологияамон "акка ҳам монанди дигар

мурғон тухм мекунад” гуфт, аммо ин сухан тарафи муқобилро қонеъ накард.

Дар деҳаи мо аккаро барои дуздиаш маломат кунанд ҳам, барои хабарбиёриаш аксар таҳсин мекунанд. Агар ба хонавода меҳмон ё ягон каси наздики он омаданӣ бошад, чанд соат пештар акка сар-сари боми он хонавода ҷаҳида, шақ-шаққунон хабар медиҳад. Балки алоқамандии шақ-шақи аккаю омадани меҳмон мавҳумот бошад, амма мардум ба дурустии ин амр сахт бовар доранд.

Акка дар сари бому девори мо ҳам борҳо шақ-шақ мекард.

— Даҳанатба қанду асал, мудом хушхабар биёр, — гуфта модарам зуд ба тайёрӣ ва рӯфтурӯби хонаю ҳавлӣ сар мекарданд.

Он солҳо деҳқонон ба давлат аз 15-20 сотих замини рӯидарича ва як модагову даҳ сар моли резаашон ҳар хел андоз медоданд: равған, гӯшт, тухм, пашм… Аз рӯи гуфти модарам баъзан андозчӣ омаданӣ бошад ҳам, акка шақ-шақ карда хабар медод. Агар андозро сари вақт надодагӣ бошанду омада, моҷаро сар кардани андозчиро нахоҳанд, очаам аккаҳоро бо кулӯх зада меронданд:

— Киш-е, исқот! Шақ-шақат сарата хӯрад, киш!

Ман ба он кас фаҳмонданӣ мешудам, ки бо аккаро рондан андозчӣ аз раҳаш гашта қафо намеравад. Он кас дар ҷавоби ман лабханд мекарданду бас.

Фаромӯш нашавад, сухан аз чормағзи маро дуздидани аккаҳо буд. Он солҳо дар кӯҳсори мо ҳанӯз кабк бисьёр буд ва шикори онро ҳам манъ накарда буданд. Ман саҳарӣ ба кӯҳ баромадаму дар сари як чашмае, ки кабку кабкчӯҷаҳо мудом ба он ҷо обхӯрӣ меомаданд, ҷела мондам.

Дар бозгашт гузорам аз чормағззор афтоду ба як дарахт баромада як бағал чормағзи кабуд кандам. Мағзаш пухта расидагӣ бошад ҳам, чормағз ҳанӯз ба осонӣ луччак намешуд. Ба ёдам расид, ки агар чормағзро ба реги тафсон гӯр кунам, ба осонӣ пӯсташ ҷудо мешавад. Зуд регзор ҳам ёфтам ва чуқур кофта чормағзро дар он гӯр кардам. Шох кашида сихмола кардаму паи поямро аз рег рӯфтам, то ки ягон кас аз ӯраам хабар наёбад.

Бо вуҷуди ин ҳама пешгирӣ, ҳафтаи дигар омадам, ки ӯраи чормағз холӣ! Кӣ бошад ҳам, ба майли хотир чормағзҳоро аз пӯсташ ҷудо карда гирифтаст. Пӯсти кабуди он, ки ҳоло дар офтоб сиёҳ шудаву печида, тоб хӯрда паҳну парешон буд, ба ин далолат мекард. Ҳайрон шудам. Дараки чормағзро кӣ фаҳмидаст? Чӣ хел? Охир одамизот саги бӯйгир не-ку! Дурусттар назар кунам, дар атроф на пайи одам, на пайи ҳайвон, фақат гӯгирдчӯб барин нақши пои парранда. Ба ёдам омад, боре аз дадаам пурсида будам: “Ба ин кӯҳҳо кӣ дарахти чормағзу бодом шинондагӣ?” “Аккаҳо, — гуфта буданд он кас. — Аккаҳои ало аз боғҳо чормағзу бодомро мегиранду ба ин ҷойҳо оварда дар таги сангу зов гӯр мекунанд, то ки зимистон хӯранд. Баъд баъзеи он мева дар хок монда, баҳори дигар ниҳол мерӯяд.”

Ин дам ду акка парида омаданду дуртар аз ман рӯи санг нишаста бо ҳам шақ-шаққунон ба гуфтугӯ даромаданд. Онҳо ба якдигар навбат надода шақ-шақ мекарданду беором аз санг ба санг меҷаҳиданд. Гумон мекардед агар наҷаҳанд, овози ин мурғон аз гулӯ намебарояд. Онҳо монанди аспи ишкел ду пои худро баробар бардошта, сабук ҷаҳида аз санг мегузаштанд. Ҳис кардам, ки онҳо чормағзи маро дуздидаанду ҳоло ба ҳоли ман механданд. Аламам бештар аланга гирифт.

“Аккаҳо чормағзи маро ба куҷо бурда руст кардаанд?” Фикр кардам-фикр кардаму оқибат ба хамин қарор омадам: ба ин ҷо боз каме чормағз гӯр мекунаму мепоям. Канӣ бинам, чормағзро ба куҷо мебаранд. Гап дар сари садта чормағз не, дар кӯҳ чормағз бисёр, ман намехоҳам, ки акка маро гӯл гумон кунад.

Аз қафои акка поидан кори осон набудаст! Ман аз хурдӣ каму беш бо шикор машғулам ва ҳар кас медонад, ки ин кор аз одам сабру бардошт талаб мекунад. Одами бесабр сайди калонро як сӯ монед, аз наҳр моҳӣ дошта наметавонад! Аммо бо ин аккаҳо тоқати мани пурсабр ҳам тоқ шуд. Акка чунон мурғи зираке будаст, ки ҳеҷ монед! Маро то як километр раҳ гусел карда, сонӣ омада чормағз мекашонанд. Ман аз дур ба кадом сӯ парвоз кардани онҳоро мушоҳида кардаму баъд чарх зада рафта, дар сари роҳашон руст шудам. Ба сару танам алаф баста дар байни шоххо чунон пинҳон гаштам, ки гӯё душмани маккореро мепоида бошам.

Хулласи калом, баъди меҳнати дуру дароз ба амбори аккаҳо наздик расидам. Ҳар ду ҳам дар нӯл чормағз парида омада ба ковокии санге медаромаданд. Парида омада, рост ба шахи “анбори худ” наменишастанд. Аввал дар канортар, болои санги баланде қарор гирифта, аз санг ба санг ҳаллос зада, бодиққат атрофро мушоҳида мекарданд. Баъди он ки хотирҷамъ шуданд, бо навбат ба ковокии санг даромада, бозьёфташонро гӯр карда мебаромаданд.

Ман реги камари шахро кофта ду-дуним кило барин чормағзу бодом ёфтам. Чормағзаш, асосан, чормағзи худам кандагӣ буд: лӯнда-лӯндаи лайс, мағзаш сафед. Ман чормағзи худамро ҷудо карда гирифтаму аз моли аккаҳо фақат ду дона бодом шикаста хӯрдам. Дигар дилам накашид ва онро

гирифтан ҳам нахостам. Баъд домани куртаамро ба даруни шим андохта, камарбандамро сахт кашида бастаму чормағзро даруни куртаам андохтам. Шақар-шақари чормағзи луччак дар бағал ба гӯшам форам мерасид, ё худ ин нашъаи ғалабаам буд, намедонам, ба ҳар ҳол, мисли он ки сайди калоне гирифта бошам, хушнуд будам.

Аз ковокии санг акнун берун мешудам, ногоҳ аз куҷое аккаҳо парида омаданду чунон ғавғо бардоштанд!.. Қариб дарафтанд-е! Яктааш чанд бор ба кифтам зада гузашт.

— Ана, ҳамин хел, аккаҳои дузд! Баъд аз ин коратонро донистa кунед, — ҷиддӣ гуфтам ман аз иҳотаи онҳо гузаштаравон. — Моли ҳаром ба тани ҳеҷ кас ош нашудаст, ба ин сухани бобои пирамон бовар кунед!..

Аккаҳо бо валвала аз санг ба санг ҷаҳида маро то хеле роҳ таъқиб карданд. Ман беихтиёр як байт шеъри дар байни бачаҳо машҳурро такрор ба такрор мегуфтаму медавидам:

Аккаи ало ду пар дорад,
Аз ҳар бало хабар дорад.

***Соли 1977***

## БО КӮЛБОРИ ВАЗНИН

Адиб чӣ гуна ба адабиёт меояд, ҳаргиз мушоҳида кардаед? Машғулияти аҷиб ва фараҳбахшест. Ман Баҳром Фирӯзро ҳамчун шоир мешинохтам. Аммо вакте ки соли 1972 дар журнали "Садои Шарқ" аввалин ҳикояи ӯро хондам, ба мушоҳида сар кардам. Ҳар чизе, ки ӯ чоп мекард, мехондам: ҳикояҳои хубашро ҳам, ҳикояҳои бадашро ҳам. Рӯзафзун ҳикояҳояш пухтатар, тасвир ва ҳадафи суханаш равшантар мегашт. Боре шунидам, ки муаллим Мирсаид Миршакар ба ӯ мегуфтанд: "Баҳром; шеърҳоят хубанд, аммо ҳикояҳоят хубтаранд. Умуман, насри ту рехтаю равон, табиӣ ва бамаъни аст".

Инак, ҳоло китоби сеюми насри ин адиби умедбахш дар дасти мост. Дилпурона болу пари худро рост карда, сухани худ, мавзуъ ва нуктаи назари худро ба зиндагӣ дарьёфтани вай, моро хурсанд мекунад. Ҳам повести "Решаи талх" ва ҳам ҳикояҳои ӯ аз як сарчашма — хотироти айёми бачагӣ ва наврасии адиб об хӯрдаанд.

Фалокати тасодуф се нафар наврасро дар ғори кӯҳӣ асир мекунад. Дар ин вазъи мушкил хислат ва ҷаҳони маънавии ҳар яке равшан мегардад. Адиб ба эҳсосот зиёда саргарм нашуда, решаҳои дури маънавиёти онҳоро тадқиқ мекунад. Воқеа дар ғор гузарад ҳам, дар пеши назар ҳаёти деҳа,

одамони он, хубу зишти онҳо ҷилвагар аст. Дар повесть таъсири амалиёти калонсолон ба наврасон боэътимод тасвир гардидааст. Қаҳрамони асосии повесть Рашид минбаъд ҷавонмарди меҳнатӣ, накӯкор, нисбат ба қаллобию фиреб, худписандию беинсофӣ номуросо гаштанаш аниқ аст.

Ҳикояҳои дар ин китоб гирд омада агарчӣ ҳар кадом як лахте аз зиндагии воқеӣ, як саҳнаи ибратомӯз аст, аз ҷиҳати банду баст ва бадеият бо ҳам ҳамсанг нестанд. Таҳлили муфассали онҳоро ба муҳаққиқони адабиёт ҳавола карда, ҳоло ҳаминро гуфтанием, ки муаллиф ба кори эҷодӣ саҳлгирона муносибат надорад.

Ҳикояи “Ҳақиқати талх”, ки ба назари мо аз ҳикояҳои беҳтарини ин маҷмӯа аст, бо хулосаи оддӣ, вале пурҳикмат хонандаро ба андеша водор мекунад. Ҳикояро хонда ба поён мерасонеду маҷбуред, боз хеле вақт фикр кунед, давоми вокеаро андешед. Банду басти бепечутоб, материали сара карда гирифтагӣ, образҳои табиӣ ҳикояро таъсирбахш кардаанд. Воқеаи дар назари аввал хурдакак ба ҳаёти бача таъсири амиқ гузоштааст: ду додар сагчаашонро ба чӯпони колхоз мефурӯшанду худро бо он тасаллӣ медиҳанд, ки саги онҳо рамаи колхозро бонӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, сирро аз падару модар руст мекунанд. Сонитар ихтилофе сабаб мешаваду додари хурдӣ сагфурӯшии акояшро ба падар хабар медиҳад ва бо ҳамин аз ҷазои кирдори худ халосӣ меҷӯяд. Аммо падар баръакс, ӯро сахттар ҷазо медиҳад: ҳам барои гуноҳаш, ҳам барои хабаркашиаш. Падар ба фурӯшандаи саг бо дард, бо нафрату алам чунон менигарад, ки ин нигоҳ аз ҳар ҷазое вазнинтар буд. “Нокас! Фақат нокас дӯсташро мефурӯшад”, — гуфтани падар дар гӯши ӯ як умр, баробари фарьёди сагчае, ки фурӯхта буданд, садо медиҳад.

Гирумони ҳикояи “Оғоз” тамоман дигар хел аст. Оҳанги латифи лирикӣ аз оғози муҳаббати поку беолоиши ду ҷавон гувоҳӣ медиҳад. Муаллиф эҳсосоти сӯзони ниҳонӣ ва самимияти бедоғи Ромишро ба дуруштию кӯрдилии Зафар муқобил мегузорад. Ромиш ҳар қадаре, ки аз дӯстию меҳрубонӣ, дилҷӯию дилнавозӣ лаззатёб аст, Зафар аз ин бахт маҳрум, худ бехабар маҳкуми бадбахтӣ ва нафрат аст.

Аз ҳама муҳиммаш, қаҳрамонони повесту ҳикояҳои Баҳром Фирӯз бофтаи хаёли адиб не, балки одамони зиндаю заминианд. Муаллиф аз масъалаҳои сарпеч ва мушкили ҳаёт ҳаргиз рӯ натофтааст, ӯ хуб медонад, ки сӯҳон кардани теғаҳои сартези ҳаёт дар адабиёт худфиребӣ аст. Зеро инсон хоҳ-нохоҳ, ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад ва он гаҳ нохушии андаке ба сари ҷавони ширинхаёл фоҷиаи азиме хоҳад буд. Бинобар он ҳам, адиб қаҳрамонони худро ҳамеша дар умқи зиндагӣ тасвир мекунад ва бо ҷузъиёти хаёт қонеъ намемонад.

Баҳром Фирӯз ба ҷодаи адабиёт бо кӯлбори вазнини таассуроти рангин кадам ниҳодааст. Дар ин роҳи мушкилписанд мо ба ӯ саломатию барори кор орзумандем.

***АБДУМАЛИК БАҲОРӢ***

## МУНДАРИҶА

**Р Е Ш А И  Т А Л Х** ........ 4

Б о б и  я к у м ........ 4

**Се тан дар роҳи аґба. Ғори саркашон.** ........ **4**

Б о б и  д у ю м ........ 16

**Дар зиндони табиат** ........ **16**

Б о б и  с е ю м ........ 30

**Дар ҷустуҷӯи хӯрок. Решачинӣ. Ба умеди алав.** ........ **30**

Б о б и  ч о р у м ........ 47

**Ҷонвари номаълум. Ҳар хел шубҳаҳо. Алав даргирифт!** ........ **47**

Б о б и  п а н ҷ у м ........ 63

**Ана гапу мана гап! Хирс! Баҳсу талоши шарикон. Умеди наҷот** ........ 63

Б о б и  ш а ш у м ........ 74

**Хирсро чӣ хел мекушанд? Борони баҳор. Хирс бедор мешавад. Самеъ дар ташвиш.** ........ **74**

Б о б и  ҳ а ф т у м ........ 86

**"Кӯррӯда"-и Рашид. Хирс бедор шуд. Аз дуд хабар ёфтанд. Задухӯрд** ........ **86**

Ҳ И К О Я Ҳ О ........ 99

ШАРИФ-АМАК ВА МИХАИЛ ПОТАПИЧ ........ 99

ҲАҚИҚАТИ ТАЛХ ........ 111

БЕРАҲМ ........ 124

ҚАСОСИ МОРИ АЙНАКӢ ........ 136

КАБКҶАНГ ........ 146

ШАҲРӢ ........ 160

ШИКАСТ ........ 169

ҲАМСАФАРОН ........ 178

ОҒОЗ ........ 186

АККАҲОИ ДУЗД ........ 200

**А.БАҲОРӢ.** БО КӮЛБОРИ ВАЗНИН ........ 206

Барои бачаҳои синни миёна ва калони мактабӣ

**БАҲРОМ ФИРУЗ**
*www.firuz.tj*

**КЛАД В РАЗВАЛИНАХ**

(на таджикском языке)

ИБ № 501

Муҳаррир **Бобо Ҳоҷӣ**
Рассом **Т. Самандаров**
Муҳаррири ороиш **В. Будный**
Муҳаррири техникӣ **Т. Любицкая**
Мусаҳҳеҳ **Д. Ҳоҷибекова**

Ба матбаа 7.03.78 супурда шуд. Барои чопаш 7.08.78имзо шуд. Коғази типографии № 2. Ҳуруфаш адабӣ-бадеӣ. Чопи баланд. КЛ 04563. Формати 70x108 1/32. Ҷузъи чопӣ 5 (70). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,63. Супориши № 4104. Адади нашр 10000. Нархаш 25 тин.

Нашриёти “Маориф”-и Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб,
Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб,
Душанбе, хиёбони Ленин, 37.